**БАРНОМАИ ҶАВОНОНИ ПЕШСАФ**

# Дастурамали I
# оид ба
# Маърифати Шаҳрвандӣ




Моҳи декабри соли 2013 такмил дода шудааст
Пешниҳод гардидааст ба: USAID/Ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна

**Дафтари «Барномаи Ҷавонони Пешсаф»-и Counterpart International**
**Хиёбони Рӯдакӣ 66, Хонаи 04, Душанбе 734001, ҶТ**

## АРЗИ СИПОС

Барномаи ҷавонони пешсафи (YLP) Каунтерпарт ба ҳамаи онҳое, ки вақт ва меҳнати худро дар таҳияи Дастурамали I-и YLP оид ба маърифати шаҳрвандии ғайрирасмӣ дареғ надоштанд, миннатдории худро изҳор мекунад. Дастурамали мазкур аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия гардида, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ тарҷума шудааст.

Дар таҳияи ва нашри дастурамали мазкур мутахxасисони бешумор саҳми назаррас гузоштаанд ва тавсия, маслиҳати онҳо дар таҳриру такмили мавод басо муҳиманд.

Мо ба Равшан Абдуллоев, Эдвард Лемон ва Мутриба Латипова барои таҳияи сохтори дастурамал ва мундариҷаи он; ба Нуриддин Қаршибоев, Нодира Раҳмонбердиева, Ҷенн Уиллиямсон, Дилрабо Иномова, Дилноза Мансурова барои таҳрир ва такмили минбаъдаи дастурамал; ва ба Тимур Юнусов, Шодибег Қодиров, Манзура Ҷураева, Рустем Тахиров, Наталя Кунтувдий, Азиз Шарифов, Ҳафиза Раҷабова, Малика Додоева, Назира Валиева, Фирдавс Нуров, Қурбонали Носиров, Назридод Мамадгазанов ва дигар аъзоёни гурӯҳи мақсадноки барномаи маърифати шаҳрвандӣ барои кӯмак ва дастгириашон дар такмили дастурамали мазкур арзи сипос менамоем.

Бо эҳтиром,

Фаррух Тюряев
Директори Барномаи ҷавонони пешсафи
Каунтерпарт Интернэшнл
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи USAID "Барномаи Ҷавонони Пешсаф" яке аз лоиҳаҳои сершумори кӯмаки мардуми Амрико мебошад, ки тавассути USAID ба мардуми Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Аз соли 1992 USAID дар Тоҷикистон зиёда аз 360 миллион доллари ИМАро барои кӯмак ба рушди иқтисодиёт, ниҳодҳои демократӣ, соҳаҳои тандурустӣ ва маорифи Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

## Мундарича

**Маълумот барои омӯзгорони барнома ....................4**

**Боби 1: Асосҳои маърифати шаҳрвандӣ....................11**

**Ифтитоҳ ва пазироӣ ....................13**

**Интизориҳо ва қоидаҳои асосӣ ....................13**

**Боби 2: Ҳуқуқи инсон. 4 Категорияи асосии ҳуқуқи инсон қонуният, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо ....................17**

**Боби 3: Таҳаммулпазирӣ ва созиш....................30**

**Боби 4: Дин ва Ҳуқуқҳо ....................34**

**Боби 5: Ҷомеа ва ҳокимияти маҳаллӣ ....................38**

**Боби 6: Фаъолияти ихтиёрӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ........44**

**Боби 7: Маҳорати гузаронидани гуфтушунидҳо....................54**

**Боби 8: Маҳорати суханронии умумӣ, баромад ва мубоҳиса....................60**

**Боби 9: Рушди имконоти ҷавонон ....................68**

**Боби 10: Фаъолияти гурӯҳҳои ташаббускор ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ. Пешкаш намудани нақшаи амали шахсӣ....................75**

**Замимаҳо....................80**

**Замимаи А. Воситаҳои фаъолгардонӣ ва ҳамкорӣ дар таълими инъикоскунандаи хусусиятҳои гендерӣ ....................80**

**Замимаи Б. Луғатномаи гендерӣ....................86**

**Замимаи В. Луғатнома оид ба ҳуқуқи инсон ....................91**

**Замимаи Г. Машғулиятҳои иловагӣ барои таълими Ҳуқуқи инсон....................97**

**Замимаи Д. Гузаронидани арзёбии масъалаҳои гендерӣ ....................103**

**Адабиёт....................106**

## Маълумот барои омӯзгорони барнома

Курси маърифати шаҳрвандии ғайрирасмии мазкур барои амалӣ кардани як қатор мақсадҳои асосӣ ба амсоли андӯхтани дониш оид ба таҷрибаҳои демократӣ ва ниҳодҳо, омӯзиши ақидаҳо ва арзишҳои демократӣ, пешниҳоди малакаю маҳорати шаҳрвандӣ ва ҷалби ҷавонон барои иштироки комилу бошуурона дар корҳои ҷамъиятӣ таҳия шудааст. Он ҳамчунин ба ҷавонон барои фаъолона ширкат варзидан дар ҳалли масъалаҳои мавҷуда дар ҷамеаҳои худ метавонад ёрӣ диҳад.

Дар асоси баҳодиҳӣ ва санҷишҳои барномаҳои маърифати шаҳрвандии қаблӣ (USAID-2002*. Усулҳо барои Маърифати шаҳрвандӣ: Дарсҳои азхудкардашуда)* ва барои баланд бардоштани самараю таъсири ин иқдом тавсияҳои зерин пешниҳод шудаанд, ки барои кафолати самаранокии иқдомҳои минбаъда аз гурӯҳҳои мунтахаб муҳим ҳастанд:

1. **Дарсҳо бояд мунтазам баргузор шаванд,** зеро ҳар қадар чорабиниҳо бисёр доир гарданд, ҳамон қадар гурӯҳи мунтахаб майл ба азхуд кардан ва нигоҳ доштани ахборот пайдо мекунад;

2. **Методҳои таълимии гуногун ва муштарак истифода бурда шаванд, зеро** методҳои дарси интерактивӣ нисбат ба дарси ғайрифаъол (анъанавӣ) ба монанди маърӯза ё тақсими маводҳо, ки қаблан бисёртар истифода мешуд, пурсамартар буда ба дараҷаҳои баланди тағйироти мусбӣ оварда мерасонанд.

3. **Усулҳо аз лиҳози гендерӣ ҳассос мебошанд:** омӯзгор бояд ба ҷараёни баробарии гендерии дарс аҳамият диҳад – яъне таъсири нақш ва қоидаҳои маданиву иҷтимоӣ ба қобилияти писарону духтарон барои дарк ва аз худ кардани мазмуни таълим, ичунин рафтор ва муоширати байни духтарону писарон дар ҷараёни муҳокимаи масъалаҳо ва иҷрои вазифаҳои таълим, ба эътибор гирад. Омӯзгор бояд шароити бехатар ва хайрхоҳро, ки иштироки мақсадноки духтаронро таъмин мекунад, муҳаё намояд. Ба реша давондани қоида, муносибат, эътимод ё рафторе, ки ба нобаробарии гендерӣ оварда мерасонанд роҳ надиҳад. Дар машғулиятҳои минбаъда маълумоти иловагӣ оид ба гузаронидани фаъолиятҳо ва дарсҳо бо назардошти ҳассосии гендерӣ пешниҳод карда мешавад. Агар шумо бо истилоҳоти гендерӣ шинос набошед ва оид ба масъалаи мазкур зиёд омӯхтан хоҳед, аз номгӯйи истилоҳоти гендерӣ, ки дар Замимаи Б оварда мешавад ва инчунин аз маводи иловагӣ истифода бурда метавонед.

4. **Омӯзгорон** бояд аз муҳити маҳал огоҳ бошанд ва мутобиқи он фаъолияти хешро пеш баранд, зеро дараҷаи малакаи касбии омӯзгор ба сифати курс таъсири бевосита мерасонад. Омӯзгори курси маърифати шаҳрвандӣ бо вуҷуди доштани таасуроти амиқу устувор дар бораи гурӯҳи мунтахаб, бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва пайдо кардани маълумоти ҷадид бошанд.

**Ҳамзамон:**

- Бо истифода аз роҳу усулҳои гуногун монеаҳое, ки бар зидди иштироки доимӣ равона шудаанд, пеш аз амалӣ намудани барнома бартараф намоед.
- Ҷиҳати дар барномаи маърифати шаҳрвандии сиёсӣ ва иҷтимоӣ тавассути ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ё шахсони расмии давлатӣ барои бевосита иштирок намудани гурӯҳ дар барнома шароит фароҳам биёред.
- Ба мавзӯҳое, ки бевосита ба ҳаёти ҳаррӯзаи одамон мувофиқат мекунанд эътибор диҳед. Роҳбарони барнома бояд аввал проблемаҳои аввалиндараҷаи мардумро муайян намуда, сипас барои ба таври демократӣ ва маъмурӣ ҳал шудани онҳо мусоидат кунанд.
- Ба такмили омӯзиши омӯзгорон бояд сармоягузорӣ кард, зеро таҳияи курси муҳим ва методҳои таълим, омӯзиши барандагон дар пешрафти курси маърифати шаҳрвандӣ муҳим аст.
- Ба масъалаҳои гендерӣ диққат диҳед, зеро духтарон назар ба писарон дар масъалаҳои иштирок дар ҳаёти ҷомеа, истифодабарии захираҳо ва арзишҳои фарҳангиву маданӣ бештар ба монеаҳо дучор мешаванд.

**Банақшагирӣ**

- Банақшагириро дар атрофи монеаҳое, ки барои иштироки доимӣ халал мерасонанд, ба роҳ монед – хуб мешуд, ки агар гурӯҳҳое, ки барномаи маърифати шаҳрвандиро татбиқ менамоянд пеш аз оғози барнома тамоми монеаҳо ва проблемаҳоро ҳал кунанд.

- Гузаронидани арзёбии гендерӣ пеш аз оғози барнома барои муайян намудани баъзе проблемаҳои мушаххасе, ки писарону духтарон рӯбарӯ мешаванд, ёрӣ мерасонад. Барои гузаронидани арзёбии гендерӣ аз намунаҳои воситаҳои арзёбии Замимаи Е истифода баред. Агар вақт ё нарасидани мавод ба гузаронидани арзёбии гендерӣ монеа шаванд, он гоҳ роҳбарони барнома низ масъалаҳои зеринро ҳал намуда, боварӣ ҳосил намоянд, ки бо аъзоёнӣ мард ва занони ҷомеа маслиҳат карда, ақидаҳои онҳоро ҳангоми банақшагирии машғулиятҳо ва фаъолиятҳои таълимӣ ба эътибор мегиранд.

- Дар асоси маслиҳат ва тавсияҳо ба нақаш гирифтани машғулият зарур аст. Аз ин лиҳоз гузаронидани барномаҳои фарогири ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ ба мақсади расонидани ёрӣ ба писарону духтрон дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ хеле муҳим аст.

    - Ба духтарону писарон кай дар вохӯриҳо ва машғулиятҳо иштирок кардан мувофиқтар аст?

        - Духтарону писарон вақташонро чӣ гуна мегузаронанд? Оё онҳо баъд аз дарсҳо ба ягон кор машғуланд – ба монанди кори хонагӣ, кор,

корҳои хоҷагӣ, нигоҳубини аъзоёни оила, рафтан ба масҷид ва амсоли он, ки вақти холигии онҳоро маҳдуд менамояд?
    - Оё писарону духтрон метавонанд пас аз шом аз хона берун бошанд? Оё ин қоида барои писарону духтарон фарқ мекунад? Чӣ тавр ва барои чӣ?

- Агар духтарон дар машғулият иштирок кардан хоҳанд, он гоҳ чӣ ба онҳо монеа шуда метавонад?
    - Аҳли оила иштироки духтаронро дар машғулиятҳо дастгирӣ мекунанд ё баръакс монеа мешаванд? Оё ин масъала барои писарону духтарон аз ҳамдигар фарқ мекунанд? Чӣ тавр ва чаро?
    - Оё ба духтарон бе ҳамроҳ аз хона дур рафтан иҷозат дода мешавад? Оё онҳо ба шахси ҳамроҳ ниёз доранд? Кӣ метавонад онҳоро ҳамроҳӣ кунад? Оё дар ин масъала фарқ байни писарон ва духтарон вуҷуд дорад? Чӣ тавр ва чаро?

- Оё шумо боварӣ ҳосил кардед, ки мавзеи гузаронидани вохурӣ ё машғулият барои писарону духтарон мувофиқ ва бехавф аст?

- Пеш аз вохӯрӣ ва ё машғулият боварӣ ҳосил кардед, ки дар ин мавзеъ ҳоҷатхонаи алоҳида барои писарон ва духтарон вуҷуд дорад?

- Оё шумо боварӣ ҳосил кардаед, ки нақлиёти мувофиқ барои ба мавзеи машғулият омадан ва ба хона рафтани иштирокчиён вуҷуд дорад?

**Дастурҳои таълими ба масъалаҳои гендерӣ ҳасос**

Баъзе масъалаҳои маданӣ на танҳо иштироки духтарону занонро дар машғулияти таълимӣ маҳдуд мекунанд, балки ба иштироки фаъоли онҳо дар чунин машғулият монеа мешаванд. Дар аксари ҳолатҳо занон бо овози баланд гап намезананд ва мардон ҳангоми муҳокимаронӣ аз ин истифода бурда, зиёд сухан мегӯянд. Одатҳои маданӣ, сохтори иҷтимоӣ ва муносибати гендерӣ ба сатҳи иштироки занону мардон таъсир мерасонанд.

Зиёда аз ин, агар ба масъалаҳои гендерӣ аҳамияти ҷиддӣ дода нашавад, он гоҳ имконияти алоқаманд кардани ақидаҳои демократия, ҳуқуқи инсон ва пешсафие, ки занонро ба истифодаи ин ҳуқуқҳо омодда мекунад, аз байн меравад.

*Барои чӣ омӯзиши ба масъалаҳои гендерӣ ҳасос заруранд?*

Занон, мардон, писарону духтарон нақшҳои гуногун, масъулияти мухталиф ва иқтидори гуногуни қабули қарорро доранд. Билохир, онҳо талабот ва бартариҳои гуногун доранд ва ин хусусиятҳо бояд ҳангоми банақшагирии машғулиятҳо ба эътибор гирифта шаванд.

Омӯзиши ба масъалаҳои гендерӣ ҳасос аслан ба омӯзиши гендер нигаронида нашуда, ҳатто масъалаҳои гендерӣ дар он бевосита матраҳ намешаванд ё нобаробарии гендерӣ баррасӣ намегардад. Омӯзиши ба масъалаҳои гендерӣ ҳасос ба мақсади таъмини иштироки баробари занону мардон дар ҷараёни таълиму омӯзиш тавассути фаъолиятҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

- Таҳияи барномаи таълиму омӯзиш, машғулиятҳо ва фаъолиятҳое, ки хоҳиши мардону заноро ба эътибор мегирад;
- Шумораи муайяни занон/духтаронро дар байни иштирокчиён таъмин менамояд;
- Истифодаи усулҳои гуногун, ки иштироки фаъоли занон/духтарон ва мардон/писаронро таъмин намуда, малакаҳои гуногуни таълимро фаро мегиранд;
- Таъмини фазои мусоиди таълимӣ барои занон/духтарон ва мардон/писарон;
- Ба роҳ мондани муносибат ва рафторе, ки таҷриба ва ақидаҳои гуногунро қадр мекунад;
- Таъмини имконияти гӯш кардан ва эҳтироми таҷриба ва ақидаҳои якдигар;
- Ба роҳ мондани таҷрибаи хуби муошират, ки нофаҳмоӣ, рад кардан, таҳқир кардан муайян шуда, ҳал мегарданд ва иштирокчиён ба ҷараёни таҳқиқи омилҳо, ақидаҳо ва дастгирии арзишҳо ва талабот баргардонда мешаванд.

*Мундариҷа ва воситаҳои таъмини масъалаҳои ҳасоси гендерӣ*

Завқи занон/духтарон ва мардон/писарон вобаста ба нақш ва талабот аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ақидаҳои гендерӣ бояд ҳам ба муҳтаво ва ҳам ба воситаҳои таълим ҳамгиро карда шаванд. Танҳо илова кардани «назари занон» кифоя нест. Баъзан муҳтавои таълим завқи занону мардонро таъмин наменамоянд, аз ин лиҳоз муҳокимаи васеи масъалаи мазкур муҳим аст. Муҳтавои омӯзиш низ метавонад масъалаҳои гендериро инъикос карда, намунаҳоро аз таҷрибаи ҳам занон ва ҳам мардон фаро гирифта, фарқият ва монандии ин таҷрибаҳоро муайян намояд ва истифодаи ин таҷрибаҳоро дар ҷараёни татбиқи барномаҳои соҳавӣ таъмин кунад.

*Тренерон оид ба масъалаҳои инъикоскунандаи масъалаҳои гендерӣ*

Новобаста аз мавзӯи омӯзиш, хоҳ мавзӯи ҳуқуқи инсон, идоракунии маҳаллӣ, банақшагирӣ ва таҳияи буҷет ё ҳатто малакаи гуфтушунид кардан, тренерон бояд аз унсурҳои гуногуни инъикоси масъалаҳои гендерии ин мавзӯъҳо огоҳ бошад. Чӣ тавр занон ва мардон ба идоракунии маҳаллӣ шомиланд/дастрасӣ доранд ва аз хизматрасонии онҳо то кадом андоза истифода мебаранд; чӣ тавр ҳуқуқи занон тавассути хушунати оилавӣ поймол мешавад, усули гуногуни муошират ва гуфтушунид, барқарор карда мешавад. Ин омилҳо набояд ҳамчун масъалаи «беруна» ва ҳатто хамчун «масъалаи занон» шинохта шаванд; омилҳои мазкур бевосита ба проблема алоқаманд буда, бояд барои дарёфти роҳи дурусти ҳалли он равона гарданд.

Аз ин лиҳоз, тренерон бояд дар бораи масъалаҳои гендерии ба мавзӯи омӯзиш мувофиқ маълумоти кофӣ дошта бошанд. Донистани масъалаҳои гендерӣ барои ба нақша

гирифтани мӯхтавои омӯзиш ва истифодаи усулҳои гуногуни таълим, ки ҷараёни омӯзиш ва азхудкунии маводи таълимро самаранок гардонда, ҳалли дурусти масъалаҳои гузошташударо ба миён меоранд, ёрӣ мерасонад.

Бори дигар қайд карданием, ки *омӯзиши инъикоскунандаи хусусиятҳои гендерӣ маънои баррасии баробарии гендерӣ ва хушунати гендериро надорад,* дар он ба эътибор гирифтани нақши занону мардон ва саҳми онҳо, инчунин махсусияту талаботи гуногуни онҳо дар маркази диққат аст.

*Усулҳои омӯзиши инъикоскунандаи хусусиятҳои гендерӣ*

Тренер бояд омилҳои зеринро ба мақсади инъикос кардани хусусиятҳои гендерӣ дар таҳия ва татбиқи омӯзишҳо ба эътибор гирад:

- Донистан ва таъкид кардани нозукиҳои гендерии ба мавзӯъ мувофиқ ва шинохтану ҳамгиро кардани унсурҳои гендерие, ки аз тарафи иштирокчиён пешниҳод карда мешаванд;
- Мушоҳида ва ҳалли нофаҳмиҳои гендерие, ки аз тарафи иштирокчиён ва тренерон пайдо мешаванд;
- Аз истифодаи мафҳум ва ақидаҳое, ки метавонанд ба мардони занон ба таври манфӣ таъсир расонанд, худдорӣ кардан;
- Агар маводи таълимӣ ба таври мушаххас мардон ва занонро фаро нагирад ё яке аз ҷинсҳоро мадди назар кунад, чунин мавод ақидаи муҳим набудани нақш ва саҳми мардону занонро дар ҳалли масъалаҳои фаннӣ тақвият медиҳад; агар маводи инъикоскунандаи хусусиятҳои гендерӣ оид ба мавзӯъ дастрас набошанд, боварӣ ҳосил намоед, ки то кадом андоза ин мавод зарур аст, таъкид намоед, ки мавод фарогир аст ва кӯшиш намоед, ки ин норасоиро ҳангоми муаррифии мавзӯъ ба эътибор гиред.
- Истифодаи расм, диаграмма ё мусавваараҳое, ки дар он занону мардон якҷоя ҳамчун иштирокчиёни фаъоли ҷараёни ҳалли масъала ё муҳокимаи он нишон дода шудаанд.
- Ибора, мафҳум ва намунаҳоеро истифода баред, ки баробарии гендериро инъикос карда, барои ҳама мувофиқ бошанд; на танҳо ба эътибор гирифтани саҳм ва арзишҳои занону мардон, балки на ҳамаи намунаҳо ба занону мардон, ки мундариҷаи мушаххаси гендериро фаро мегиранд, ба ҳама мувофиқанд (масалан, агар занон ба тарзи кори автомобил ошно набошанд, шумо наметавонед тарзи кори системаи сӯзишвории мошинро ҳамчун намунаи кори мембранаи ҳуҷайра истифода баред ва ин намуна воситаи хуби аёнӣ шуда наметавонад);
- Сохтори омӯзиш ё тренингро ба мақсади таъмини иштироки фаъолияти занон мутобиқ созед;
- Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳам духтарон  ва писарон ақидаҳои худро иброз дошта, суханони якдигарро гӯш мекунанд ва ҳамдигарро ҳурмат мекунанд;

- Фазои таълимие ташкил намоед, ки занону мардон худро ором, бехатар ва ҳавасманд ҳис карда, ақидаҳояшонро ифроз доранд ва бо занону мардоне, ки ақидаҳои гуногун доранд ҳамкорӣ кунанд;

- Ҳамчун роҳбалад фаъолият намоед ва «муҳтавои таълимро тавассути фаъолият ба роҳ монед» - тренер набояд тараферо дар мубоҳиса афзалият диҳад (ё қисми иштирочиён шояд ҳис кунанд, ки тренер «бар зиддӣ» онҳост), вале ӯ бояд ба натиҷаҳои мубоҳиса тавассути саволҳо ва фароҳам овардани имконият барои ифрози ақидаҳои гуногун таъсир расонад.

- Барои фаъол гардонидани занон ва барои онҳо фароҳам овардани имконияти сухан гуфтан кӯшиш кунед.

***Малакаи роҳбаладӣ (фасилитаторӣ): фактҳоро аз ақидаҳо фарқ кунед***

Одатан ҳангоми муҳокимаи масъалаҳои мушаххаси гендерӣ аксари фикру ақидаҳо аз фактҳо/далелҳо авлотар гузошта мешаванд. Агар байни далелҳо ва ақидаҳо фарқ мушаххас бошад, он гоҳ эҳтимоли сар задани моҷаро дар мубоҳисаҳо аз байн меравад. Далелу ақидаҳо бояд қабул карда шаванд, вале ҳар яки онҳо нақш ва вазифаи худро дошта бошад. Дурустӣ ва пуррагии назаре, ки ҳамчун далел пешниҳод карда мешавад, бояд санҷида шавад. Назаре, ки ҳамчун ақида пешниҳод мешавад бо вуҷуди мухолифи ақидаҳои дигар буданаш, бояд эҳтиром карда шавад. Малакаи асосии тренер аз байн бурдани нофаҳмиҳо ва пас кардани сатҳи моҷаро (ҳиссиёт) тавассути муайян кардан ва аз байн бурдани нофаҳмиҳо байни далелу ақидаҳо, мебошад. Дар ин сурат ҳиссиёт ва хотири иштирокчиён бояд ранҷ набинад.

*Ҳамкорӣ дар синф бо риояи масъалаҳои гендерӣ*

Илова ба масъалаҳои гендерӣ омилҳои зиёди дигар ба ҷараёни таълим ва омӯзиши хонандагон ва иштирокчиён таъсир мерасонанд. Гуногунии анъанаҳо, инчунин фарқияти синнусолӣ, қобилияти ҷисмонӣ ва ҷараёни азхудкунии маводи таълим ва иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ таъсири муҳим мерасонанд. Инчунин аксари ин омилҳо аз масъалаҳои гендерӣ сарчашма мегиранд. Ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки фарқияти мазкур ба қобилияти иштирокчиён дар ҷодаи иштироки фаъолу самарабахш дар ҷараёни таълим таъсири назаррас мерасонад.

Муошират ва ҳамкорие, ки байни тренер ва иштирокчиён ё байни худи иштирокчиён ба роҳ монда мешавад ба таҷрибаи таълмии ҳар иштирокчӣ таъсири бузург мерасонад. Баъзе роҳу усулҳоро барои идораи ҷараёни машғулиятатон ба эътибор гиред: Шумо танҳо иштирокчиёне, ки даст боло мекунанд мепурсед? Бо кӣ/киҳо шумо аксари вақт муошírати нигоҳиро ба роҳ мемонед? Тавассути воситаҳои ғайринутқӣ кадом ахборро гуфтанӣ мешавед? Шумо одатан ҳангоми суханронии иштирочиён ба онҳо аҳамият медиҳед ё ба кори дигар машғул мешавед? Киро таъриф мекунед? Аз кӣ/киҳо зиёд талаб мекунед?

Барои дарёфти тавсияҳои иловагӣ оид ба воситаҳои таълими ба масъалаҳои гендерӣ нигаронидашуда, ки дар Замима А пешниҳод шудаанд, назар афканед. Тавассути роҳу усулҳои мазкур шумо метавонед тамоми гурӯҳро ба фаъолиятҳои таълим ҷалб

карда, ба фарқияти байни иштирокчиён, ки ба сатҳи иштироки онҳо таъсир мерасонад аҳамият дода, барои онҳо шароити хуби таълимро фароҳам оред.

*Ҳавасмандгардонии иштироки духтарон*

Ҳатто дар гурӯҳҳои калонсолон, аз ҷумла мутахассисон ва олимон, иштироки занон на он қадар фаъол буда, ақидаҳои онҳо, ки саволҳои камтар пешниҳод мекунанд ва дар табодули таҷриба низ ками андар кам ҷалб мешаванд. Дар чунин гурӯҳҳо мардон нисбатан ба дониши худ эътимод дошта, ақидаҳояшонро пешниҳод намуда, онро ҳамчун ақидаи тамоми гурӯҳ талқин мекунанд. Ба мақсади ислоҳ кардан ва ба мувозинат даровардани чунин вазъият тренер бояд кӯшиш кунад, ки шахсони шармгинро ба сухан гуфтан ва ба ҷараёни муҳокимаву хулосабарорӣ водор намояд.

Барои таъмини иштироки фаъоли занон дар ҷараёни машғулият, тренер якчанд мавзӯъҳоеро интихоб мекунад, ки занон дар ин самт донишу таҷрибаи зиёдтар дошта бошанд. Инчунин тренер бевосита аз якчанд иштирокчии зан хоҳиш менамояд, ки доир ба масъала фикру ақида ва таҷрибаашро ба аҳли гурӯҳ пешниҳод кунад – ба ин васила таҷрибаи онҳо қадр карда мешавад.

Истифодаи усулҳои ҳамкорӣ ба монанди кортҳо барои қайд ва кор дар гурӯҳҳои хурд аксари иштирокчиёнро ба фаъолият ҷалб мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо ташкили гурӯҳҳои алоҳидаи занону мардон муфид аст: ин ба занон имконият медиҳад, ки фаъолона масъаларо муҳокима карда, саҳм гузоранд, чунин тарзи ташкили кор ба муайян намудани ақидаҳои мухталифи мардону занон ёрӣ расонда, назари гуногунро тавъам месозад.

Роҳҳои дигари ҷалби занон ба ҷараёни машғулият:

- Воситаҳои навиштани махфиёна – ҳама гуна вазифаҳои навиштанро (аз ҷумла, кортҳо барои пешниҳоди ақидаҳо, эссеи хурд, баҳодиҳӣ, овоздиҳӣ, саволномаҳо ё дар флипчарт навиштан) метавон ба таври махфиёна ба роҳ монд. Ин дар навбати худ ба иштирокчиён имконияти пешниҳоди озоди ақидаҳои интиқодиро фароҳам меорад. Дар хотир дошта бошед, ки агар шумо тарзи махфиёнаи навиштанро истифода баред, он гоҳ аз гуфтани ҷумлаҳои «кӣ инро гуфтааст?» ё «ин чӣ маъно дорад» бояд худдорӣ намоед (Аммо шумо аз гурӯҳҳо пурсида метавонед, ки онҳо дар ин бора чӣ фикр доранд? Яъне шумо мехоҳед, ки доир ба ин масъала муҳокимаронии иловагӣ ташкил намоед).
- Иштирокчиёнро ба муаррифӣ даъват кардан ба баланд шудани сатҳи иштироки занон саҳм мегузорад; агар аз сабаби камии вақт танҳо баъзе иштирокчиён муаррифӣ карда тавонанд, он гоҳ боварӣ ҳосил намоед, ки шумораи баробари занону мардон ба муаррифӣ ҷалб мешаванд.
- Усули «Блитс-пурсиш» (яъне тренер савол медиҳад ва аз касе, ки дарҳол ба ҷавоб додан омодда аст, мепурсад) ин нисбат ба мардон номувофиқ аст, зеро онҳо баро дар назди ҷамъият сухан рондан одат кардаанд. Вақте ки оид ба ақида ва таҷрибаи иштирокчиён пурсон мешавед, шумо метавонед тартиби ҷавоб доданро байни занону мардон тақсим намоед. Дар хотир дошта бошед, ки одатан занон то тамом шудани суханони мардон интизор мешаванд ва дар аксари ҳолатҳо вақти барои муҳокимаронӣ ҷудошуда тамом мешавад ва онҳо имконияти сухан гуфтанро аз даст медиҳанд. Барои ҷалби тамоми иштирокчиён теренер метавонад бо навбат тамоми

иштирокчиёнро пурсад. Усули дигар аз шахс ё гурӯҳи мушаххас пурсидани ҷавоб буда, онро бо гуфтани «Мехоҳам аз шахсоне, ки ҳоло сухан нагуфтаанд ҷавоби ин саволро шунавам» ба роҳ монда метавонед.

## АСОСҲОИ МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДӢ — БОБИ 1

<table>
<tr><td colspan="3">НАҚШАИ ДАРС</td></tr>
<tr><td colspan="2">Мақсад:<br><br>Баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши ҷавонон оид ба мақсад, вазифаҳо ва муҳтавои барномаи маърифати шаҳрвандӣ ва ҳавасманд гардонидани онҳо барои иштирок дар барнома.</td><td>Вазифаҳо:<br>• Барқарор намудани робита байни иштирокчиён тавассути муоширату муколама, ҳамкорӣ, ба миён овардани муносибатҳо ва фазои мусоид барои инкишофи минбаъда.<br>• Таҳияи қоида ва талаботҳои зарурӣ, бо назардошти шаклҳои муошират барои иштирок дар курсҳои омӯзишӣ, ки дар дар давоми 10 ҳафта амалӣ мешаванд;<br>• Гузоштани мақсад ва муҳокимаи натиҷаҳои ниҳоие, ки бо хатми барнома ба даст оварда мешаванд.</td></tr>
<tr><td>Вақт</td><td>Фаъолият</td><td>Мавод</td></tr>
<tr><td>20 дақиқа</td><td>Ифтитоҳ ва пазироӣ<br>• Омӯзгорони барномаи маърифати шаҳрвандӣ иштирочиёнро ҳайрамақдам мегӯянд.<br>• Омӯзгорони барномаи маърифати шаҳрвандӣ худ ва дигар омӯзгоронро ба иштирокчиён шинос мекунанд.<br>• Иштирочиён худро шинос мекунанд.<br>• Бақайдгирии иштирокчиён.</td><td>Флипчарт бо навиштаҷоти «Хуш омадед» бояд пешакӣ омодда карда шавад.<br><br>Флипчарт бо навиштаҷоти «Номи худ, синф ва рақами мактабатонро гуфта, сабаби дар машғулият иштирок карданатонро шарҳ диҳед» бояд пешакӣ омодда карда шавад.<br><br>Варақаи бақайдгирӣ</td></tr>
<tr><td>30 дақиқа</td><td>Интизориҳо ва қоидаҳои асосӣ<br>• Интизориҳои барномаи маърифати шаҳрвандӣ<br>• Интизориҳои иштирокчиёни барнома</td><td>Флипчарт, маркерҳо<br>Тақсими «Дастур барои иштирокчиён»</td></tr>
<tr><td>30 Дақиқа</td><td>Мундариҷа ва муҳтавои барнома<br>• Таҳлили машғулиятҳо ва вазифаҳои барнома</td><td></td></tr>
</table>

| | | |
|---|---|---|
| | • Ангезиши зеҳн: Чӣ тавр барномаи мазкур ба шумо фоида мерасонад? | |
| **10 Дақиқа** | Хулоса ва ҷмаъбаст<br>• Ҷамъбасти дарс<br>• Саволу ҷавоб | |
| **95 дақиқа** | **Вақти умумӣ** | |

## Ифтитоҳ ва пазирой

Омӯзгорони барномаи маърифати шаҳрвандӣ машғулиятро бо хайрамақдам гуфтани иштирокчиён оғоз карда, худ ва омӯзгорони дигарро ба иштирокчиён шинос менамоянд. Мақсади барномаро ба иштирокчиён муаррифӣ карда, онро муҳокима мекунанд.

Маърифати шаҳрвандӣ – ҳамчун таҳсилоти ғайрирасмӣ, яке аз унсурҳои муҳимми омӯзиш ба шумор рафта, ба шаҳрвандон ёрӣ медиҳад, ки дар ҷараёни рушду инкишоф ва демократикунонии ҷомеа ширкат намуда, ҳуқуқҳояшонро истифода баранд ва бо донишу малакаю маҳорати лозима ӯҳдадориҳояшонро ба иҷро расонанд. Барномаи маърифати шаҳрвандӣ инчунин маълумотро оид ба таърих, маданият ва анъанаҳои мамлакатро фаро мегирад.

Аз ишторочиён хоҳиш намоед, ки бонавбат худро муаррифӣ карда, ном, синф, рақами мактаб ва мақсади иштирокашонро гӯянд.

Ёвари омӯзгори барнома бояд ҳамаи иштирокчиёнро дар варақаи бақайдгирӣ қайд кунад. Дафтари қайди иштирокчиён бояд ҳар машғулият истифода шавад.

## Интизориҳо ва қоидаҳои асосӣ

Омӯзгори барномаи маърифати шаҳрвандӣ якҷоя бо иштирокчиён бояд қоидаҳои асосии иштирок дар барномаро таҳия намуда, зарурати онро шарҳ диҳанд ва риоя кардани онҳоро таъкид намоянд. Баъд аз тартиб додани қоидаҳои асосӣ омӯзгори барномаи маърифати шаҳрвандӣ ҷадвали машғулиятҳои барномаро ба иштирокчиён супорида, интизориҳои барномаро мушаххас баён мекунад.

Барои тартиб додани қоидаҳои асосӣ аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки рӯйихати қоидаҳоро таҳия кунанд. Ин ҷараён онҳоро фаъол гардонда, ба онҳо имконият медиҳад, ки қоидаҳоро аз худ кунанд. Ин онҳоро ба риояи қоидаҳои тасдиқшуда водор менамояд ва ӯҳдадор мегардонад.

Аҳли синфро ба гурӯҳҳои хурд муттаҳид карда, аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки дар бораи «Чӣ барои таъмини фаъолияти самараноки таълимии машғулият зарур буда, барои муҳокимаи проблемаҳо ва мавзӯъҳои ҳасос муҳим аст?» фикр кунанд. Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки 3 қоидаи асосӣ тартиб диҳанд. Сипас муҳокимаи умумӣ гузаронда, аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки як рӯйихати умумӣ таҳия намоянд.

Агар иштирокчиён дар таҳияи қоидаҳои асосӣ мушкилӣ кашанд ё қоидаҳои мушаххасе, ки ба фикри омӯзгори барномаи маърифати шаҳрвандӣ муҳимманд таҳия карда натавонанд, он гоҳ омӯзгор метавонад намуна/тавсия пешниҳод карда, аз иштирокчиён хоҳиш намояд, ки ба қарори умумие оянд. Намунаҳои қоидаҳои асосӣ чунин буда метавонанд:

1. Ба савол бодиққат гӯш дода, дигаронро ҳангоми суҳбат кардан эҳтиром намоед;

2. Барои аниқ сохтани нофаҳмиҳо савол диҳед;
3. Суханони якдигарро набуред;
4. Дар асоси таҷрибаи худ сухан гӯед, аз номи омма сухан нагӯед (Ҷонишини «ман»-ро истифода баред, на «онҳо», «мо» ва «шумо»);
5. Саривақт ба машғулият ҳозир шавед;
6. Ба якдигар савол диҳед, аммо ақидаи якдигарро ҳурмат карда, ба шахсият ҳуҷум накунед – диққатро ба мавзӯъ равона созед;
7. Тамоми қобилиятатонро истифода баред – рушди ҷомеа тавассути фарогирии ақидаҳои ҳар як фард сурат мегирад;
8. Ба ҷойи нодуруст ҳисобидани нақли касе тавассути барассии таҷрибаи ӯ, нақл ва таҷрибаи худро ба дигарон пешкаш намоед;
9. Ҳадафи омӯзиш розӣ шудан нест – балки шунидан ва таҳқиқи ақидаҳои гуногун аст;
10. Ба иммову ишора ва воситаҳои ғайринутқи аҳамият диҳед – онҳо метавонанд ба монанди сухан таъсири сахт дошта бошанд;
11. Бе далел ақидаҳоро пешниҳод накунед.
12. Аз паст задани шахси дигар даст кашед;
13. Дар асоси шарҳу эзоҳи шахсони дигар ақида пешниҳод кунед; ба мақсади дарки тарафайн фаъолият кунед;
14. Инони муҳокимаро дароз ба даст нагиред; ба дигарон имконият сухан гуфтан ва ибрози ақидаро фароҳам оваред.

***Тавсияҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ***

Дастгирии баробарӣ ва ҳасосияти гендериро дар ҷараёни таҳияи қоидаҳои асосӣ фаромӯш накарда, эҳтиром ва дасгирии ҳар як аъзои гурӯҳро таъкид намоед. Қоидаҳои асосиеро, ки ба баробарии гендерӣ мусоидат карда, рафтор ва муносибати пастзанандаро пешгирӣ мекунанд, қабул намоед. Таҳияи қоидаҳо ва тартибот дар оғози барнома имконият медиҳад, ки муносибати мусбат ва муҳокимаи солим ба роҳ монда шуда, иштирокчиёнро водор менамояд, ки баробарии гендериро амиқ дарк кунанд.

Баъд аз қабули қоидаҳои асосӣ омӯзгори барномаи маърифати шаҳрвандӣ бояд ба ҳар яъзои барнома як нусхаи онро пешкаш намояд (онро чоп карда, дар давоми машғулияти оянда супоридан мумкин аст).

Омӯзгори маърифати шаҳрвандӣ қоидаҳои асосиро, ки дар флипчарт навишта шудаанд дар ҷойи намоёни синф меовезад. Он бояд дар ҷараёни ҳамаи машғулиятҳо намоён бошад. Дар ҳолати риоя накардани қоидаҳо омӯзгор ва иштирокчиён метавонанд ба он мурочиат намоянд.

Боварӣ ҳосил кунед, ки аз иштирокчиён қоидаҳои асосиро дар аввали машғулият ва тез-тез дар ҷараёни барнома мепурсед. Агар аз марҳалаи оғози машғулиятҳо ба риояи қоидаҳои диққати махсус надиҳед, он гоҳ ин кор дар ҷараёни таълим мушкилтар мегардад. Муҳим он аст, ки худи омӯзгори барномаи маърифати шаҳрванди ин қоидаҳоро ба пуррагӣ риоя кунад.

**Мундариҷа ва муҳтавои барнома**

Омӯзгорони барномаи маърифати шаҳрвандӣ бояд мундариҷа ва муҳтавои барномаро барои 10 ҳафта ба иштирокчиён муаррифӣ намоянд.

Барномаи маърифати шаҳрвандии мазкур 10 машғулият ва 8 мавзӯъро фаро мегирад. Мундариҷа ва мақсадҳои ҳар як машғулият чунинанд:

**Дарси 1**. Муқаддимаи курс. Ба ҷавонон имконият фароҳам оварда мешавад, ки бо якдигар шинос шуда, қоидаҳо, мақсаду интизорихо, ҷадвал ва нақшаи курсро фаҳманд. Мавзӯи нахустини курс - «Пешсаф ва фаъолияти пешсафӣ»-ро баррасӣ намуда, иштирокчиён бо мафҳуми пешсафӣ ва аҳамияти нақши он дар рушди ҷомеа шинос мешаванд.

**Дарси 2.** Ҳуқуқи инсон. Иштирокчиён мафҳумҳои «Ҳуқуқи инсон», «Қонуният» ва «Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо»-ро меомӯзанд.

**Дарси 3.** Дин ва ҳуқуқҳо. Ҷавонон мафҳумҳои ба монанди «давлати дунявӣ» «динҳои ҷаҳонӣ» ва «гуногунандешии фарҳангӣ»-ро азхуд менамоянд.

**Дарси 4.** Ҷомеа ва ҳокимияти маҳаллӣ. Ҷавонон роҳҳои чӣ тавр дар рушди ҷомеаҳои хеш иштирок карданро аз худ менамоянд.

**Дарси 5 - 6.** Фаъолияти ихтиёрӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва фаъолият ба манфиати ҷомеа. Ҷавонон мафҳуми марбут ба фаъолияти ихтиёрӣ, масъулият ба тақдири ҷомеа ва аҳамияти кор ба манфиати ҷомеаро тавассути ширкати фаъолона дар рушди он аз худ менамоянд.

**Дарси 7.** Малакаю маҳорати гузаронидани гуфтушунидҳо: Иштирокчиён усулҳо, воситаҳо ва малакаю маҳорати махсус, ки низоъро бартараф мекунанд ва инчунин барои ҳалли проблемаҳои ҳаррӯза мусоидат мекунанд, меомӯзанд.

**Дарси 8.** Маърӯза, суханронӣ дар назди халқ ва малакаю маҳорати муҳокимаронӣ: Ҷавонон малакаи суханронӣ ва маҳорати муоширати худро такмил дода, чӣ тавр дар назди халқ баён намудани ақидаҳои худро меомӯзанд.

**Дарси 9.** Рушди имкониятҳои ҷавонон. Иштирокчиён роҳҳои баланд бардоштани қобилияти пешсафиро дар ҷомеа, инчунин аҳамияти таҳияи иқдомҳо, лоиҳаҳо, фаъолият ва дигар чорабиниҳоро аз худ менамоянд.

**Дарси 10.** Пешниҳоди нақшаи амалии иштирокчиён.

*Ангезиши зеҳн*

Мақсади фаъолияти мазкур муайян кардани фоидаи шахсии иштирок дар барнома барои ҷавонон аст. Ҳадаф оғоз намудани муколама ва муҳокимаи таъсири эҳтимолии

машғулияти мазкур ба ҳар иштирокчӣ ва баррасии таъсири ин барнома ба ҳаёти онҳо мебошад.

Аҳли синфро ба гурӯҳҳои хурд муттаҳид намоед. Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки саволҳои зеринро муҳокима карда, ба онҳо ҷавоб гардонанд:

1. Дар ҷомеаи шумо бароятон чӣ бештар маъқул аст? Дар мамлакататон чӣ?
2. Чӣ шуморо дар ҷомеаатон бештар халал мерасонад? Дар мамлакататон чӣ?
3. Кадом хусусиятҳо/сифатҳо шахсро пешсафи хуб мегардонад?
4. Оё барои тағйир додани ҷомеаатон ё ба дунёи худ таъсир расондан ба шумо калонсол будан шарт аст? Чаро ҳа? Чаро не?

Баъди муҳокимаи саволҳо дар гурӯҳҳои хурд ба муҳокимаи умумӣ гузаред. Иштирокчиёнро водор намоед, ки оид ба хусусиятҳои мусбат ва манфии ҷомеа ва мамлакати худ фикр кунанд. Кадом амали хубро онҳо мехоҳанд дастгирӣ кунанд ва маҳфуз нигоҳ дорад? Кадом амал бояд ислоҳ ва тағйир дода шавад? Кадом хусусиятҳои пешсафӣ бояд дар ниҳоди онҳо ва дигарон такмил дода шаванд? Ҳамчун аҳолии ҷавон онҳо чиро тағйир дода метавонанд? Онҳо чӣ тавсия дода метавонанд?

Муҳокимаи мазкурро бо натиҷаҳои барнома алоқаманд кунед – яъне иштирокчиён дар ҷараёни азхудкунии барнома чиро меомӯзанд, то пешсаф шуда, ба ҷомеа таъсири мусбат расонанд?

## Хулоса

Қадамҳои асосии машғулиятро таҳлил карда, ба саволҳои иштирокчиён ҷавоб гардонед.

| ҲУҚУҚИ ИНСОН. 4 КАТЕГОРИЯИ АСОСИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН, ҚОНУНИЯТ, ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲО | БОБИ 2 |
|---|---|

| НАҚШАИ ДАРС | |
|---|---|
| **Мақсад:** Баланд бардоштани дониши иштирокчиён оид ба ҳуқуқи инсон ва имкониятҳо барои риояи он. | **Вазифаҳо:**<br>- Огоҳ намудани иштирокчиён дар бораи ҳуқуқ ва ӯҳдадориашон.<br>- Фаҳмонидани мафҳуми "Ҳуқуки инсон", "Қонуният" ва "Қонун" барои ҷавонон<br>- Шинос намудани ҷавонон бо шароитҳои риоя ва ҳимояи ҳуқуқи худ ва ҳуқуқи дигарон. |

| Вақт | Машғулият | Манбаъҳо |
|---|---|---|
| 5 дақиқа | Бақадгирии иштирокчиён | Рӯзнома |
| 20 дақиқа | Инсон будан чӣ маъно дорад? | Флипчарт ва маркер |
| 20 дақиқа | Ҳуқуқ чист? | Флипчарт ва маркер |
| 10 дақиқа | Ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Флипчарт ва маркер |
| 30 дақиқа | Категорияҳои ҳуқуқи инсон | Варақаи категорияҳо |
| 20 дақиқа | Баробарӣ, гуногунӣ, таҳаммулпазирӣ | Варақа бо моддаи 17-уми Конститутсия (Сарқонун) |
| 15 дақиқа | Фаъолият оид ба ҳуқуқи инсон | Флипчарт ва маркер |
| 5 дақиқа | Хулоса | |
| 125 дақиқа | **Вақти умумӣ** | |

**Бақайдгирӣ**

Иштирокчиёнро дар дафтари бақайдигӣ қайд кунед.

**Муқаддима: Инсон будан чӣ маъно дорад?**

1. Калимаҳои «ИНСОН» ва «ҲУҚУҚ»-ро дар сатри болои флипчатр ё лавҳи синф нависед. Дар поёни калима «инсон» як давра ё суроби инсонро кашед.

2. Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки нишонаҳои инсонро муайян кунанд ва калима ё нишонаҳоро дар дохили расми одам (ё давра) нависанд. Масалан, «доно», «ҳасос» ва ғайра.

3. Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки гӯянд «Барои ҳифз, баланд бардоштан ва рушди ин сифатҳои инсон чӣ зарур аст?» Ҷавобҳои онҳородар беруни давра нависед ва аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки ин ақидаҳоро шарҳ диҳанд. Масалан, «таҳсилот», «дӯстӣ», «дӯст доштани оила» (Эзоҳ: Рӯйихати мазкурро барои дар машғулияти оянда истифода бурдан маҳфуз нигоҳ доред).

4. Муҳокима:

- Инсони комил будан чӣ маъно дорад? Он аз «зинда будан» ё «эмин будан» чӣ фарқ дорад?
- Дар асоси рӯйихати мазкур гӯед, ки барои дар муросо зиндагӣ кардани инсон чӣ лозим аст?
- Оё ҳамаи одамон дар асл баробаранд? Арзиши гуногунии одамон дар чист?
- Оё ягон сифатҳои «аслии» моро аз мо маҷбуран гирифтан мумкин аст? Масалан, танҳо одамон метавонанд бо забони мураккаб муошират кунанд; оё бо гум кардани қобилияти сухан гуфтан шумо ҳамчун инсон шуморида мешавед?
- Агар шахси алоҳида ё ҳукумат аз нафаре чизи заруриашро гирад (ё маҳдуд созад) чӣ ҳодиса рух медиҳад?
- Агар аз ягон чизи ба инсон зарур шумо даст кашида бошед, чӣ ҳодиса рух медиҳад?

***Тавсияҳ оид ба масъалаҳои гендерӣ***

Кӯшиш кунед, ки ҳам аз мардон ва ҳам аз занон ба саволҳо ҷавоб гиред. Боварӣ ҳосил кунед, ки ҳама дар муҳокима ширкат меварзанд ва «инсон» ба мафҳуми «мард» ё ба ақидаҳои доминантӣ баробар карда нашавад. Ба ҳамкорӣ ҳидоят кардани иштирокчиён басо муҳим буда, назари умумиро оид ба маънои мафҳуми «инсон» ба миён оварда, ба онҳо имконият медиҳад, ки инсонро ҳамчун марду зани дорои дини мухталиф, намояндаи халқияти гуногун ва амсоли он шиносанд.

5. Ба иштирокчиён фаҳмонед, ки ҳама хусусиятҳои дар дохили давра навиштаашон ба сифатҳои инсон нисбат додашуда, инсон буданро мефаҳмонанд. Ҳар чизе, ки дар атрофи давра навишта шудааст барои ҳастии инсон заруранд. Ҳуқуқҳои инсон дар асоси ҳамин зарурият пайдо мешаванд.

6. Ҷумлаҳои поёнро, ки аз Эъломияи байналхалқии ҳуқуқи инсон оварда шудаанд бо овози баланд хонед ва фаҳмонед, ки ин ҳуҷҷат стандарти рафтори одамонро нисбат ба ҳамдигар муайян карда, эҳтироми шахсияти ҳар инсонро таъмин менамояд:

*… шинохтани хусусиятҳои хос ва ҳуқуқҳои баробарӣ ҳамаи аъзоёнӣ оила инсонӣ асоси пойдории озодӣ, адолат ва сулҳ дар ҷаҳон мебошад ...*

Сарсухан
Эъломияи байналхалқии ҳуқуқи инсон

*Ҳамаи одамон озод ва бо ҳуқуқҳои баробар таваллуд мешаванд. Онҳо ақл ва виҷдон дошта, бо ҳамдигар бояд ҳамчун бародарон муносибат кунанд.*

Модаи 1
Эъломияи байналхалқии ҳуқуқи инсон

**Ҳуқуқ чист?**

1. Маъноҳои гуногуни калима «ҳуқуқ»-ро аз хонандагон пурсед. Ибораҳои маъмулро истифода баред, ба монанди «Мо дар доираи ҳуқуқҳои худ амал мекунем» ё «Шумо ҳуқуқ надоред, ки чунин гӯед». Маъноҳои гуногуни калимаи «ҳуқуқ»-ро дар тахтаи синф нависед. Маънои калимаи «ҳуқуқ» дар ибораи «ҳуқуқи инсон» чист?

2. Дар гурӯҳҳои хурд ё бо аҳли синф барои мафҳуми «ҳуқуқи инсон» шарҳ/таъриф таҳия намоед ва ин намунаҳоро дар тахтаи синф нависед. Кӯшиш кунед, ки таърифе таҳия намоед, ки аҳли синф ба он розӣ шаванд ва онро дар флипчарт нависед.

3. Таърифи «ҳуқуқи инсон»-ро дар тахтаи синф нависед:

*Ҳуқуқҳои инсон ба ҳамаи одамон новобаста ба ҷинс, нажод, ранг, забон, миллат, синну сол, табақа, дин ё ақидаи сиёсӣ таалуқ доранд. Онҳо универсалӣ, ҷудонопазир, тақсимнашаванда ва баҳампайванд мебошанд.*

4. Таърифи мазкурро бо таърифи гурӯҳҳо муқоиса намоед. Кадом қисмҳо монананд? Кадом қисмҳо аз ҳамдигар фарқ доранд?

5. Аз иштирочиён пурсед, ки зери мафҳуми универсалӣ чӣ мефаҳманд? Ҷудонопазирӣ чӣ? Тақсимнашаванда? Баҳампайвандро чӣ гуна мефаҳманд?

6. Ба рӯйихати хусусиятҳо инсон, ки дар фаъолияти пештара муайян карда будед, бори дигар назар афканед.

7. Дар флипчарт ё тахтаи синф калима ва ибораҳои «Зинда мондан», «қадри инсон» ва «рӯзмарра ва боигарӣ»-ро нависед. Маънои ибораҳоро муҳокима кунед.

8. Нақшаи дар фаъолияти якум кашидаатонро истифода баред. Ҳама чизе, ки ҳамчун маводи зарурӣ барои рушди ҳаматарафи инсон муайян кардаро дар поёни яке аз ин ибораҳо ҷо диҳед. Масалан, оё таҳсилот барои зинда мондани инсон зарур аст? Барои қадри инсон чӣ? Оё таҳсилот эътимод аст ё боигарӣ/дастнорас?

9. Муҳокима:

- Оё ҳуқуқи инсон танҳо бояд зарурати инсонро барои зинда мондан муайян кунад? Чаро ҳа? Чаро не?
- Оё ҳуқуқҳои инсон он чизе, ки шумо дар зери мафҳуми «рӯзмарра ва боигарӣ» навишта будед ҳиф намояду халос? Чаро ҳа? Чаро не?
- Баъзеи одамон дар ҷаҳон танҳо чизе, ки барои зиндагӣ кардани онҳо зарур аст доранд ва баъзеи дигар боигарӣ ва эътимои комил доранд. Оё ин адолат аст? Ин поймол кардани ҳуқуқҳои инсон аст?
- Оё барои баробар намудани қадри инсон ягон амалро иҷро кардан мумкин аст? Чӣ бояд кард? Чӣ тавр? Аз тарафи кӣ?
- Ҳуқуқҳои инсон кадомҳоянд, барои чӣ онҳо заруранд ва чӣ гуна онҳо ба шахс вобастаанд?

***Тавсияҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ***

Боварӣ ҳосил кунед, ки ҷавобҳои иштирочиёни мард ва занро қабул мекунед. Фарқи ҷавобҳои занону мардонро ба қайд гиред – оё чизҳое, ки занону мардон ҳамчун «зинда мондан» ва «рӯзмарра ва боигарӣ» муайян кардаанд якхелаанд ё аз ҳамдигар фарқ мекунанд? Чаро чунин аст? Оё гурӯҳ ҳангоми муҳокимаронӣ ҳуқуқҳои як гурӯҳро назар ба гурӯҳи дигар авлотар медонанд? Агар ин ҳодиса рух диҳад, он гоҳ ин нуктаро қайд кунед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки гӯянд барои чӣ баъзе гурӯҳҳо назар ба гурӯҳҳои дигар ҳуқуқҳои бештар доранд? Онҳоро ба дарки маънии ҳуқуқҳои баробар водор намоед.

**Ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон**

Ба иштирокчиён фаҳмонед, ки ҳуқуқҳои инсон маҷмӯи стандартҳое/талаботе мебошанд, ки бе онҳо инсон бошарафона зиндагӣ карда наметавонад. Поймол кардани ҳуқуқҳои шахс маънои ӯро ҳамчун инсон нашинохтан аст. Пешбарии ҳуқуқҳои инсон маънои талаб

кардани эҳтироми ҳуқуқҳои ӯ мебошад. Рушди ҳама гуна милла, мамлакат ё ҷомеа аз шахсиятҳои алоҳида вобастагӣ дорад, зеро кул аз ҷузъ таркиб ёфтааст. Ақидаи ҳуқуқи инсон барои баланд бардоштани мавқеи фард, худшиносии ӯ, фаъолии иҷтимоӣ ва шаҳрванди огоҳ буданашро фаҳмонда, ғулом набудани онҳоро тасдиқ карда, ҳуқуқҳои онҳоро дастгирӣ намудан аст. Дар натиҷа ба одамон имконияти инкишофи шахси фароҳам оварда мешавад. Эҳтироми ҳуқуқи инсон назар ба омилҳои иқтисодӣ дар рушди мамлакат муҳимтар аст. Он ба ҷомеа имконияти рушду нумуъро фароҳам меорад. Масалан, ришвагирӣ аз байн меравад.
Эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва шахс принсипҳои асосие мебошанд, ки аз тарафи одамони гуногуни рӯйи олам шинохта шудаанд. Чуноне ки қайд шуда буд қонунҳои байналхалқӣ ба монанди Эъломияи байналхалқии ҳуқуқи инсон принсипҳои умумибашарии ҳуқуқҳои инсонро матраҳ сохта, аз ҳамаи мамлакатҳоро водор месозад, ки онҳоро риоя кунанд. Эҳтироми ҳуқуқҳои инсон махсусан дар Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои мамлакат қайд шудааст.

- Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки ягон модаи Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳуқуқҳои инсон бахшида шудаанд гӯянд. Ҷавобҳои онҳоро дар флипчарт нависед.

Шояд шумо модаҳои поёнро ҳамчун мисол ба иштирокчиён пешниҳод кардан хоҳед. Ин модаҳои Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди ҷомеаи тоҷик махсусан мувофиқанд:

> *«Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.» (Моддаи 5, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).*
>
> *«Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёси, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.» (Моддаи17, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).*

- Аз иштиокчиён хоҳиш намоед, ки гӯянд дар асл ин модаҳо дуруст татбиқ мешаванд.
  - Намунаҳои мушаххас кадоҳоянд? Чӣ ҳодиса ба вуқуъ пайваст?
  - Ҳуқуқҳои кӣ поймол шуданд? Ҳуқуқҳои кӣ ҳифз шуданд? Оё фарқ байни ягон гурӯҳ дида мешуд (мардон, занон, гурӯҳҳои динӣ, халқиятҳо, муҳоҷирон, гурӯҳҳои сиёсӣ ва ғайра)?
  - Кӣ ба ин масъала диққат дода, онҳоро тағйир дода метавонист?

Ҳарчанд ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар ҳуҷҷатҳои гуногун дарҷ шуда бошанд ҳам, аксари одамон то ҳол аз ҳуқуқҳои худ огаҳ нестанд ё он ҳуқуқҳо таъкид карда намешаванд.

- Аз гурӯҳҳо пурсед, ки агар ҳама аз ҳуқуқҳояшон огаҳ бошанд чӣ мешавад?

Ҳар як шаҳрванд бояд ҳуқуқҳои худро доданд, то ҳифз ва ё поймолкунии онҳоро назорат кунанд. Агар шумо ҳуқуқҳоиятонро надонед шахси дигар метавонад аз шумо истифода бурда, шуморо ба надоштани ҳуқуқ бовар кунонад. Бо донистани ҳуқуқҳоятон шумо метавонед поймолшавии онҳоро пеш гирифта, барои пурра риоя шудани онҳо кӯшиш кунед. Шумо бояд на танҳо ҳуқуқҳоятонро номбар карда тавонед, балки аз ин зиёдтар амал кунед. Шумо бояд мушаххас донед, ки кай ва чӣ тавр бояд онҳо дар вазъиятҳои гуногун истифода шаванд.

- Аз гурӯҳ пурсед: «Оё эҳтироми ҳуқуқҳои инсон маънои «ҳар шахс амали мехостаашро иҷро мекунад»-ро дорад? Барои чӣ?

Ҳуқуқҳои инсон на танҳо худшиносӣ ва қадри шахси алоҳида, балки эҳтироми дигаронро низ фаро мегирад. Он бояд байни ду присип баробар тақсим шавад:

**Озодӣ -** ин қобилияти бошууронаи интихоб кардани чи тавр рафтор кардан дар асоси хоҳиши озоди шахс мебошад. Он мустақилияти муайяни шахсро аз шароит ва вазъияти беруна дарбар мегирад.

**Қонун** – ҳамеша маҳдудияти қисман дар озодиҳои инсон, ки ба ҳамзистии шаҳрвандони озод зарур аст.

**Категорияҳои ҳуқуқҳои инсон**

1. Дар ин фасл омӯзгори барномаи маърифати шаҳрвандӣ диққатро ба навъҳои мушаххаси ҳуқуқи инсон равона мекунад. Ҳар омӯзгор бояд чор вароқи калон, ки дар онҳо категорияҳои гуногун навишта шудаанд, пеш аз машғулият омода намуда, ба аҳли синф намоиш диҳанд.

2. Номи чор категорияро хонда, аҳли синфро ба чор гурӯҳи хурд муттаҳид намоед. Ба ҳар гурӯҳ як категорияро таъин намоед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки ҳуқуқи ҳар категрияро муайян карда, рӯйихати ҳуқуқҳои мушаххасро мувофиқи категорияҳо тартиб диҳанд:

| | |
|---|---|
| Ҳуқуқҳои шахсӣ | Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ |
| Ҳуқуқҳои сиёсӣ | Ҳуқуқҳои маданӣ |

3. Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки ақидаҳояшонро муаррифӣ намоянд. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки фарқи байни ҳуқуқҳои як категорияро аз дигар шарҳ диҳанд. Вақте ки ҳамаи гурӯҳҳо ақидаҳояшонро пешниҳод мекунанд аз хонандаон хоҳиш намоед, ки ахбори поёнро аниқ сохта онро муҳокима намоянд, ҳуқуқҳои ҳар як категорияро муҳокима намоед.

**Ҳуқуқҳои шахсӣ**. Хукукхои шахси барои ҳар як инсон новобаста аз миллат, ҷинс, синну сол, қавм, мансубияти этникӣ ва динӣ муҳим ва зарур ба шумор мераванд.

Ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқҳои зеринро дарбар мегиранд:

- **Ҳуқуқ ба ҳаёт** яке аз муҳимтарин ва дахлнопазиртарин ҳуқуқ барои ҳар як инсон мебошад. Воқеан, ҳаёти инсон арзиши воло дорад. Дигар ҳуқуқҳо дар ҳолати фавтидани инсон мазмун ва моҳияташонро гум мекунанд. Ин ҳуқуқи асосӣ ду ҷабҳаи муҳим дорад. Аввалан, ҳуқуқи инсон бояд аз ҳамагуна зӯроварии ғайриқонунӣ озод бошад.

- **Ҳуқуқ ба дастовард** хосияти асосии ҷамъиятҳои рушдкарда мебошад**.** Он асосан дар сатҳи байналхалқӣ пазируфта шудааст**.** Ба ягон инсон набояд зӯроварӣ ё бадӣ ва ё муносибати ғайриинсонӣ карда шавад, зеро он ҳисси шаъну шарафи ӯро маҳдуд мекунад. Одамон ба таҷрибаҳои илмӣ ва тиббӣ бидуни розигиашон ҷалб карда намешаванд.

- **Ҳукук ба озоди ва амният.** Ҳар як инсон ҳуқуқ ба озодӣ ва амният дорад, ин чунин маънӣ дорад, ки ҳеҷ кас ҳабс карда намешад ва таҳти назорат қарор дода намешавад, ба истисноии натиҷаи қарори суд ва тибқи меъёр, ки қонуни миллӣ муқаррар кардааст.

- **Вайрон кардани хона** онро мефаҳмонад, ки ба вайрон кардани моликияти шаҳсии инсон иҷозат дода нашудааст. Зарбулмасали англисии «Хонаи ман қасри ман аст» моҳияти қонуни конститутсиониро ифода мекунад. Инсон дар доираи қонун метавонад дар хонаи худ, ҳар он коре, ки хоҳад кунад. Дар ҳолатҳои муайян, нигоҳ доштани ҳаёти инсон ва моликият ё бевосита таъқиби инсонҳо, ки бо содир кардани ҷиноят гумонбар шудаанд, хонаҳо метавонанд, аз ҷониби кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ мусодира карда шаванд.

- Ба ҳар як инсон махфигии **нома навиштан, бо телефон муошират кардан ва дигар маълумоти шахсӣ** кафолат дода шудааст. Вале ин ҳуқуқ ҳангоми тафтишоти ҷиноятӣ поймол карда мешавад.

- **Ҳуқуқ ба махфигӣ ва маълумот.** Ягон кас ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии дигар инсон дахолат карда наметавонад. Ҷамъ, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот дар бораи инсон бе розигии ӯ, ба истисноии ҳолатҳо, ки қонун барои манфиати амнияти миллӣ муайян намудааст, манъ карда шудааст. Далели кафолат додани Конститутсия дар бораи рад кардани ин ё он маълумоти нодуруст, ки аз ҷониби давлат дар барои онҳо ва оилаашон нигоҳ дода мешавад, вуҷуд дорад. Шаҳрвандон ҳуқуқ ба ҷуброни ин ё он зарари моддӣ ва ахлоқӣ, ки тавассути ҷамъ кардан, нигоҳ доштан, истифода бурдани чунин маълумоти нодуруст доранд.

- **Озодӣ ба амалиёт**. Ҳар шахсе ки дар ҳудуди Тоҷикистон қонунан вуҷуд дорад, ба ӯ озодии амалиёт, озодона интихоб кардани манзил, ҳуқуқи озодона мамлакатро тарк намудан бо назардошти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонун кафолат дода мешавад.

- Конститутсия ба ҳар як инсон **озодии фикр ва сухан кардан барои озодона баён намудани ақидаҳо ва бовариҳоро** кафолат медиҳад. Ҳар як шахс озодона

тавассути интихобҳои васеъи худ ҳуқуқи баён намудани ақидаҳояшро дорад. Истифодаи ин навъи ҳуқуқҳо аз тарафи қонун бо назардошти масъалаҳои зерин маҳдуд карда шудааст: а) манфиатҳои амнияти миллӣ, дахлнопазирии территориявӣ б) риояи қарори давлатӣ в) пешгирии ҷиноят г) пешгирии ошкор кардани ахбороти махфии қабулшуда д) ҳимояи адолат.

- **Ҳуқуқ ба озодии фикр рондан ва дин** озодона эътироф кардан ё накардани ин ё он динро дарбар мегирад. Ин ҳуқуқи ҳар як инсон таҳти созишномаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (Моддаи 18) мебошад. Истифодаи ин ҳуқуқ танҳо дар он сурат маҳдуд карда намешавад, ки ба манфиати низоми халқ ва ё барои ҳимояи ҳуқуқҳо ва озодии дигарон бошад.

**Ҳуқуқҳои сиёсӣ:** Ҳуқуқҳои сиёсӣ ва озодиҳо дар мқуоиса бо ҳуқуқҳои шахсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ва дигар ҳуқуқҳо, ки ба шаҳрванди давлат будан зич адоқаманданд, дар тафовут мебошанд.

- **Озодии матбуот ва иттилоот.** Принсипи асосии озодии матбуот ба ҳар як шахс ҳуқуқи пайдо кардан ва қабул кардани маълумотро медиҳад. Ин он маъниро дорад, ки аз ҳама гуна мақомотҳои давлати, намояндагии он ва инчунин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ талаб карда мешавад, ки ба ҳамаи тарафҳои манфиатманд, дар бораи фаъолияташон маълумот пешниҳод намоянд, ки чунин маълумотҳо сири давлати нестанд.

- **ВАО** махсусан муҳим ба хисоб меравад. Конститутсия озодии ахборотро кафолат медиҳад. Он инчунин **лоиҳи интишор буданро манъ мекунад.**

- **Ҳуқуқи чамъият.** Ҳуқуқи чамъият бунёди ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё ғайрихукуматиро, махсусан ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳо ҷамъиятҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои шаҳрвандиро дарбар мегирад. Ҳар як шахс на танҳо барои ташкили чунин чамъиятҳо дар якҷояги бо хамфикрон, балки ба ташкилотҳои созмондодашуда ҳамроҳ шуда, дар фаъолияти онҳо иштирок карданро дорад.

- **Ҳар як шахс ба бунёди чамъият ҳуқуқ дорад.** Нисбати касбҳои муайян аз ҷумлаи, судяҳо, прокурор ва мутахассисони ҳарбӣ  маҳдудиятҳои қонунӣ вуҷуд доранд.

- **Давлат озодии ассосиатсияҳои ҷамъиятиро кафолат медиҳад.** Ба ғайр аз истисноҳо, ки аз ҷониби қонунҳо ва Конститутсияи Тоҷикистон муайян шудаанд, давлат ба фаъолиятҳо ва мақсадҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ дахолат карда наметавонад.

- **Ягон шахс** барои ҳамроҳ шудан ба ташкилоти ҷамъиятӣ маҷбур карда намешавад.

- **Ҳуқуқ ба ассамблеяи сулҳ ва намоишҳои эътирозии халқӣ**: Ҳар як шахс ҳуқуқ ба ассамблеяи сулҳ бидуни яроқҳо ва гузаронидани митинг, намоишҳои эътирозӣ, маршҳо ва пикетҳо дорад. Мақсади ин амалиётҳо овоз додан ба проблемаҳои шаҳрвандон, баён намудани манфиатҳои умумии онҳо, изҳори дастгирӣ ва

мухолифат нишон додан ба сиёсати давлатӣ ва ё баланд бардоштани огоҳии халқ дар бораи ин он масъала мебошад.

- **Ҳуқуқ ба ширкат намудан дар корҳои давлатӣ.** Ин ҳуқуқ дар доираи моддаҳои гуногуни Конститутсия, ки ба демократия тааллуқ доранд, мустаҳкам карда шудааст. Он махсусан ҳуқуқи шаҳрвандон дар иштирок намудан дар райпурсиҳо ва интихоботҳои озод, ки барои мақомотҳои давлатӣ гузаронида мешаванд, мебошад.
- **Ҳуқуқ ба интихоб ва интихоб шудан**. Ин ҳуқуқ дар инкишофи давлатҳо асосӣ мебошад. Интихоботи шахсони расмии давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ имконияти бевосита барои назорат бурдани мардум аз болои шахсоне, ки онҳоро идора мекунанд, фароҳам меорад. Ҳуқуқ ба интихоб ва интихоб шудан (ҳуқуқҳои овоздиҳӣ) ба шаҳрвандон ҳиссиёти мансубият ба давлатро баланд бардошта, онҳоро водор месозад, ки давлатро барои амалиётҳояшон масъул шуморанд.

- **Дастрас будан ба хизматрасониҳои давлатӣ.** Ин ҳуқуқи демократӣ барои пешгирӣ кардани бюрократикунонии дастгоҳи давлатӣ, табдил ёфтани он ба ташкилоти мустақил ва ҷудо намудани он аз мардум хело муҳим мебошад. Он баробарии шароитҳоро ба ҳар як шаҳрванд барои истифода аз хизматрасониҳои халқӣ ба монанди тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро дарбар мегирад. Илова бар ин баробарии шароитҳоро барои дастрас будан ба кор таъмин мекунад. Ҳуқуқи ягон шахсро аз рӯи қавм, ҷинс, миллат, забон, синф, манзил, эътиқодҳои динӣ ва аъзогиаш ба ҷамъиятҳои халқӣ поймол кардан ғайриқонунӣ мебошад.

- **Ҳуқуқи муроҷиат кардан ба суд.** Шаҳрвандон ҳуқуқи шахсан ва инчунин аз номи фард ва коллектив пешниҳоди муроҷиатномаро ба мақоматҳои давлатӣ доранд. Қонунҳои Тоҷикистон ба фардҳо имконият фароҳам меорад, ки ахборро талаб кунанд, номаи шикоятӣ ё пешниҳод ба ягон мақомот ва ё ба президент фиристонанд. Ҷавоб додан ба ҳамаи ин муроҷиатҳо масъулияти давлат ба шумор меравад. Он ҳам масъалаҳои шахсӣ ва ҳам халқиро дарбар мегирад.

  Ин ҳуқуқ аз қобилияти пешниҳод кардани муроҷиатномаи (дархостномаи) коллективӣ аз ҷониби шаҳрвандонро иборат мебошад.

  Ҳуқуқи муроҷиат намудан нишон медиҳад, ки таъсири шаҳрвандон ба қарорҳои давлатӣ ва ҳуқуқи онҳо ба интихоби мансабдорони давлатӣ маҳдуд карда нашудааст. Тавассути пешниҳодҳо ва даъвоҳо метавонанд ба давлат фишор оваранд ва масулияти онҳоро дар иҷрои амалиётҳои худ талаб кунанд. Муроҷиат ба мақомотҳои давлатӣ ва хадамоти ҷавобдиҳии давлатӣ метавонад ихтилофоти иҷтимоии зиёдро ба монанди норозигии массавӣ ҳал намояд. Агар ин ба брюрократияи калон табдил наёбад, ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон хело самаранок хоҳад буд.

- **Ҳуқуқҳои ичтимои-иқтисодӣ**: Ин ҳуқуқҳо ба инсон барои истеҳсол ва тақсими боигарӣ имконпазир аст ва таъмин мекунад, ки эҳтиёҷҳо ва манфиатҳои иқтисодию маънавиашро ба даст орад. Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ чунинанд:

- Соҳибкории озод (тиҷорат кардан аз ҷониби қонун манъ карда нашудааст)
- Ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ
- Ҳуқуқҳои коргарон (Ҳуқуқ ба кор кардан ва озодии меҳнат)

- Ҳуқуқ ба барпо кардани оила, модарӣ, падарӣ ва бафарзандхони кабул кардан
- Ҳуқуқ ба амнияти иҷтимоӣ
- Ҳуқуқ ба манзили зист
- Ҳуқуқ ба саломатӣ ва тандурустӣ
- Ҳуқуқ ба ҷамъи дурусти андозҳо
- Ҳуқуқ ба 8 соати корӣ, шароити кории хуб ва маоши баробар

o **Ҳуқуқҳои маданӣ.** Ҳуқуқҳои фарҳангӣ барои рушди маънавиёти фард пешниҳод карда мешаванд

- Ҳуқуқ ба маълумот
- Ҳуқуқ ба эҷодиёт (озодии қалам, илм ва дигар намудҳои эҷодиёт)
- Ҳуқуқи иштирок намудан дар ҳаёти фарҳангӣ
- Озодии академикӣ
- Ҳуқуқ ба муҳити солим

***Тавсияҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ***

Боварӣ ҳосил намоед, ки мардону занон ба ин ҳуқуқҳои дастрасии баробар доранд. Иштирокчиёни мард ва зане, ки категорияҳои мушаххасро медонанд ё ба самти муайяни ҳуқуқҳо шавқи бештар доранд ба қайд гиред. Ин масъаларо муҳокима кунед ва иштирокчиёнро водор намоед, ки ақидаҳояшонро пешниҳод карда, нофаҳми ва ғаразҳои худро ба қайд гиранд. Оё занон ва мардон боварӣ доранд, ки категорияҳои мушаххас танҳо ба онҳо мувофиқ аст? Ба фикри онҳо категорияҳои дигар кам дастрасанд? Чӣ тавр онҳо худ ва дигаронро барои доштани дастрасии баробар ба ин ҳуқуқҳо тасаввур мекунанд?

**Баробарӣ, гуногунӣ ва таҳаммулпазирӣ**

Флипчарте, ки дар он нусхаи Моддаи 17-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст, намоиш диҳед:

> *«Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёси, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.» (Моддаи17, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).*

- Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки маънои ҷумлаи охиронро «*Мардон ва занон баробарҳуқуқанд»* шарҳ диҳанд.

Ҳангоми гузаронидани ин муҳокимаронӣ омӯзгор метавонад ба рӯйихат ва муаррифии фаъолиятҳои пешина муроҷиат карда, диққати иштирокчиёнро ба мавзӯъҳои зерин равона кунад:

Зинда мондан
Шаъни инсон
Ҳуқуқҳои шахсӣ

Ҳуқуқҳои сиёсӣ
Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ
Ҳуқуқҳои маданӣ

Иштирокчиёнро ба дарки он ки ҳам мардон ва ҳам занон дар Тоҷикистон мувофиқи қонунгузорӣ баробаранд ва бояд баробар муносибат карда шаванд, равона намоед. Ягон шахс ҳуқуқ надорад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои занонро вобаста ба ҷинси онҳо маҳдуд намояд.

***Эзоҳи таърихӣ***

Масъалаи баробарии ҳуқуқи марду зан баъд аз Инқилоби Фаронса ба миён оварда шуд. Соли 1791 қонуни Фаронса оид ба таҳсилоти занон нашр шуд, ки ба занон баъзе ҳуқуқҳои иҷтимоиро фароҳам овард. Моли 1847 занони Британия Кабир ҳуқуқи аввалин мавротиба ҳамчун омӯзгор кор карданро ба даст овcovered. Соли 1848 занон аввалин маротиба ҳуқуқи соҳибмулкиро ба қабули қонуни ИМА ба даст оварданд. Соли 1893 дар Зеландияи Нав аввалин маротиба ба занҳо иҷозат дода шуд, ки дар интихобот иштирок кунанд. Ҳоло дар аксари мамлакатҳо занону мардон баробарҳуқуқанд. Дар солҳои охир қарид 10 мамлакат, аз ҷумла мамлакатҳои Исломӣ (Покистон) сарвари зан доштанд ё доранд.

Диққати иштирокчиёнро ба категорияҳои дигари модда равона созед: халқият, нажод, ҷинс, забон, дин, мавқеи сиёсӣ, таҳсилот ё вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк.

- Аз иштирокчиён пурсед, ки чаро барои ҷамъият ҳифзи ин ҳуқуқҳо зарур аст?
- Ҷомеа аз дастгирӣ ё таҳаммулпазирӣ нисбат ба ин гуногунӣ чӣ фоида мегирад?
- Барои чӣ дар заминаи ин гуногунӣ проблемаҳо пайдо мешаванд? Роҳу воситаи пешгирӣ ва ҳалли чунин проблемаҳо, ки ҳуқуқҳои инсонро эҳтиром мекуннд ва ҳифз мекунанд кадомҳоянд?

Қисми таркибии муҳокима ақидаҳои поёнро муаррифӣ намоед. Ҳангоми муаррифии ақидаҳо аз иштирочиён хоҳиш намоед, ки пеш аз шарҳи пурраи ақидаҳо онҳоро муайян кунанд. Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки маънои мафҳумҳоро гӯянд, ба онҳо имконият диҳед, ки аввал таърифҳои худро таҳия карда, сипас маънои онҳоро аниқ созанд.

**Таҳаммулпазирӣ –** ин қабули ақидаҳо, эътиқодҳо, рафтор, расму оин, фарҳанг, урфу-одат, нигоҳ, идеяҳои шахсони гуногун буда, яке аз принсипҳои асосии демократия ба шумор меравад. Таҳаммулпазири бо мафҳумҳои гуногунандешӣ (плюрализм), озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон алоқамандии зич дорад.

**Таҳаммулпазирии этникӣ** – қобилияти таҳаммул кардани инсон дар роҳи номуайяни ҳаёти дигар ҷамъиятҳои этникӣ аз ҷумлаи рафтори онҳо, анъанаҳои миллӣ, расму оинҳо, нуқтаи назар, идеяҳо, эътиқодҳо ва ғ. мебошад. Зоҳиран, ин бо иштирок ва худидоракунӣ ифода карда мешавад.

**Гуногунӣ (плюрализми фарҳангӣ)** – мавҷуд будани фарҳанг ва гурӯҳҳои мухталиф дар ҷомеа. Ҷомеа маҷмӯъест, ки аз қисмҳои алоҳида- гурӯҳҳои динӣ ва миллӣ, ҷамъиятҳои ҷавонон, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар гуруххои иҷтимои иборат мебошад. Одамон ба ин гурӯҳҳо шомил буда, эътиқод, идеяҳо ва ақидаҳои онҳоро доранд.

**Созиш** – роҳи тезтар, дар муддати нисбатан кутоҳ ба даст овардани розиги ё бартараф намудани ихтилофот, тавассути андаке гузашт кардани тарафҳо аз қисми манфиатҳои худ, инчунин ба даст овардани қаноатмандии қисмани онҳо мебошад.
Гузашта аз ин, ҳар як тараф маҳдудиятҳо ва розигиҳоро ҳамчун қисми розигии созишнома муайян мекунанд.

*Ба ҷавонон фаҳмонед, ки ҳуқуқҳои инсон вобаста ба ранг, миллат, нажод, дин, забон ва ғайра маҳдуд карда намешаванд.*

### Фаъолият оид ба ҳуқуқҳои инсон

*Эзоҳ: Омӯзгорони барномаи маърифати шаҳрвандӣ бо иштирокчиён фаъолияти зеринро мегузаронанд ё онро бо яке аз фаъолиятҳои дар Замимаи Г омада иваз менамоянд.*

Мамлакати нав

1 Ба иштирокчиён фаҳмонед, ки чор мамлакати нав бунёд карда шудааст. Дар ин мамлакатҳо барои ба вуҷуд овардани ҳаёт ҳамаи манбаъҳои зарури ҳастанд, аммо то ҳол хеч кас дар он ҷо зиндагонӣ накардааст. Дар ин мамлакатҳо қонунҳо ва таърих вуҷуд надорад. Иштирокчиён шаҳрвандони ин давлатҳои нав мебошанд.

2. Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои хурд машғул шуда, вазифаҳои зеринро иҷро нмоянд:

а. Ба мамлакати нав ном гузоред.
б. Бо аҳли гурӯҳ муҳокима карда 10 ҳуқуқи инсонроинтихоб намоед ва онҳоро дар флипчарт нависед.

3. Ҳар гурӯҳ рӯйихаташро ба аҳли синф муаррифӣ мекунад. Пас аз ин як рӯйихати умумӣ таҳия карда, ҳуқуқҳои номбаркардаи гурӯҳҳоро дар он нависед.

4. Вақте ки ҳамаи гурӯҳҳо рӯйихаташонро муаррифӣ мекунанд, рӯихати умумиро таҳлил кунед:

- Оё ягон ҳуқуқҳо якдигарро пурра мекунанд? Оё онҳоро якҷоя кардан мумкин аст?

- Оё ягон ҳуқуқ танҳо дар як рӯйихат омадааст? Оё онро ба рӯйихати умумӣ илова мекунем ё аз рӯйихат хориҷ менамоем?

5. Саволҳо барои муҳокима:

- Оё ақидаи шумо нисбат ба ҳуқуқҳои зарурӣ дар ҷараёни фаъолият тағйир ёфт?
- Агар баъзеи ин ҳуқуқҳо дар ин мамлакат маҳдуд карда шаванд, ҳаёти шумо чӣ гуна хоҳад буд?
- Боз кадом ҳуқуқҳоро шумомехостед, ки ба рӯйихати умумӣ илова намоед?
- Тоҷикистонро бо ин рӯйхат чӣ тавр муқоиса карда мумкин аст – оё ин ҳуқуқҳои эҳтиром ва ҳифз мешаванд? Барои ин Тоҷикистон чӣ корҳоро бояд ба анҷом расонад?
-

***Тавсияҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ***

Оё ягон гурӯҳ ҳифзи баробарии гендериро илова кард? Барои чӣ ҳа? Барои чӣ не? Оё ягон гурӯҳ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, маданӣ ё ақаллиятҳо ақидаҳо пешниҳодд карданд? Барои чӣ ҳа? Барои чӣ не? Ин масъалаҳоро ҳамчун қисми муҳокима пешкаш намоед.

**Хулоса**

Қадамҳои асосии машғулиятро таҳлил карда, ба саволҳои иштирокчиён ҷавоб гардонед.

| НАҚШАИ ДАРС | |
|---|---|
| **Мақсад:**<br>Фаҳмишу дониши иштирокчиёнро оиди мафҳумҳои баробари, гуногуни, таҳаммулпазири ва созиш зиёд намудан. | **Вазифаҳо:**<br>- Муҳокимаи баробарҳуқуқии ҷавонон ва духтарон мувофиқи қонун<br>- Шинос намудани иштирокчиён бо мафҳуми баробарӣ ва гуногунӣ<br>- Муҳокимаи таҳаммулпазирӣ ва созиш |

| **Вақт** | **Машғулият** | **Манбаъҳо** |
|---|---|---|
| **5 дақиқа** | Аз қайд гузаронидани иштирокчиён ва омодаги ба дарс | Рӯзнома |
| **15 дақиқа** | Қисми 1. Муқаддима. Баробарҳуқуқии ҷавонон ва духтарон. | |
| **25 дақиқа** | Муҳокимаи мисолҳо оиди фаъолияти баробари занону мардон дар Тоҷикистон. | Варақҳои калон фломастерҳои ранга |
| **25 дақиқа** | | |
| **15 дақиқа** | Қисми 2. Баробарӣ, таҳаммулпазирӣ, гуногунӣ, созиш. | Проектор, слайдҳо, китобчаҳо чопи тозаи варақаҳои машқи |
| **25 дақиқа** | Муҳокимаи мисолҳо оиди мавзуъ бо иштирокчиён. Хулосаҳо. | |
| **120 дақиқа** | **Вақти умумӣ** | |
| | | |

**Қисми 1: Баробарҳуқуқии ҷавонон ва духтарон.**

*Пеш аз огоз намудани ин қисмати дарс ақидаи «Баробарҳуқуқии ҳам ҷавонон ва ҳам духтарон мувофиқи қонун таъмин аст ва дар амал чунин муносибат татбик карда шавад» -ро муҳокима кунед. Қайд кунед, ки ягон шахс ҳуқуқ ва озодии занонро аз рӯи ҷинсашон ҳуқуқи маҳдуд карданро надорад.*

*Ба иштирокчиён дар бораи қисматҳои асосии «Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон» нақл намоед.*

Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикисистон аз 26 июни соли 1993 №831 ба тасвиб (ратификатсия) расидааст. Ин Конвенсия аз ҷумлаи аввалин санадҳои байналмилалии тасдиқнамудаи Тоҷикиситон дар соҳаи ҳуқуқи башар мебошад. Ҳамин тарик омодагии кишвар ҷихати дастгирии саъю кушишҳои ҷомеаи ҷахони дар амри ташвики ҳуқуқи занон дар соҳаи сиёси, шахрванди ва дигар соҳаҳо бо мақсади татбики принсипи баробарии занону мардон изҳор карда шуд. Ҷомеаи байналмилали бар зидди табъиз бо нишонаи ҷинс баромад намуда, ахамияти саҳми иктисоди ва ичтимоии занонро дар некуахволии оила ва дар маҷмуъ рушди ҷомеа эътироф менамояд. Бинобар ин Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 18 декабри соли 1079 бо мақсади таквияти муқаррароти шартномаҳои мавҷудаи байналмилали, ки ба катъ гардидани амали табъиз нисбати занон равона гардидаанд, ин Конвенсияро қабул намуд.

Маводи Конвенсия аз 30 моддаи алоҳида иборат буда, ба забони давлати ва руси барои доираи васеи аҳли ҷомеа, мутахассисони соҳаи ҳуқуқи байналмилали, олимон, донишчуён, кормандони мақомоти давлати ва дигар шахсони ба ин масъала таваҷҷуҳдошта пешниход карда шудааст. (Дар сурати зарурат метавонед матни пурраи Конвенсияро дар шакли маводи тақсимоти пешниход намоед).

Ба иштирокчиён маълумоти зеринро бо усули лексияи хурд ва муҳокима расонед. Масъалаи баробарии ҳуқуқии мардон ва занон баъд аз Инқилоби Фаронса бардошта шудааст. Дар соли 1791 қонун дар бораи таҳсилоти занон дар Фаронса шинос карда шуд, ки он бархе аз ҳуқуқҳои шаҳрвандонро таъмин мекард. Соли 1847, бори аввал ба занон дар Иттиҳодияи Шоҳигарӣ иҷозат дода шуд, ки ҳамчун омӯзгорон фаъолият кунанд. Соли 1848, занон имконияти аввали худро барои истифодаи ҳуқуқи соҳибӣ кардани моликияти шахсӣ аз рӯи қонуне, ки дар Иёлоти Муттаҳида қабул шуд, ба даст оварданд. Соли 1893, дар Зеландия Нав бори аввал иҷозат дода шуд, ки занон дар интихоботҳо иштирок намоянд. Имрӯз дар бисёр мамлакатҳо, занон ва мардон ҳуқуқҳои баробар доранд. Наздики 10 давлати чахон, аз ҷумла як давлати мусулмонӣ (Покистон) дар гузаштаи наздик роҳбарони зан доштанд.

**Мисолхо барои муҳокима.** Муаллим дар ин ҷо метавонад, аз иштирокчиён ҳоҳиш намояд, ки мисолҳои воқеиро оид ба баробарҳуқуқии занону мардон барои муҳокима пешкаш намоянд. Инчунин, муаллим метавонад бо усули «Кор дар гуруҳҳои хурд» дар

байни иштирокчиён кор барад.  Вазифаро барои иштирокчиён муаллим метавонад ба таври ихтиёри интихоб намояд. Дар вақти хулосабарори қайд намоед, ки имруз занону духтарони Тоҷикистон низ дар ҳама соҳаҳои рушди  ҷомеа фаъолона ширкат варзида истодаанд.
Дар вақти хулосабарори кушиш намоед, ба мисолҳои овардашуда такя намоед ва ба қисмати дуюми дарс  гузаред. Дар бораи т**аҳаммулпазирӣ,** ки яке аз омилҳои риояи баробарҳуқуқи аст, ба иштирокчиён маълумот пешниҳод намоед.

**Таҳаммулпазирӣ –** ин қабули ақидаҳо, эътиқодҳо, рафтор, расму оин, фарҳанг, урфу-одат, нигоҳ, идеяҳои шахсони гуногун буда, яке аз принсипҳои асосии демократия ба шумор меравад. Таҳаммулпазири бо мафҳумҳои гуногунандешӣ (плюрализм), озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон алоқамандии зич дорад.
Таҳаммулпазир будан маънои нисбати рафтор ва ё  фикри дигарон, ки дар сиришти мо боиси ба вуҷуд омадани  шиддат (стресс)- и муайяне мегардад, мавкеи конструктиви (ба вуҷудоварандаи замина барои фаъолияти минбаъда) ишғол намуданро дорад. Ин шиддат аз он сабаб пайдо мегардад, ки андеша ва одатҳои шумо аз фикру-мулоҳиза ва хулку атвори шахси дигар фарқ дошта, муҳолифи ҳамдигаранд. Ба ин маъно, ки мавқеъи таҳаммулноки конструктивиро ишғол намудан муносибатеро ба вуҷуд меоварад, ки нисбат ба ҳуқуқ, андеша, одат ва тарзҳои рафторе, ки аз фикру мулоҳизот ва хулку атвори шумо фарк мекунанд, эҳтиром зоҳир карда шавад. Ин ҳолат аз ҳар ду ҷониб такозо дорад, ки ба хотири эҳтироми ҳамдигар гузаштҳо кунанд.
Таҳаммулро бо эҳтиром ва илтифот набояд омехта кард. Агар хонанда дар тоза намудани тахтаи синф ба муаллим кумак расонад, ин мисоли таҳаммулпазири шуда наметавонад.
*Мисол барои хубтар фаҳмидани мафҳуми таҳаммулпазири:*
*Сохибхонае, ки дар рузи ид мехмононро қабул мекунад, сабаби гушт нахурдани меҳмонро дуруст мефахмад. Ва аз ин ҳолат муаммо ҳам намесозад, зеро шавҳараш оҳиста фахмондааст, ки мехмон вегетариан мебошад ва аз хурдани гушт пархез дорад. Сохибхона дар ин маврид ба мехмон хуроке омода месозад, ки бе гушт бошад (самбусаи алафи, омлети сабзавоти ва гайра) Аз тарафи дигар, меҳмон низ таҳаммулпазирии худро намоиш медихад ва хуриш ё хуроки аз гушт омода шударо, ки дигарон базавк мехуранд, таъриф карда узри худро ба дустон иброз медорад.*

**Таҳаммулпазирии этникӣ** – қобилияти таҳаммул кардани инсон дар роҳи номуайяни ҳаёти дигар ҷамъиятҳои этникӣ аз ҷумлаи рафтори онҳо, анъанаҳои миллӣ, расму оинҳо, нуқтаи назар, идеяҳо, эътиқодҳо ва ғ. мебошад. Зоҳиран, ин бо иштирок ва худидоракунӣ ифода карда мешавад.(Масалан, дар калисохои насрони бо кулох ворид намешаванд, ба масчид бо пои ботахорат медароянд ва гайра).

**Гуногунӣ (плюрализми фарҳангӣ)** – мавҷуд будани фарҳанг ва гурӯҳҳои мухталиф дар ҷомеа. Ҷомеа маҷмӯъест, ки аз қисмҳои алоҳида- гурӯҳҳои динӣ ва миллӣ, ҷамъиятҳои ҷавонон, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар гуруххои иҷтимои иборат мебошад. Одамон ба ин гурӯҳҳо шомил буда, эътиқод, идеяҳо ва ақидаҳои онҳоро доранд. Бояд қайд намуд, ки дар ҷомеаи демократи ҳама чиз гуногуншкал ва мураккаб аст, чунки он ба мавҷудияти бисёр будани гуногунии андешахое, ки шунидану эҳтиром карданро такозо доранд, такя мекунад. Баъзан мавҷудияти гуногунфикри, ки назар ба

якфикри афзалият дорад, мушкилоти бисёреро пеш меорад. Вале он шавқовар буда, мумкин аст сабаб шавад, ки ба ҳаёту хониш эҷодкорона муносибат карда шавад.
Эзох: Имруз ҷавонон бояд ба гуш кардани андешаҳои дигарон, баҳо додан ва эҳтиром намудани онҳоро низ омузанд. Мақсади маърифати шахрванди низ ба он нигаронда шудааст, ки дар ҷавонон (махз ҷавонони пешсаф) маданияти пуртокати ва сулхпарвари, таҳаммулпазири нисбати гуногуни, ки он моҳияти тамаддуни имрузаро ташкил мекунад ба вуҷуд оварад.

**Созиш** – роҳи тезтар, дар муддати нисбатан кутоҳ ба даст овардани розиги ё бартараф намудани ихтилофот, тавассути андаке гузашт кардани тарафҳо аз қисми манфиатҳои худ, инчунин ба даст овардани каноатмандии қисмани онҳо мебошад.
Гузашта аз ин, ҳар як тараф маҳдудиятҳо ва розигиҳоро ҳамчун қисми розигии созишнома муайян мекунанд.

*Ба ҷавонон фаҳмонед, ки ҳуқуқҳои инсон вобаста ба ранг, миллат, нажод, дин, забон ва ғайра маҳдуд карда намешаванд. Пурсед, ки чаро онҳо бо ин ақида розӣ ҳастанд ва чаро одамон бояд чунин қоидаҳоро риоя кунанд.*

| НАҚШАИ ДАРС | |
|---|---|
| **Мақсад:**<br>Ба иштирокчиён фаҳмондани он, ки дин бар зидди ҳуқуқи инсон ва роҳбарӣ нест. | **Вазифаҳо:**<br>**-** Ба иштирокчиён фаҳмонидани мафҳуми «давлати дунявӣ»<br>- Шинос кардани иштирокчиён бо се дини асосии ҷаҳонӣ<br>- Муҳокимаи мафҳумҳои радикализм, экстремизм ва фанатизм |

| Вақт | Машғулият | Маводҳо |
|---|---|---|
| **5 дақиқа** | Аз қайд гузаронидани иштирокчиён | |
| **10 дақиқа** | Лаҳзаи ташкилӣ ва муҳокимаи мавзӯи гузашта «Ҳуқуқҳои инсон» | |
| **20 дақиқа** | Давлатҳои дунявӣ ва дин | Флипчарт, маркерҳои ранга. |
| **20 дақиқа** | Олами динҳо. Се дини асосии ҷаҳонӣ: муқаддимаи мухтасар | |
| **30 дақиқа** | Кор дар гурӯҳҳо. «Се арзиши умумубашариро номбар кунед, ки динҳои ҷахони талкин мекунанд?». Ҳадаф: Нишон додани ҳамзистии сулҳҷӯёнаи потенсиалӣ байни аъзоёни динҳои гуногун | Флипчарт, маркерхои ранга |
| **20 Дақиқа** | Радикализм, экстремизм ва фанатизм. Инҳо аз куҷо омадаанд; чи тавр метавон бо ин падидаҳо сару кор гирифт? | Проектор, слайдҳо |
| **5 дақиқа** | Хулоса | |
| **110 дақиқа** | **Вақти умумӣ** | |

**Муқаддима**

*Муҳокимаи мавзӯхои гузашта. Муаллими маърифати шаҳрвандӣ бояд гурӯҳро ёдовар намояд, ки дар дарси гузашта онҳо маълумот дар бораи баробари, гуногуни ва таҳаммулпазири муҳокимарони карда буданд. Инчунин, дарси алоҳида оиди ҳуқуқ ва*

*озодиҳои инсон низ бомуваффақият гузаронда шуда буд. Бо иштирокчиён муҳокима намоед, ки онҳо бо дӯстонашон, аъзои оилаашон дар мавзӯи дарсҳои омӯхтаашон мубодилаи афкор мекунанд ё не? Иштирокчиёнро ҳавасманд намоед, то ки онхо фаҳмонанд, ки муҳокимаҳо чи тавр мегузаранд.*

*Ба иштирокчиён мазмуни асосии дарси гузаштаро ёдовар шавед: ҳуқуқҳои як шахс набояд бо таври манфӣ ба ҳуқуқҳои дигарон, ки аз тарафи давлатҳо ҳимоя карда мешаванд, таъсир расонад. Шарҳи дарсҳои гузашта набояд аз 10 дақиқа зиёд давом ёбад.*

**Қисми 1: Давлатҳои дунявӣ ва дин**

*Муаллими курси маърифати шаҳрвандӣ қайд менамояд, ки мавзӯи дарсҳои минбаъда ба динҳо ва робитаи онҳо ба ҳуқуқи инсон тааллуқ дорад.*
*Баъд аз эълони мавзӯҳо қайд намоед, ки дар Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дин аз давлат ҷудо аст ва давлат дунявӣ ба шумор меравад.*
*Ба иштирокчиён мафҳуми «давлати дунявӣ»-ро фаҳмонед:*

Давлати дунявӣ давлате аст, ки аз ҷониби шаҳрвандон идора карда мешавад, на аз ҷониби рухониён дар доираи қоидаҳои динӣ (масалан, шариати исломи). Қарорҳои мақомотҳои давлатӣ асосҳои динӣ надоранд. Дар давлатҳои дунявӣ ҳар як шахс ҳуқуқи бидуни ба институтҳои динӣ аъзо будан метавонад зиндагонӣ кунад. Барои мисол, мудириятҳои акди никоҳ ва адолат имтиёзҳои давлати дуняви мебошанд. Дар давлатҳои дунявӣ пайравони хама гуна динхо дар назди қонун баробар ҳастанд. Дар радифи Тоҷикистон як қатор дигар давлатҳои дунявӣ мавчуданд, ки аҳолиашон аксарият мусулмон хастанд, ба монанди Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо.

(Муаллим метавонад барои муқоиса дар бораи давлатҳои дини маълумот пешниход намояд).

Ба иштирокчиён нақл кунед, ки ҳуқуқи зану мард баробар аст ва бо ақидаҳои динӣ маҳдуд карда намешавад. *Илова бар ин, барои маҳдуд кардани ҳуқуқ бо ин ё он асосҳои динӣ ё баракгехтани адовати динӣ мувофиқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.*

*Аз иштирокчиёнро дар вазъи озодихои дини дар Тоҷикистон пурсед, бигузор онхо дар ин бора ақидаи худро нақл намоянд.*

**Эзоҳ барои муаллимони курси маърифати шаҳрвандӣ.**
Ҳангоми муҳокимаи ин мавзӯъ фикру ақидаҳои ҷавононро тавре идора намоед, то ки онҳо аз мавзӯъ берун набароянд. Кӯшиш намоед,ки фикру-ақидаҳо аз мақсади дарс берун набошанд. Хулосаатон ба баробархукукии намояндагони ҳама дину мазҳабҳо дар ҷомеа марбут бошад.

**Қисми II: Олами динҳо. Се дини асосии ҷаҳонӣ**

Муаллим бояд ба иштирокчиён фаҳмонад, ки дар ҷаҳон якчанд динҳо вуҷуд доранд, ки ҳамаи онҳо некӣ меомӯзонанд ва мухолифатро бартараф мекунанд. Ҳамзамон бо сабаби дарки нодуруст ва ҷоҳилӣ баъзан нофахмихо дар бораи мақоми дин ва давлат сар мезананд. Мухтасар дар бораи таърихи динҳо маълумот дихед. Муҳим аст, ки иштирокчиён дар бораи се дини ҷахони ва мафҳуми давлати дуняви огоҳ гарданд.

Шояд ҷавонон эҳтиёҷ ба фаҳмидани мафҳуми политеизм (бисёрхудоӣ) доранд. Замоне ин як навъи эътиқоди асосӣ дар олами антиқа дар Миср, Ҳиндустон, Юнон ва дар дигар ҷойҳо ба шумор мерафт. Он хоси Мая, Астекс, Олмониҳо ва Русҳои қадим буд. Бояд қайд намуд, ки гузаштагони мо низ пеш аз қабули дини Ислом ба бисёр Худоҳо (Зардуштия) ибодат мекарданд.

*Аз иштирокчиён пурсед, ки онҳо дар бораи динҳои имрӯза чи медонанд. Мисолҳои овардаи иштирокчиёнро муҳокима кунед, ва мухтасар дар бораи динҳои асосии ҷаҳон накл кунед:*

Се дини калонтарини дунё ин - дини Буддоия, Насронӣ ва Ислом мебошанд. Барои он, ки дин ҳамчун дини ҷаҳонӣ ҳисобида шавад, бояд шумораи зиёди пайравони худро дар тамоми ҷаҳон дошта бошад.

**Буддоия,** ин фалсафаи динӣ дар бораи бедоршавии маънавӣ, ки дар асри VI-и то замони мо дар Ҳиндустони қадим ба вуҷуд омадааст. Асосгузори ин назария Сидҳарта Гаутама, ки баъдтар ҳамчун Будҳа Сакямуни машҳур гаштааст. Истилоҳи «Буддизм» (Буддоия) аз ҷониби аврупоиҳо дар асри XIX офарида шудааст.

Буддоия яке аз динҳои қадимаи ҷаҳон буда, аз ҷониби одамони гуногун бо анъанаҳои мухталиф эътироф гардидааст. Бидуни фаҳмидани Буддоия фаҳмидани фарҳанги волои Ҳиндустон ва Хитои шарқӣ ва инчунин, Тибет ва Манголия ғайриимкон аст.

**Насрония** бузургтарин дини ҷаҳонӣ буда, ҳам аз ҷиҳати миқдори пайравонаш (тақрибан 2.1 миллиард) ва ҳам аз ҷиҳати паҳншавии ҷуғрофӣ (қариб ҳар як давлати ҷаҳон дар ҳадди ақал 1 ҷамъияти насронӣ дорад).

Насрония дар асри I дар Фаластин ба вуҷуд омадааст, ки дар ин давра Фаластин таҳти роҳбарии Империяи Рим қарор дошт. Он дар аввал аз тарафи яҳудиён қабул шуда, паз аз якчанд даҳсолаи пайдоиш дар дигар музофотҳо ва гурӯҳҳои этникӣ паҳн гаштааст. Ҳамчун дини давлатӣ соли 301 аз ҷониби Арманистон қабул шудааст.

**Ислом** аз ҷиҳати доштани пайравон дар ҷои сеюм меистад, вале имрӯз он дини хело тез паҳншаванда ба шумор меравад. Он дар асри VII-и замони мо дар нимҷазираҳои Арабистон ба вуҷуд омадааст. Ба монанди дигар динҳои ҷаҳонӣ Ислом мақсад гузоштааст, инсони хайрҳоҳ, оилаи солим ва ҷамъияти сулҳпарварро офарад.

Хар як мусулмон бояд худро доимӣ барои инсони ҳақиқӣ шудан аз лиҳози маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ тозаву пок намояд. Мусулмонҳо бояд худро аз амалиётҳое, ки ба ришвахӯрӣ ва нобуд кардани инсон оварда мерасонад, худдорӣ кунанд. Миқдори умумии

мусулмонон дар ҷаҳон мувофиқи ҳисобҳои гуногун тақрибан 1.2 ва 1.57 миллиардро ташкил медиҳанд.
**Кор дар гуруҳҳои хурд:** *Ба гуруҳҳо супориш диҳед, ки дар тули 15 дакика дар гуруҳҳо муҳокима намуда, «Се арзиши умумубашариро номбар намоянд, ки ҳама динҳои ҷаҳони талкин мекунанд?». Пасон натиҷаи кори гуруҳҳоро муҳокима намуда аз онҳо пурсед, ки оё одамони динашон гуногун дар як давлат метавонанд ҳамроҳ зиндагонӣ кунанд? Иштирокчиёнро ба хулосае овареd, ки ҳамзистии сулҳҷӯёнаи потенсиалӣ байни аъзоёни динҳои гуногун омили пешравии ҷомеа ва давлат мебоша. Фикри иштирокчиёнро оиди вобастагии дин ва зан-роҳбар муҳокима карда мисоли давлатҳоеро оред, ки динашон Ислом, Насронӣ ва ё Буддоия буда, сарвари давлаташон зан буд ё мебошад.*

## Қисми 3: Радикализм, экстремизм ва фанатизм

**Мафҳумҳои асосӣ:**
**Фанатизм (таассуб)** – кӯр-кӯрона пайравӣ кардан ба эътиқод ва боварӣ, махсусан дар соҳаҳои динӣ ва фалсафӣ, миллӣ ва сиёсӣ мебошад. Он аз тарафдории ниҳоӣ ба идеяҳо, эътиқодҳо ва ақидаҳо, ки одатан он ба таҳаммул накардан ба нуқтаи назар ва эътиқоди дигарон алоқаманд аст, иборат мебошад. Танқиди эътиқод ва боварӣ ба онҳо вуҷуд надорад.

**Радикализм** – пайравии беҳад ва устувор ба ақидаҳо ва консепсияҳои муайян мебошад. Бештар он дар ҳамбастагӣ бо идеяҳо ва фаъолиятҳо дар соҳаи иҷтимоӣ-сиёсӣ истифода бурда мешавад, алалхусус ба тағйироти ҳалкунанда ва асосӣ дар институтҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ва ҷорӣ кардани «консерватизми қатъӣ» равона карда шудааст. Радикализми сиёсӣ яке аз навъҳои оддитарин мебошад ва инчунин мавҷудияти радикализми динӣ ва фалсафӣ имконпазир аст.

**Экстремизм** – пайравӣ кардан ба ақидаҳо ва чораҳои охирин ба шумор меравад. Чунин чораҳо иғво андохтан ба бетартибиҳои оммавӣ, итоат накардани шаҳрвандон, амалиётҳои террористӣ ва ҷанги партизаниро дарбар мегиранд. Аз ҳама экстремистони қатъӣ асосан зуд-зуд ин ё он созиш, гуфтушунид ва розигиро рад мекунанд.

Бо ҷавонон дар бораи ин *мафҳумхо, сабаб ва оқибатҳои ин зуҳурот, озодии эътиқод ва дарки масъулияи шахрванд, тахаммулпазирии динӣ ва эхтироми мавкеи ашхоси дигар ё намояндагони дини гайр сухбат кунед.*
Баъди маърӯза оиди мафҳумҳои асосӣ ба иштирокчиён бо саволи «Ин равандҳо ба рушди ҷавонон чи гуна таъсир расониданашон мумкин аст?» муроҷиат намоед ва ҷавобҳоро якҷоя муҳокима кунед.
*Ба онхо бо мисолхои возех таъсири манфии ин зухуротро ба чомеа ва окибатхои хукукии онон ба шахрвандон ва гуруххои ичтимои фахмонед.*

Бо иштирокчиён роҳҳои пешгирии таъсири ин равандҳоро низ муҳокима намуда, дарсро чамбаст намоед.

| НАҚШАИ ДАРС | |
|---|---|
| **Мақсад:** Фароҳам овардани имконият барои шиносои бо фаъолияти сохторҳои худидоракуни ва ҳокимияти маҳали, мусоидат барои ба даст овардани маҳорати роҳбарии иштирокчиён бахри рушди ҷомеаи худ тавассути ширкат дар идораи сохторхои махалли | **Вазифаҳо:**<br>- Иттилоотонидани иштирокчиён бо ҳуқуқҳо, нақшҳо ва масъулиятҳои сохторхои худидоракуни ва ҳокимияти маҳаллӣ<br>- Муҳокимаи муҳим будани иштирок дар сатҳи ҷамоат бо мақсади рушди он |

| **Вақт** | Машғулият | Манбаъҳо |
|---|---|---|
| **5 дақиқа** | Аз қайд гузаронидани иштирокчиён | Флипчарт, маркерҳои ранга |
| **25 дақиқа** | Ҳокимияти маҳаллӣ дар Тоҷикистон. Ҷамоатҳо ва қисматҳои онҳо. | Проектор, слайдҳо, брошюраҳо |
| **25 дақиқа** | Бозии нақш: Ҷомеаи хуфта. Мақсад: Ба иштирокчиён нишон додани намунаи кори мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ, рушди малакаю маҳорати роҳбарӣ кардан ва эҷодкорӣ дар байни иштирокчиён | |
| **25 дақиқа** | Қобилият ва шароитҳои ҷамоат. Имкониятҳои иштирок аз ҷониби шаҳрвандон. | |
| **25 дақиқа** | Бозии нақшҳо: «Ҷамоати идеалии ман»<br>Мақсад: баланд бардоштани дараҷаи дониши иштирокчиён оиди кору фаъолияти органҳои давлатӣ; ташаккули идеяҳо оид ба ҷалб шудан ба ҳокимияти маҳаллӣ | Проектор, слайдҳо, брашюраҳо, нашри тозаи корҳои хаттӣ |
| **5 дақиқа** | Хулоса | |
| **110 дақиқа** | **Вақти умумӣ** | |

**Муқаддима**

**Қисми 1. Ҳокимияти маҳаллӣ дар Тоҷикистон. Ҷамоатҳо ва қисматҳои онҳо. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракунии шаҳрҳо ва деҳот»**

*Дарсро бо фаҳмонидани он, ки иштирокчиён аллакай метавонанд, фаъолона дар рушди ҷамоатҳои худ иштирок кунанд, шурӯъ намоед. Онҳо метавонанд ин фаъолиятро дар*

*сатҳи мақомотҳои маҳаллии худ иҷро кунанд. Ин консепсияро бо таври фахмо ва дастрас шарҳ диҳед.*
Системаи худидоракунии ҳокимияти маҳаллӣ – ин ташкили фаъолиятҳои шаҳрвандон, ки он барои қабули мустақилонаи қарор оид ба анҷом додани корҳо ва идораи моликияти умуми мувофиқи манфиатҳои ҳамаи сокинони минтақаро дарбар мегирад. Имрӯзҳо аз ҳама системаҳои машҳури идоракунӣ системаҳое мебошанд, ки онҳо дар асоси ҳамкорӣ байни шаҳрванд ва давлат асос ёфтаанд.

Худидоракунии маҳаллӣ воситае мебошад, ки тавассути он шаҳрвандон метавонанд салоҳияташонро амалӣ кунанд. Ин шакли ғайримарказонидашудаи идоракунӣ, пешниҳоди мустақилияти муайян ва соҳибихтиёрии мақомотҳои маҳаллӣ новобаста аз марказ мебошад. Мақомотҳои маҳаллӣ масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти маҳалро ҳал менамоянд: таъмини ахолии бо об, назорати ҳолати санитарӣ-гигиенӣ, ҷамъ ва тоза кардани партовҳо, нигахдории тозагии муҳити зист ва гайра. Ҳамчунин шаҳрванд метавонад мақомотҳои маҳаллиро бо ӯҳдадориҳои муайян вазифадор намояд: ҷамъи андозҳои маҳаллӣ, барӯихатгирии аҳолӣ, пурқувват гардонидани қувваҳои мусаллаҳ, таҳсилот ва тандурустӣ.

*Ба иштирокчиён фаҳмонед, ки дар Тоҷикистон мақомотҳои худидоракунӣ ин ҷамоатҳо мебошанд. Одатан роҳбарони ҷамоатҳо ва ноҳияҳо ҷавононро барои иштирок дар ҳаёти ҷомеаҳо даъват мекунанд ва онҳоро ҳавасманд мекунанд. Ба иштирокчиён фаҳмонед, ки муаррифӣ намудани худ ва ба даст овардани таҷрибаи роҳбарӣ барои ҳаёти ояндаи онҳо хело ёрӣ медиҳад.*

Соли 2009 қонун дар бораи «Худидоракунӣ дар шаҳрҳо ва деҳот» қабул гардид. Ин қонун айни ҳол яке аз қонунҳои замонавӣ ва прогрессивӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Мувофиқи ин қонун ҳама гуна шаҳрванди Тоҷикистон метавонад дар ҳаёти ҷомеаи худ тавассути тарҳрезии буҷетҳо ва назорати маблағҳои сарфшавандаи давлатӣ иштирок намояд.

*Бо иштирокчиён оиди чи гуна мақомот будани ҷамоат ва он чи тавр фаъолият мебарад мухокимарони кунед.*

- Ҷамоат орган ё мақомотест, ки шаҳракҳо ва деҳотро роҳбарӣ менамояд.
- Ҷамоатҳо ташкилотҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳар як ҷамоат мӯҳри доирашакл дорад, ки он расми нишони давлатии Тоҷикистонро нишон медиҳад.
- Фаъолияти чамоатхо дар асоси Оинномаи худ мувофиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мақомотҳои давлатӣ амалӣ карда мешаванд.

**Қонун дар бораи «Худидоракунии шаҳрҳо ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»**
Моддаи 3**.** Принсипҳои худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот мувофиқи қонун:

- Қонунӣ будани адолати иҷтимоӣ;
- Ҳимояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон;
- Демократия, шаффофӣ ва ба ҳисоб гирифтани иттиҳодияи ҷамъиятӣ;




- Соҳибихтиёрӣ, худидоракунӣ ва масъулият барои ҳалли масъалаҳои маҳаллӣ;
- Масъулият дар назди халқ;
- Иштироки шаҳрвандон дар мақомоти маҳаллӣ;
- Ҳамоҳанг сохтани манфиатҳои маҳаллӣ ва миллӣ;
- Қабули муштараки қарор.

**Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон**, **ки ба синни 18 сола** расидаанд ва дар шаҳр ё деҳот зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқи иштирок кардан дар ташкили фаъолиятҳо аз ҷониби ҳокимиятҳои деҳот ва шаҳрро доранд.

**Маҳдуд кардани** ин ё он ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил ва амалӣ намудани худидоракунӣ дар шаҳрҳо ва деҳот новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, боварӣ ва эътиқодҳои сиёсӣ, ҳолати иҷтимоӣ, таҳсилот, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар қонун зикр шудаанд, **манъ карда шудаанд.**

*Муаллими курси маърифати шаҳрвандӣ бояд ба иштирокчиён фахмонанд, ки баъди ба синни 18 солаги расидан ҳар як шахрванд ҳуқуқи дар ҷамоат интихоб шуданро дорад. Ҳама гуна ташаббусҳои иштирокчиён пазируфта мешаванд ва аз лиҳози қонун пешгирӣ карда намешаванд.*

**Бозии 1: Ҷамоати хуфта**

Маълумот дар бораи чи тавр ташкил ва гузаронидани бози дар охири боб оварда шудааст.

**Қисми 2. Имкониятхои иштироки шахрвандон дар идораи ҳокимияти маҳалли.**

Муаллимони курси маърифати шаҳрвандӣ ин қисмати дарсро бо фаҳмонидани нақш, масъулият ва салохиятхои ҳукумати маҳаллӣ ва имконияти иштироки ҷавонон идоракуни дар сатҳи ҷамоат оғоз мекунанд.

1. **Салоҳиятҳои иқтисодӣ ва молиявӣ:**
   - Коркард ва тасдиқи барномаҳо барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрҳо ва деҳот;
   - Нигоҳ доштани сабтҳои тиҷоратӣ;
   - Тасдиқи сохтор, буҷет, ҳайати кории Шӯрои ҷамоат дар доираи меъёрҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар намудааст;
   - Идораи корҳои хоҷагӣ ва қитъаҳои замини шахсӣ;
   - Ёрӣ расонидан ба ташкили тиҷорати хурд, кооперативҳо, корхонаҳои дуредгарӣ ва косибӣ мувофиқи қонун;
   - Дастгирии ташаббусҳо барои рушди шаҳрҳо ва деҳот;
   - Ҳалли дигар маъалаҳо мувофиқи қонунҳо ва меъёрхо.

2. **Корҳои ҳуқуқӣ, тартиби ҷамъиятӣ ва мудофиа:**
   - Пурқувват намудани қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ дар доираи салоҳияти ҷамоат;
   - Ҳамоҳанг сохтан ва ҷалби амалиётҳои ҷамъиятӣ барои мудофиа граждани ва кам намудани хатари офатҳои табиӣ;
   - Ҷустани чораҳои лозима барои таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар ҳудуди ҷамоат.

3. **Салоҳиятҳои ҷамоат дар соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ороиш додан ва ҳимояи муҳити зист:**
   - Ширкат намудан дар рушд ва амалӣ намудани барномаҳо ҷиҳати зиёд намудани ҷойҳои корӣ ва идора намудани муҳоҷират;
   - Идораи анъанаҳо, расму оинҳо ва ҷашнгирии онҳо;
   - Андешидани чораҳо барои беҳтар намудани шароити зиндагонӣ ва саломатии аҳолӣ ва ҳимояи муҳити маҳаллӣ;
   - Ҳалли масъалаҳо роҷеъ ба инфрасохторҳои маҳаллӣ (нигоҳ доштан, таъмир ва барқарор намудани роҳҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, институтҳои фарҳангӣ, бозорҳои маҳаллӣ, нигоҳ доштани қабристонҳо, тоза нигоҳ доштани ҷойҳои ҷамъиятӣ вагайра) ва қабули қоидаҳо барои амалӣ намудани онхо.

*Ҷавоб ба саволҳои иштирокчиён. Ҳар вақте ки зарурат пайдо шавад, метавонед аз қонун дар бораи «Ҳокимияти маҳаллӣ дар шаҳрҳо ва деҳот» истифода баред.*

**Бозии 2**: Бозии нақши: Филм “Ҷамоати идеалии ман”

Барои маълумоти бештар нигаред ба охири боб.

*Аз иштирокчиён пурсед, ки оё онҳо боварӣ доранд, ки метавонанд, ҳаёти аъзоёни ҷомеаи худро беҳтар кунанд? Чи тавр нияти иҷро кардани онро доранд? Кай?*

**Хулоса**

Ширкат намудан дар идоракунии маҳаллӣ ин танҳо ҳуқуқ нест; он инчунин вазифаи ҳар як шаҳрванд аст. Агар шаҳрвандон новобаста аз синну сол, ҷинс, касб фаъолона дар раванди қабули қарорҳо ҷалб карда шаванд, онҳо қувва барои бунёди ояндаи беҳтар барои худашон ва ҷамъияташон ба даст меоранд. Сиёсатшиноси Амрикоӣ Ралф Надер муҳимияти иштироки шаҳрвандон дар сиёсатро чунин нишон додааст: «Бидуни шаҳрвандии ҳаррӯза демократия доимӣ буда наметавонад».

**Вазифаи хонагӣ**

Иштирокчиён панҷ хешованд ва ё панҷ рафиқашонро (агар онҳо аз қонун дар бораи идоракунии маҳаллӣ огоҳ бошанд), мепурсанд, ки оё онҳо дар ҳаёти сиёсии маҳаллӣ иштирок менамоянд? Ҷавобҳои онхо дар як варақ дарҷ мегардад (ҷавобҳои мусбӣ бо ранги сурх ва манфӣ бо ранги кабуд навишта мешаванд). Иштирокчиён бояд бо хешовандон/ ё рафикони худ ҷавобҳои онхоро муҳокима кунанд. Дар давоми дарси оянда ҷавобҳо муқоиса ва муҳокима карда мешаванд.

**Замима**

**Бозии 1: Ҷамоати хуфта**

**Вақти ичроиш:** 25 дақиқа.

***Мақсад:*** Баланд бардоштани иттилоотнокии иштирокчиён оиди имкониятҳои мавҷуда барои иштироки онҳо дар сатҳи маҳаллӣ - баҳодиҳӣ ба фаъолиятҳое, ки метавонанд ҳаёти чомеаро бехтар кунанд, ва фаҳмондани роҳҳои баланд бардоштани масъулияти шаҳрванди дар ҷомеа.

**Нишондодҳо**

Нишондодҳои умумӣ: "Дар ҷамоати шумо баъзе қувваҳои манфи мардумро афсун мекунанд ва ҳамаи хобби онҳо мебарад. Одамон ба чизе эҳтиёҷ доранд, ки онҳоро бедор кунад. Ҷавонон бояд фаъолиятҳоеро ба рох монанд, ки онҳо ҳаёти аъзоёни ҷомеаро беҳтар менамоянд. Дар давоми 25 дақиқа онхо бояд фаъолиятҳояшонро марбут ба соҳаҳои зерин омода намоянд:

1. Аз нав эхё кардани **ҳаёти иқтисоди** барои таъмин намудани ҳифзи иҷтимоӣ ва ҷои корӣ барои истиқоматкунандагон;
2. Барномаҳои **тандурустӣ** бахри пешгирии бемориҳо;
3. Барномаҳои ҳалли масъалаҳои **муҳити зист** (партов, системаи қубурхои об ва корезҳо барои партовҳо ва ғ.)
4. Ёрӣ додан ба сокинони ҷамоат барои дастрас намудани **интернет**.

Баъд аз ин, иштирокчиён ба 4 гурӯҳи хурд тақсим мешаванд ва ҳар як гурӯҳ барномаи худро вобаста ба яке аз соҳаҳои зикршуда омода менамояд.

Муаллим номи ҳар як барномаро дар флипчарт менависад ва иштирокчиён барномаеро, ки аз болои он кор кардан мехоханд интихоб менамоянд. Онҳо имконияти танҳо аз болои як барнома кор карданро доранд.

Муаллим номи иштирокчиёни хар як гурухи хурдро дар вараки калон менависад ва вазифаи гуруҳҳоро боз як маротиба мефаҳмонад:
Дар давоми 15 дақиқа ҳар як гурӯҳ бояд 5 проблемаро дар варақ нависанд, ки дар доираи соҳаи худ ҳал менамоянд. Дар аввал, онҳо метавонанд, зиёда аз 5 проблема нависанд ва сонияи баъд аз муҳокимаи онхо аз руи афзалияташон мухтасар намоянд. Проблемаҳо бояд ба шароити Тоҷикистон мувофиқат кунанд ва ҳар 5 онҳо бояд вокеи ва ҳалшаванда бошанд. Сипас, боз як маротибаи дигар талабот ва коидахои ичрои машкро ба иштирокчиён хотиррасон кунед, бовари хосил намоед, ки онхо шуморо дуруст фахмиданд.

Баъди ба анҷом расидани кор дар гуруҳҳо намояндагони ҳар гуруҳ барномаҳои худро муаррифи мекунанд. Ба саволҳои иштирокчиён метавонад муаррифи кунанда ё худи ин гуруҳ ҷавоб диҳад. Агар иштирокчиён савол надошта бошанд, варақаи саволҳои худатон омода кардаро (барои ҳар гуруҳ дар алоҳидаги) пешкаш намоед ва муҳокимарони кунед. Дар ин сурат машк шавковар ва  зинда мегузарад.

Дар анҷоми бози, бо иштирокчиён то чи андоза ҳақиқи/реали будани ҳар як барномаро ва чи тавр барномаҳои мухталиф бо ҳамдигар мувофиқат карда метавонанд муҳокима кунед. Баъди муҳокимарони чунин хулоса бароред: Агар бисёрии  ин барномаҳо ба ин шароитҳо ҷавобгӯ бошанд ва ба хакикат наздик бошанд, мо гуфта метавонем, ки  агар мардуми ҷомеа тамоман бедор нашаванд хам, ақаллан чашмонашонро кушоянд.

**Бозии 2: Бозии нақш**: «Ҷамоати идеалии ман»

**Вақти иҷроиш**: 25 дақиқа.

**Мақсадҳо:** баланд бардоштани фаҳмиши иштирокчиён оиди ҳукумати маҳаллӣ ва пешниҳод намудани ақидаҳо барои иштироки фаъолонаи онҳо дар кору фаъолиятҳои маҳаллӣ.

**Дастурамалҳо:** Иштирокчиёнро ба ду гурӯҳ ҷудо намоед. Иштирокчиён бояд саҳнаеро офаранд, ки дар мавзӯи ватандӯстӣ бошад. Пешсафи гурӯҳ аз байни иштирокчиён нависандагон, коргардон ва ҳунармандонро интихоб менамояд.  Иштирокчиён бояд ғояи сахначаро дар якчояги мухокима карда дарёфт намоянд. Нақши пешсаф дар пешниҳод намудани мундариҷаи сахнача маҳдуд аст. Ӯ танҳо метавонад мақсади зеринро ба иштирокчиён пешниҳод намояд: пешкаш намудани сахначаи ҷолиб бо истифодаи нависанда ва ҳунармандони беҳтарин ва ғайра. Иштирокчиён мебояд саҳнаеро дар нақша гиранд, ки 10 дақиқа давом ёбад. Ин супориш бояд дар тӯли 7-10 дақиқа омода шавад. Сонияи, ба ҳар як гурӯҳ имконият дода мешавад, то ки онҳо сахначаи офаридаашонро пешкаш намоянд: номи сахнача, ғояи асосӣ, мундариҷаи мухтасар ва иҷроиши саҳначаи кӯтоҳ. Иҷроиши сахначаи ҳар як гурӯҳ 10 дақиқа давом меёбад.

Баъди ичрои саҳначаҳо кушиш намоед, ки иштирокчиён аз нақшҳои худ бароянд ва дар муҳокимаи умумии сахначаҳо иштирок намоянд. Баъд аз муҳокимаи саҳначаҳо ба иштирокчиён миннатдори баён кунед ва ва хулосахо бароред.

| ФАЪОЛИЯТИ ИХТИЁРӢ, ФАЪОЛИЯТ БА МАНФИАТИ ҶАМЪИЯТ ВА МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ | БОБИ 6 |
|---|---|

| НАҚШАИ ДАРСӢ | |
|---|---|
| **Мақсад:**<br>Иттилоъ расондан ба иштирокчиён дар бораи имкониятҳои мавҷуда барои иштироки онҳо дар корҳои ҷамъияти, инчунин оиди масъулияти шаҳрванди ва афзун намудани неруи эчодии онҳо | **Вазифаҳо:**<br>- Ба иштирокчиён дастрас намудани маълумот дар бораи ташаббускорӣ ва иштироки онҳо корҳои ҷамъиятӣ;<br>- Ба иштирокчиён барои шаҳрванди бомасъул ва эҷодкор будани онҳо кумак расонидан;<br>- Фаҳмиши иштирокчиёнро дар бораи роҳҳои ҷалб гардидани онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ зиёд намудан. |

Мафҳумхои асоси: фаъолияти ихтиёри, иштирок, ташаббус, масъулиятнокӣ, ӯҳдадорӣ.

| **Вақт** | **Машғулият** | **Сарчашмаҳо** |
|---|---|---|
| **10 дақиқа** | Аз қайд гузаронидани иштирокчиён<br>Мухтасар такрор намудани мавзӯи рӯзи гузашта<br>• Шинос намудани иштирокчиён бо мавзуъ.<br>• Сухбат оиди мафхумхои асоси | Маводҳо барои тақсим намудан, флипчартҳо, маркерҳо |
| **30 дақиқа** | Фаъолияти ихтиёри ва шахси ихтиёри.<br>Мухокимарони<br>Машки 1. | Маводҳо барои тақсим намудан, флипчартҳо, маркерҳо, саволҳо барои муҳокимаронӣ |
| **20 дақиқа** | Ташаббус ва иштирок. Унсурҳои иштироки фаъолона.<br>Муҳокимаронӣ | |
| **35 дақиқа** | Фаъолият ба нафъи чомеа. Шаҳрванди масъулиятнок<br>Мафҳумҳои асосӣ<br>Муҳокимаронӣ<br>Машқи 2 | Маводҳо барои тақсим намудан, флипчартҳо, маркерҳо, машқҳо |
| **20 дақиқа** | Машки амали, хулосабарорӣ<br>Такрори мухтасар барои иштирокчиён<br>Саволу ҷавоб | Маводҳо барои тақсим намудан, флипчартҳо, маркерҳо |
| **120 дақиқа** | **Вақти умумӣ** | |

**Мундариҷа**
**Бо иштирокчиён оиди мафҳумҳои фаъолияти ихтиёри ва шахси ихтиёри (волонтер) муҳокимаи умуми ташкил намоед.**

Фаъолияти ихтиёри – ин интихоби озоди фаъолият барои иштирок дар ҳаёти ҷомеа бо мақсади рушди он бе дархости чизе ба ивази он мебошад. Вақте шумо бо корҳои ҷамъиятӣ машғул мешавед, барои он вақт, қувва ва маҳорати худро истифода мекунед ва мебахшед. Шумо имконият доред намуди фаъолияти худро, инчунин  кай, дар кучо ва чи тавр ичро менамоед интихоб кунед.

Шахсони ихтиёрӣ метавонанд дар беҳбудии ҷамъиятҳои худ ва ҷаҳон саҳми худро гузоранд. Шахси ихтиёрӣ будан – ин бар манфиати чомеа ва атрофиёни худ бе назардошти пардохти музд барои мехнати худ мебошад.

Ихтиёриён ё фаъолияти ихтиёри (*voluntarius калимаи лотини буда, маънояш ихтиёри аст)* намуди доманвасеъи фаъолият аст, ки шаклои анъанавии фаъолияти муштарак ва худёрирасони, расман расондани хизматхо ва дигар шаклҳои иштироки шарвандиро дар бар мегирад, ки ҳамаи онҳо ба таври ихтиёри ба манфиати ҷомеа ба таври ройгон анҷом дода мешаванд. Ихтиёриён аз нуктаи назари қонунгузори шахсони воқеие мебошанд, ки ба таври ройгон фаъолияти хайрияви анҷом медиҳанд.

Қайд намудан лозим аст, ки фаъолияти созмонҳои хайрияви ба дастгирии ихтиёриён ниёз дорад.

Мафҳуми фаъолияти ихтиёриро бисёр вақт бо фаъолияти  амъияти омехта мекунанд, ки ин на чандон дуруст аст. Мо бояд фарқияти фаъолияти созмонҳои ҷамъиятиро аз фаъолияти ихтиёри  дуруст дарк карда тавонем.  Фаъолияти созмонҳои ҷамъияти ин ҳама гуна фаъолиятест, ки  ба  дастгирии  ҷомеа равона карда шудааст.
Дар навбати худ фаъолияти ихтиёри равона шудааст ба ниёзмандони якуминдарачаи , ки имконияти ба худ ёри расонданро надоранд – пирон ва кухансолон, маъюбон, бекасон, осебдидагони ҳолатҳои фавқулодда, осебдидагони мушкилоти ичтомои ва ғайра.  Мисоли хуби фаъолияти ихтиёриёнро дар вақти омадани сел, заминчунби дидан мумкин аст.  Дар кишвари мо низ як чанд гуруҳҳои ихтиёриён омода шудааст,ки дар вакти лозими онхо аз тарафи макомотхои дахлдор  барои ёри расондан чалб карда мешаванд.
Мохияти фаъолияти ихтиёри – ин дасти ёри дароз кардан ба ниёзмандон бе назардошти музди меҳнат мебошад. Қайд кардан лозим аст,ки аз давраҳои қадим  дасти ёрии ихтиёриён ҳангоми хашар дар махаллахо – сохтумон, тоза кардани каналу-ҷуйборҳо, барқарор кардани иншоотхои ҷамъияти мушохида мегашт.  Ва имруз ҷавонони курси маҳрифати шаҳрванди бояд барои фаъолияти ихтиёри ба манфиату рушди ҷомеаи худ омода бошанд.

Шахсони ихтиёрӣ ҳамаи намуди корҳоро иҷро менамоянд. Ҷавонони ихтиёри имруз бояд омода бошанд,ки дар фестивалу-озмунхои мусиқавӣ, рақсӣ ва гурӯҳҳои театрӣ, фарҳангӣ, санъат, намоишҳои касбӣ ва радиои ҷамъиятӣ иштирок намоянд. Ба ғайр аз ин,  аз руи эҳтиёчоти маҳали зисти худ барои ҳалли мушкилотҳои гуногун саҳмгузор бошанд.

**Саволҳо барои муҳокима:**

- Шахси ихтиёрӣ кӣ аст?
- Шахсони ихтиёрӣ кадом намуди фаъолиятҳоро иҷро менамоянд?
- Барои чи одамон шахсони ихтиёрӣ мешаванд?
- Чи тавр имкониятҳои шахси ихтиёриро дарёфт кардан мумкин аст?
- Чи тавр шахсони ихтиёрӣ метавонанд ҷамъиятро пурқувваттар гардонад?
- Оё Шумо метавонед шахси ихтиёри бошед?
- Чи фаъолияти ихтиёриро ба ухдаи худ гирифта метавонед?

**Ташаббус ва иштирок**

Шахси ихтиёрӣ будан бо мафҳуми «ташаббус» алоқаи зич дорад. Ташаббус нишон додан ин омода будан ва амалеро ичро карда тавонистан, инчунин богайратона иҷро намудани нақша ва ё супориш маънидод карда мешавад.

Калимаи ташаббус асоси калимаи «ибтидо» мебошад, ки маънии воридшавии касеро ба ҳаёти нав дорад. Имрузхо фаъолияти созмонхои чамъияти як намуди ташаббус нишон додан дар халли мушкилотхои махали зист ва бехбуд кардани сатхи зиндагонии ахоли бо рохи амали кардани лоихахои ичтимои мебошад.

Иштирок дар курси маърифати шахрванди ба чавонон донишу-малакахои иловаги таъмин намуда онхоро барои ташаббус нишон додан ва иштироки фаъоли онхо дар хаёти чомеаро таъмин менамояд.

Фаъол будани чавонон ба худи онхо қувваи наву тозае мебахшад, ки кас метавонад ба атрофиён таъсири худро расонад ва фаолияти худро бахри беҳбудии умуми истифода баранд. Имрузхо чавонон метавонанд ба туфайли фаъолияти ихтиёрӣ ва ташаббускорӣ дар чомеаи худ нававарихое амали намоянд, ки ба манфиати хамаи ахли чомеа шуда метавонад.

Кобили кайд аст,ки ташаббус нишон додан бештар ва шахсоне таалук дорад,ки онхо дорои хислатхои пешсафи хастанд, ба дигарон (хамсолон, ё хамдехагон) таъсир расонда метавонанд ва дигаронро аз паси худ барои халли ин ё он мушкили, ё амали намудани накша бурда метавонад.

Имрӯзҳо, бештари ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва мамлакатҳои худ иштирок варзида барои рушди он саҳми худро мегузоранд. Онҳо шаклҳои мухталифи иштироки эҷодкоронаи худро дар санъати мусиқӣ, театр, таҷҳизотҳои рақамӣ, ахбороти ҷавонон, лоиҳаҳо оиди ҳифзи муҳити зист ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд.

Ташаббуси чавонони имруза инчунин метавонад ба баланд бардоштани иттилоотнокии онхо оиди масъалахои тандурусти, зарари нашъаманди ва сигоркаши, тарзи хаёти солим, маърифати шахрванди ва гайра бошад.

Ҳамаи ҷавонон бояд дар ҳалли масъалаҳои ҷамъияти худ ҷалб карда шаванд. Бо ҷалб шудан ба фаъолиятҳои ихтиёрӣ ва ташаббус нишон додан ҷавонон метавонанд:

- бо пешкаш намудани хизматҳои басо муҳим барои беҳбудии умумӣ, масъулиятро бештар ҳис намоянд;
- ибрози ақида намуда, роҳҳои ҳалли масъала ва пешравиро дар сатҳи маҳаллӣ пешниҳод намоянд;
- дар бораи он, ки дар ҷамъияти мо ва тамоми ҷаҳон чи рух медиҳад огох гарданд ва тасаввурот пайдо намоянд;
- дар рафти қабули қарорхо фаъолона иштирок намоянд.

Умуман, иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Дар солҳои охир ба иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шаҳрвандии фаъол диққати бештар дода мешавад. Боз ҳам, ҳазорҳо роҳҳои дигаре вуҷуд доранд, ки метавонанд ҷавононро ба фаъолиятҳои бунёдкорона ва саҳм гузоштан дар пешрафти ҷамъият ҷалб намоянд.

Ҷавонон на бояд ҳалли проблемаҳои худро аз дигарон интизор шаванд. Онҳо бояд ташаббус нишон диханд, ва дар рушди ҷамъияти худ саҳмгузори намоянд. Дар ташаббус ё ичрои лоиҳаҳои худ, ҷавонон бояд кӯшиш намоянд, ки одамони дигар, инчунин тарафхои гуногунро низ ба корхои якчоя чалб намоянд, ба мисли шӯрои маҳаллӣ, макомотхои худидоракунии маҳаллӣ, мактабҳо, ҷамъиятҳо, клуб ва созмонҳои ҷавонон, газета ва ғайра.

**Саволҳо барои муҳокима бо иштирокчиён:**

- Шумо калимаи «ташаббус»-ро чи тавр мефаҳмед?
- Барои чи ташаббус нишон додан ин қадар муҳим аст?
- Барои чи иштирок намудан лозим аст ва «фаъол» будан барои шахси ҷавон чи маънӣ дорад?
- Чи тавр ба таъғирот ибтидо гузошт?
- Шумо имрузхо чи ташаббус нишон дода метавонед?

Диаграммаи зеринро дар флипчарт кашида бо иштирокчиён дар вакти мухокимаи мафхумхои асосии Иштироки фаъолона истифода баред

**Унсурҳои иштироки фаъолона**




**Фаъолият ба нафъи чомеа/ба нафъи чомеа хизмат кардан**

Фаъолият ба нафъи чомеа ба мафҳуми фаъолияти шахси ихтиёрӣ монанд мебошад. Ин фаъолиятест, ки аз тарафи шахси алоҳида ё гурӯҳи одамон ба нафъи ҷамъият иҷро карда мешавад. Шахсони ихтиёрӣ метавонанд бо фаъолияти ҷамъиятӣ машғул гарданд, аммо на ҳар кас, ки ба нафъи чомеа хизмат мекунад, ҳамчун шахси ихтиёрӣ дониста мешавад. Зеро баъзе аз одамоне, ки бо ин намуди фаъолият машгуланд, онро на бо иродаи худ ичро мекунанд. Онҳо барои иҷрои он кор маҷбур карда шудаанд, мумкин вазифадоранд аз тарафи:



- ҳукумат ҳамчун қисми талаботҳои шаҳрвандӣ, ба ҷои хизмати ҳарбӣ;
- судҳо, ба ҷои ё дар иловаи чораҳои ҷазо;
- мактаб, дар асоси талаботҳои синфӣ. Ба таври мисол, иштироки мактаббачагон дар накшахои гуногуни мактаб, шанбегихо, дастахои варзиши ва гайра.

Ташаббуси чавононе,ки ба нафъи чамъият равона шудааст – хизматрасонии чавонон номида мешавад. Ин фаъолияти ҷавонон бо нияти мустаҳкам намудани ҳиссиёти онхо

оиди ҷалб шудан ба фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ва ба онҳо кӯмак расонидан оиди ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ, иҷтимоӣ ва пешрафти чомеа, ташкил карда шудааст. Ин ба ҷавонон имконият фароҳам меорад, то ки онҳо маҳорату малакаҳояшонро барои оилаашон, касбашон ва ҷамъияташон сафарбар намоянд. Фаъолияти ҷамъиятӣ ҷавононро барои рушд додани хислатҳои мусбӣ, ба мисли эътимоднокӣ, ҳурмату эҳтиром, масъулиятнокӣ, боадолатӣ, ғамхорӣ ва эхсоси шаҳрванди ҳавасманд мегардонад.

Зухури ғояҳои ҷамъиятӣ ваташаббусхои ҷамъиятӣ:

- Муносибат ва муоширати хуб бо аъзоёни чомеа;
- Иштирок дар хашархо ва маъракахои чомеа;
- Ба ҳамсояҳо дар корҳои ободнии махал ва атрофи хона кӯмак расонидан;
- Дар ҷорабиниҳои ҷамъиятӣ ихтиёрона фаъолият намудан;
- Дарахтхо шинондан ва боғҳо ташкил додан;
- Дарё ва боғҳоро тоза намудан;
- Бо хамдехагон муносибати кушод кардан ва иштирок дар хаёти чомеа;
- Дар минтақаи худ лоиҳаҳои гуногун, аз чумла пешгирии зӯроварӣ амали намуда дар он иштирок намудан;
- Хамрохи шахсоне будан, ки ба дӯст эҳтиёҷ доранд;
- Дар мактаб намоишҳо оиди тандурустӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ташкил додан;
- Гурӯҳи варзишии ҷавононро сарварӣ намудан;
- Ба шахсе хонданро ёд додан, маълумотнокии онро зиёд кардан;
- Ба дӯстон меҳрубонӣ кардан;
- Маҳорату малакаи худро муайян карда таҷрибаи шахсии ихтиёриро истифода намуда, онро рушд додан;
- Дар мактаб чорабиниҳо оиди пешгирии сигоркашӣ ташкил кардан;
- Тарғиботи ҳаёти солим дар байни ҷавонон ва ғайра.

Кайд намоед, ки хамаи он зухуроте, ки дар боло оварда шудааст, иштирокчиён метавонанд ва кушиш намоянд,ки барои худ истифода баранд.
Ба саволҳои иштирокчиён ҷавоб дихед ва барои муҳокимаи мафҳуми дигар гузаред.

**Шаҳрвандии масъулиятнок**
Ба хотири иштирокчиён мафхуми шаҳрвандро хотиррасон кунед. Шаҳрванд ки аст? Агар мо ба харита нигарем дар он шумораи зиёди мамлакатҳоро мебинем. Ҳар як давлат сарҳад ва ҳудудҳои сиёсиву ҷуғрофии худро дорад. Ҳар нафаре, ки ҳуқуқи дар дохили он сарҳадҳо зиндагӣ карданро дорад, ҳамчун истиқоматкунанда ва ё шаҳрванди он давлат дониста мешавад.

Шаҳрвандии масъулиятнок шахсе мебошад, ки барои саломатӣ ва амнияти ҷамъияташон ҷораҳои заруриро меандешад. Шаҳрванди масъулиятнок дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок намуда, барои баланд бардоштани некӯаҳволии одамон саҳми худро мегузорад.

Шаҳрванди масъулиятнок будан кори мушкил нест. Шаҳрванди масъулиятнок будан – ин худпарастиро пеша накардан аст ва болотар гузоштани ниёзҳои ҷамъиятӣ аз ниёзҳои шахсӣ мебошад. Аммо, ин чунин маънӣ надорад, ки кас бояд тамоми вақти холигии худро

барои шахси ихтиёрӣ будан ва ё барои ба дигарон кӯмак расонидан сарф намояд. Балки, маънии каме фикр кардан дар бораи таъсири фаъолиятҳои худ бар дигарон ё барои ноил шудан ба беҳбудиҳои бештар кӯшиш карданро дорад. Шаҳрванди бомасъул будан низ маънии риоя намудани ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқиро дорад. Биёед ӯҳдадориҳои худро ҳамчун шаҳрванд баҳогузорӣ намоем:

- **Ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ:** Дар воқеъ, ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ қисми асосии шаҳрванди бомасъул буданро ташкил медиҳад. Он чи маънӣ дорад? Барои шаҳрванди бомасъул будан, мо бояд ба ҷамъиятҳои худ ва ба онҳое, ки дар он зиндагӣ мекунанд, кӯмак расонем. Ҳамин тавр, шаҳрванди бомасъул будан фаъолиятҳои шахси ихтиёрӣро низ дар бар мегирад.

- **Ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ:** Ҳеҷ кас наметавонад берун аз чаҳорчӯбаи қонун шаҳрванди бомасъул бошад. Шахсони ҷинояткор, табиатан, ҳамчун шаҳрвандони бомасъул рафтор наменамоянд. Қонунҳое хастанд, ки барои ҳимояи шаҳрвандон, барои химояи ҷамъияте, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд ва молу мулки онҳо равона карда шудаанд. Бинобар ин, барои шаҳрванди бомасъул будан мо бояд қонунҳоро эҳтиром намоем ва онхоро риоя кунем. Ба дигарон ва ё молу мулки онҳо зарар расонидан ба шаҳрванди бомасъул будан мувофиқ нест.

- **Ӯҳдадориҳои ахлоқӣ:** Дуруст муайян намудани фаркияти ӯҳдадориҳои ахлоқи аз шаҳрванди бомасъул мушкилтар аст, зеро одамони гуногун дорои меъёрҳои ахлоқии мухталиф мебошанд.

*Дар инчо, муаллими маърифати шаҳрвандӣ бояд ақидаи «ҳар касро мебояд ва ӯҳдадор аст то шаҳрванди бомасъул бошад ва ба туфайли шаҳрвандии бомасъул ҷамъият пеш меравад»-ро қайд намояд. Илова бар ин, маллим бояд тазаккур диҳад, ки ҳама ба ақидаи «як нафар метавонад бо фаъолиятҳои худ ба ҷамъият беҳбудӣ орад», ҳавасманд гарданд ва ба он кӯшиш намоянд.*

**Дар анчоми дарс бо иштирокчиён мисолхои зеринро (пешаки дар флипчарт нависед) дар мачмуъ дида бароед:**
Шумо метавонед тавассути нишон додани масъулиятҳои зерини шахсии худ шаҳрванди масъулиятнок бошед:

- бо истифодаи усулҳои осоиштаю мувофиқ дар ҳалли моҷароҳо;
- нишон додани бовиҷдонӣ ва садоқатмандӣ;
- дарк кардани он, ки интихоб ва фаъолиятҳои одамон чи тавр ба худи онҳо, оилаҳояшон ва ҷамъият таъсир мерасонад.

Бо ҷорӣ намудани тарзи ҳаёти солим тавассути:

- дастрас намудан, таҳлил кардан ва истифода бурдани сарчашмаҳо барои рушди сатҳи тандурустӣ;
- нишон додани қобилият барои муайян сохтан, пешгирӣ кардан ва паси сар намудан, ё идора кардани вазъиятҳои хавфнок.

Фаҳмидан ва пеш бурдани принсипҳои демократии озодӣ, адолат ва ягонагӣ тавассутӣ:

- риоя ва ҳифз намудани ҳуқуқҳо ва моликияти шаҳрвандон;
- ҷорӣ намудани раванди демократӣ ба туфайли иштирок ва овоздиҳӣ;
- дарки он, ки ҳамаи одамон шаъну шарафи худро доранд.

Бо иштирок дар ҷорабиниҳо оиди пеш бурдани беҳбудии ҷамъиятӣ тавассути:
- дарки системаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва муҳити зист;
- кор дар соҳаи рушди иҷтимоӣ;
- муайян намудан ва чораҳо андешидан барои қонеъ гардонидани талаботҳои ҷамъиятӣ.

Баъди дида баромадани роххои гуногуни  масъулият нишон додани чавонон аз дарси гузашта хулосахо бароред, ва дарсро анчои дихед.

**Замима**
**Машқи 1: Фаъолияти шахси ихтиёрӣ**
Ба иштирокчиён моҳияти фаъолияти ихтиёриро фаҳмонед. Пас, аз ҳар як иштирокчӣ пурсед, ки ин фаъолият ба онҳо чи медиҳад? Ду рӯйхат ташкил намоед ва аз ҳар як иштирокчӣ хоҳиш кунед, се афзалиятро фаъолияти ихтиёриро номбар кунанд. Афзалиятхои номбаршударо муҳокима кунед ва хулоса бароред. Мақсад аз ин машк, баланд бардоштани рағбати ҷавонон ба фаъолияти ихтиёрӣ  зиёд мебошад. Афзалиятҳои фаъолияти ихтиёрӣ чунинанд::
- Хурсандӣ кардан
- Робита бо дигарон
- Ҳисси миннатдорӣ
- Ҳисси нуфуз доштан
- Огоҳ будан аз ҷамъият ва ниёзҳои он
- Сахм гирифтан дар халли мушкило
- Инкишофи маҳорату малакаҳои нав
- Тадқиқи имкониятҳо барои пешрафти касбӣ

**Маводҳо барои тақсим намудан #1: Имкониятҳои фаъолияти ҷамъиятӣ**
Тасаввур намудани вазифа/фаъолият:
Ман ҳамчун шахси ихтиёрӣ дар куҷо фаъолият менамоям?
Ном барои муроҷиат намудан:
Рақами телефон:
Ман чи тавр дар бораи ин вазифа маълумот пайдо намудам:

**Машқи 2: Масъулияти шаҳрвандӣ**

Иштирокчиёнро ба се ё чор гурӯҳ чамъ биёред ва ба онҳо иқтибосҳои зерини шахсиятҳои ҷаҳониро пешкаш намоед. Бо онҳо моҳияту муҳимияти онҳоро муҳокима намоед:

- «Шаҳрвандӣ аз хизмат ба Ватан иборат мебошад» - **Ҷавоҳарлал Неру**
- «Масъулият арзиши олиҳимматӣ аст» - **Уинстон Черчилл**
-

- «Ҳар кас метавонад бузург бошад, зеро ки ҳама метавонад хизмат кунад» **Доктор Мартин Лютер**
- « «Ҳеҷ гоҳ шубҳа накунед, ки гурӯҳи хурди шаҳрвандони бомаърифат ва вафодор метавонанд оламро таъғир диҳанд: дар ҳақиқат ин ягона чизест, оламро тагйир додааст» - **Маргарет Мид**

Муаррифии гуруххоро гузаронед ва аз руи коркарди гуруххо хулосахо бароред. Дар вакти хулосабарои, инчунин метавонед кайд намоед,ки ин дар катори ин шахсиятхои чахони занон низ чой доранд, ва сафи ҷавонони курси маърифати шаҳрвандиро омухта низ метавонанд дар таърих ному худро гузоранд.

Пеш аз ба супоришҳои амали гузаштан, метавонед дар давоми 5 дақиқа муҳокимаи фаъолиятҳое, ки дар он чавонон метавонанд иштирок намоянд, гузаронед.
Саволҳо барои муҳокима бо ҷавонон:

- Вакте,ки шахсони гуногун оиди ин ё он масъала акидахои мухталиф доранд чи гуна рафтор мекунед?
- Чи тавр дар ҷамъият дар ҳамоҳангӣ зиндагӣ кардан мумкин аст?
- Дар ҷамъият чи тавр ба ҳамраъйи муяссар гаштан мумкин аст?

**Супориши амалӣ ба иштирокчиён:**
*Муаллими маърифати шаҳрвандиро зарур аст, ки роҳҳои аз тарафи ҷавонон истифода бурдани донишу маҳорати то хол дар курс омӯхтаашонро ба инобат гиранд. Ба ҷавонон супориш дода мешавад, то ки онҳо бо кӯмаки муаллими маърифати шаҳрвандӣ нақшаи шахсии фаъолияти худро тартиб диҳанд. Нақшаҳо бояд дар доираи проблема ё мавзӯи махсус коркарда шуда бошанд, ки барои иштирокчиёни дигар шавқовар бошад, тартиб дода шаванд. Нақшаҳо ба гурӯҳҳои калонтар ҳангоми ҳафтаи 10-уми курси маърифати шахрванди ва ҳафтаи интиҳоии курс, ҳамчун лоиҳаи ба охир расида, пешкаш карда мешаванд.*

Номи пурра:
Номи Омӯзгори маърифати шаҳрвандӣ:
Сана:

| | |
|---|---|
| **МАҚСАДИ МАН ЧУНИН АСТ:** | |
| **БАРОИ ЧИ ИН БАРОИ МАН МУҲИМ АСТ:** | |
| **БАРОИ БА ИН НОИЛ ШУДАН БА МАН ЗАРУР АСТ, КИ:**<br>***Рӯйхати иқдомҳои ба ман зарурбударо тартиб диҳам. Муфассал ва мушаххасбаён бошам!*** | |
| **Ман нақшаи фаъолияти худро оғоз менамоям, дар (санаи):** | **Санае, ки ман ин иқдоми худро ба итмом мерасонам, бо:** |
| **Қадами 1** | |
| **Қадами 2** | |
| **Қадами 3** | |
| **Қадами 4** | |
| **Ман бештар бо кадом намуди проблемаҳо ва мушкилот рӯ ба рӯ мешавам?**<br>**Барои паси сар намудани проблемаҳо ман бояд чи кор кунам?** | |
| **Дар охир ман интизорам, ки ба чунин натичахо ноил мегардам:** | А.<br>Б.<br>В. |

| НИЗОЪ ЧИСТ? НАМУДХОИ НИЗОЪ. МАҲОРАТИ БУРДАНИ ГУФТУШУНИДХО | БОБИ 7 |
|---|---|

| НАҚШАИ ДАРСӢ | |
|---|---|
| **Мақсад:**<br>Ба иштирокчиён додани иттиллоъ оиди мафҳуми низоъ, намудхои низоъ ва маҳоратҳо дар ҳалли осоиштаи низоъ ва муаммоҳо. | **Вазифаҳо:**<br>- ба иштирокчиён дар бораи мафхуми низоъ, намудхои он, усулҳо ва роҳҳои ҳалли низоъ итиилоъ додан;<br>- ба иштирокчиён дар бораи проблемаҳои ҳаррӯза маълумот пешниҳод намудан;<br>- шинос намудани ҷавонон ба нозукиҳои гузаронидани гуфтушунидхо; |

| **Мафхумхои асоси: низоъ/мочаро, намудхои низоъ, проблема/мушкилот, гуфтушунидхо** | | |
|---|---|---|
| **Вакт** | **Фаъолият** | **Сарчашмаҳо** |
| **5 дақиқа** | Аз қайд гузаронидани иштирокчиён | Дафтари синф |
| **20 дақиқа** | Қисми 1.  Низоъ чист? Намудҳои низоъ. | |
| **25 дақиқа** | Қисми 2: Тарзи рафтори гуногун ҳангоми ба миён омадани низоъ<br>Қисми 3. Проблема бояд чи гуна ҳал карда шавад. | |
| **30 дақиқа** | Қисми 3. Мафхуми проблема. Проблема бояд чи гуна хал карда шавад?<br>Машқи интерактивии гурухи: «Ҳалли проблемаҳои ҳаётӣ»<br>Максад: ба чавонон оиди мухокима ва хал намудани проблемахои хаёти кумак расонидан | 5 дона ватман (флипчарт), 2 дона маркери ранга |
| **30 дакика** | Бозии нақш оиди гузаронидани гуфтушунидхои самарбахш: «Апельсин»<br>Мақсад: Ба ҷавонон намоиш додани нозукихои гузаронидани гуфтушунидҳо | |
| **10 дақиқа** | Хулосабарорӣ ва ҷамъбаст. Вазифаи хонаги. | |
| **115 дақиқа** | **Вақти умумӣ** | |

**Мундарича**

*Муаллими курси маърифати шахрванди ба иштирокчиён оиди низоъ ва намудхои низоъ мухтасар маълумот дода ба мавзуъ вориш гардад. (баромади муаллим оиди мавзӯъ на зиёда аз 10 дақиқа давом меёбад):*

Низоъ (мочаро) – ин муносибати байни ду ё якчанд тарафхо мебошад,ки максадхои гуногун доранд ё фикр мекунанд,ки максадхои ба хам номувофик доранд.
Низоъ дар натичаи набудани баробари дар ин муносибатхо ба вучуд меояд. Накши асосиро дар сар задани низоъ – низоъангезхо (конфликтогенхо) мебозанд. Маънои ин калима мусоидаткунандаи низоъ мебошад, ва дар хакикат хам истифодаи ин калимахо сабаби ба миён омадани низоъ мешаванд. Низоъангез гуфта мо калимахоеро дар назар дорем,ки ба сар задании низоъ мусоидат мекунанд. Мохияти аслии низоъангезхоро чунин фахмонидан мумкин аст, ки мо нисбат ба суханхое,ки худамон мегуем бештар ба суханхои гуфтаи дигарон гуш мекунем.

Ба низоъангезе, ки ба умкобили мо равона карда шудааст, мо кушиш мекунем бо низоъангези нисбатан сахттар чавоб гардонем. Чабрдида нисбати худ низоъангезро кабул карда, мехохад бохти психологии худро чуброн кунад. Аз ин ру барои фуру нишондани хашми худ ба ранчиш бо ранчонидан чавоб мегардонад. Дар ин сурат чавоб мулоимтар набуда, баръакс пуртаъсиртар ва сахттар мебошад. Дар натича кувваи низоъангезандахо босуръат меафзояд.
Дар инчо муаллим метавонад бо иштирокчиён оиди мавзуъ мухокимаи умуми гузаронад. Саволхои эхтимоли барои мухокима:

- Низоъ дар кучо бештар руй медихад?
- Низоъ дар байни кихо ба амал меояд?

Дар чамъбасти мухокима муаллим метавонад дар бораи намудхои гуногуни низоъ истода гузарад:

- Низоъи байни ашхос (байни ду шахс)
- Низоъ байни шахс ва гурух
- Низоъ байни гуруххо
- Низоъи ботини

Бо иштирокчиён мафхумхои асосиро мухокима намуда ба кисми дуюми дарс гузаред.

Дар давоми мавзуъ ба иштирокчиён фахмонед,ки шахсони гуногун мавриди низоъ рафтори гуногун мекунанд. Аз иштирокчиён метавонед пурсед,ки кадом тарзи рафтор мавриди низоъ ба онхо маълум аст? Фикри иштирокчиёнро гуш карда, мухтасар дар рафти идоракунии вазъияти низоъ чой доштани панч тарзи рафторро кайд намоед. Бо ёрии мисолхои гуногун панч тарзи рафтори зеринро мухокима кунед:

- **Тарзи канорагири.** Дар ин тарзи рафтор шахс худро аз ихтилоф дур мекашад ва канорачуи мекунад.
- **Замонасози кардан.** Дар ин маврид шахс манфиатхои худро ба назар нагирифта, танхо барои конеъ гардонидани манфиатхои чониби дигар кушиш мекунад.
- **Рақобат.** Дар ин намуди рафтор шахс танхо манфиатхои худро ба назар гирифта, манфиати чониби дигарро инкор менамояд. Ыакат баро ба галаба ноил гардидан бе назардошти хохишу манфиати чониби дигар кушиш мекунад.
- **Созиш кардан (компромисс) –** ёфтани мавкеи миёна, ки харду чонибро конеъ мегардонад. Нисбати якдигар гузашт карда тавонистан ва манфиатхои якдигарро кисман конеъ гардонидан аст.
- **Хамкори.** Хамкори кардан ин фаъолияти муштарак бо чониби дигар дар рохи ёфтани чунин халли ихтилоф, ки барои ҳарду ҷониб каноатбахш бошад. Дар ин тарзи рафтор манфиатҳои ҳарду ҷониб ба назар гирифта мешавад.

*Дар ҷамъбасти ин қисмати дарс, муаллим метавонад қайд намояд,ки низоъ* метавонад зӯроварона ва ғайризӯровари бошад. Низоъ як қисми ҳаёти ҳаррӯзаи чомеа буда, он метавонад дар мактаб, дар хона, дар кӯча, кор, дар сахро ва гайра рӯй диҳад. Бо роҳи осоишта ва ба нафъи тарафайн ҳал карда тавонистани моҷаро, маҳорати асосие барои ҳар як сарвари ҷавон ба ҳисоб меравад.

Ин ҷо чанд маслиҳатҳо оиди ҳалли низоъ оварда шудааст:

1. **Оромиро риоя намоед –** Хомӯш истед ва ҳеҷ чиз нагӯед. Одатан шахси ғазаболуд мехоҳад Шуморо ба иғво андозад. Баҳс кардан бесамара аст, зеро ки он монеаҳо эҷод менамояд.
2. **Бигзор тарафи дигар сухан кунад –** Ӯ аз сухан кардан худаш дилгир мешавад. У мехоҳад,ки *сухани ӯ шунида шавад ва худро муҳим ҳис намояд.* Ҳар кас мехоҳад худро муҳим ҳис намояд. Баъзе аз одамон инро бо дигар роҳ баён менамоянд, ки бемаҳсул аст ё натиҷаи баръакс пеш меоварад.
3. **Нуқтаи назари шахси дигарро содиқона ба инобат гиред –** Худро ба ҷои ӯ гузоред. Ҳеҷ гоҳ нагӯед, ки «Шумо хато кардед». Воқеан роҳҳои созиш намуданро дарёбед ва ба он кӯшиш намоед.
4. **Агар вазъият ба таҳқир табдил ёбад, ба он хотима гузоред –** Ҷиддӣ, аммо оромона гӯед: «Шумо ҳоло бисёр хашмгин ҳастед ва чизҳое, ки дар назар надоред, гуфта истодаед (ба ӯ ҳисси бегуноҳӣ пеш оред). Ман мехоҳам худро сафед намоям. Вақте, ки Шумо ором шудед, мо метавонем боз сӯҳбатамонро давом диҳем.» Пас аз он хонаро тарк намоед ё хоҳиш кунед, ки хонаро тарк намоянд.
5. **Агар Шумо хато карда бошед, зуд онро тасдиқ намоед ва масъулиятро бар дӯш гиред –** Шумо метавонед гӯед: «Шумо комилан ҳақ ҳастед. Ин хатогии ман аст ва ман мехоҳам онро ислоҳ намоям.» Ҳатто агар ХАТОГӢ аз тарафи Шумо НАШУДА БОШАД, ақалан дар тарафи дигар ҳисси бегуноҳиро бедор намоед: «Шояд ман хато карда бошам, биёед якҷоя ҳақиқатро пайдо намоем.»

Ин кисмати дарсро чамъбаст намуда ба мухокимаи проблема /мушкилот гузаред.

Ба иштирокчиён гуфта гузаред,ки хар як холати низоъ як проблема/ ё мушкилиро ба миён меорад. Пеш аз ҳалли ин ё он проблема, ҷавононро сараввал зарур аст, ки моҳияти проблемаро дарк намоянд ва онро муайян намоянд. Бо иштирокчиён саволхои зеринро зеринро мухокима куне два хохиш намоед,ки мисоли проблемахои гуногунро биёранд:

- Барои проблема чой доштанаш шумо чиро асос медонед?
- Проблема дар куҷо рух медиҳад?
- Проблема чи тавр рух медиҳад?
- Кай он рух медиҳад?
- Бо ки он рух медиҳад?
- Барои чи он рух медиҳад?
- Барои рух додани проблема чи сабаб мешавад?

Агар ҷавонон миқдори зиёди проблемаҳоро муайян намоянд, аз онҳо пурсед,ки кадом проблемаҳо таъҷилианд ва бояд дар аввал ҳал карда шаванд. Ба онҳо фаҳмонед, ки барои ҳалли проблема аз дигарон (аъзоёни оила, ҷомеа, омӯзгорон, хамсолон, волидайн, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва гайра) низ маслиҳату кӯмак дархостан муҳим аст.

Мурочиат ба шахсони дигар барои халли ин ё он проблема фақат ба манфиати кор мебошад ва чавонон бояд инро дарк намоянд.

Бо иштирокчиён якчанд саволҳоро оиди ҳалли проблема муҳокима намоед, ба мисоли:

- Барои ҳалли проблема кадом сарчашмаҳо лозиманд?
- То кадом андоза ин сарчашмаҳо ба шумо датсрас хастанд?
- Халли проблема чи хатарҳо дорад?
- Оё ҳалли проблема роҳҳои гуногун дорад?
- Интихоби роҳи ҳалли проблема боз аз чиҳо вобастаги дорад?

Дар анҷоми муҳокимаи саволхо диққати иштирокчиёнро ба гуфтаҳои зерин ҷалб намоед:

***Ҳал намудани проблема*** қисми асосӣ дар раванди кабули қарор мебошад. *Ҳал намудани проблема* раванди равоние мебошад, ки дар мачмуъ муайян кардан, таҳлил намудан ва ҳал кардани проблемаро дар бар мегирад. Мақсади интиҳоии *ҳал намудани проблема* – ин паси сар намудани монеаҳо ва қабул намудани қарори дуруст мебошад.

***Гуфтушунид*** – ин муҳокимаронӣ бо мақсади созиш намудан мавриди халли проблема / ё низоъ мебошад. Гуфтушунид ин маҳорати калидие мебошад, ки пешсафон бояд дорои ин махорат бошанд. Махорати гуфтушунид карда тавонистанро хар як шахс метавон дар худ тарбия намояд.

***Эзоҳ ба муаллим:*** Вобаста ба вазъият метавонед ин бозии гурухиро ташкил кунед. Иштирокчиён метавонанд ихтиёран накшхоро интихоб намоянд ва иҷро кунанд.

**Бозии 1:** «Ҳал намудани проблемаҳои ҳаётӣ». Вакт 30 дакика.
Бо иштирокчиён бозии накширо оиди халли проблемахои хаёти ташкил кунед.

Иштирокчиёнро ба 4 гурух, 5 нафарӣ дар ҳар як гурӯҳ ҷудо намоед. Ба ҳар як гурӯҳ варақҳои калон тақсим намоед. Ба ҳар як гурӯҳ проблемаҳои гуногунро барои ҳал намудан пешкаш намоед:

1. Бародари Шумо аз мактаб оғуштаи хун ва бо доғҳои кабуд бармегардад. Вай мегуяд, ки чанд бачаҳои аз ӯ калонтар ӯро заданд.
2. Шумо ба ҳамроҳии рафиқатон вазифадор карда шудед, ки дар мактаб дар лоиҳае кор кунед. Санаи интиҳоии супоридани лоиҳа ҳафтаи дигар аст. Аммо рафиқатон дар лоиҳа ҳеҷ корро ба анҷом нарасонидааст ва намеходад кор кунад.
3. Раис ба Шумо мегуяд, ки дар сохтмон кор кунед, аммо ба Шумо тоскулоҳи (шлем) сахт намедиҳад. Шумо медонед, ки напӯшидани тоскулоҳ хангоми кор кардан дар сохтмон хатарнок аст.
4. Ҳамсинфатон Шуморо оиди мансубияти этникиатон (мансубият ба ягон халқият) мазоҳ мекунад. Шумо аз он ранҷиш меёбед.

Иштирокчиён дар гуруххо мухокимарони карда рохи халли ин проблема/низоъро бояд интихоб намоянд. Гуруххо метавонанд рохи дилхохи рафторро хангоми халли ин проблема интихоб намоянд ва онро намоиш диханд.
Ба иштирокчиён барои омодашави вакт чудо куне два шароит фарохам оваред.
Дар анчоми бози муаррифии гуруххоро амали намоед ва хулосабарори кунед.

**Бозии 2:** Гузаронидани гуфтушунидҳои самарабахш: «Афлесун».
Барои ташкили ин бозии накши аз иштирокчиён хоҳиш намоед,ки 6 нафар нафар ихтиёриён даст бардоранд. Иштирокчиёни ихтиёриро ба беруни синф бароварда максади гуфтушунидро ба онхо фахмонед.

1. Тарафи якум – ду нафар иштирокчи, намояндагони ташкилоти чамъиятие, мебошанд,ки аз пучоки афлесун доруи камёфт (ваксина) барои касалии саратони кудакон тайёр мекунанд.
2. Тарафи дуюм – ду нафар иштирокчие,ки намояндаи сохибкорон мебошанд ва аз афлесун афшура барои кудакон тайёр кард ба савдо баровардани хастанд.
3. Тарафи сеюм – сохибкоре, ки 2 тонна афлесуни фуруши дар шаҳр дорад. Танхо худи у фурӯшандаи афлесун мебошад. Максадаш- фурӯхтани афлесун.

Барои хар се тараф барои тайёри дидан 5 дақиқа вақт ҷудо кунед. Баъди 5 дақиқа бояд онхо дар атрофии мизи умуми гуфтушунид гузаронанд.
Хангоми тайёри дидани ихтиёриён иштирокчиёни бокимондаро вазифадор намоед,ки онхо танхо мушохида карда метавонанд ва дар анчоми гуфтушунид фикру-акидаи худашонро баё нарда метавонанд.

**Мақсади гуфтушунид:** бо роҳи ҳамдигарро хуб фаҳмида гуш карда тавонистани тарафҳо ба мақсад расидани ҳар се тараф: фурӯшанда ва харидорон аз ду тараф.
Хангоми гузаштани гуфтушунид ба иштирокчиён халал нарасонед ва танхо мушохида кунед.
Гуфтушунид метавонад ба тарзи гуногун анчом ёбад, тарафхо метавонанд байни хам дар вакти гуфтушунид маслихат кунанд ва дар якчояги хамами афлесунро харидори кунанд. Дар ин холат ҳам доруи кудакон аз пучоқи афлесун, ва хам афшура аз магзи афлесун метавон тайёр карда шавад.
Инчунин, тарафхо метавонанд ба як хулосае наоянд, ва дар фикри худ истодагари кунанд – ин ҳам бошад анчоми дигари гуфтушунид мебошад.
Дар вакти муҳокимаронии натиҷаи бозии гуфтушунид ва хулосабарори кайд намоед, ки аз ҳама асосиаш ҳангоми гуфтушунид бо эҳтиром гӯш андохтан ба суханони тарафи дигар ва тарзи дурусти қабули қарор мебошад.

**Хулоса**

Мо бо проблема ва моҷароҳо ҳар рӯз рӯ ба рӯ мешавем. Ҳар як сарвар бояд проблемаро хуб ҳаллу фасл намояд ва маҳорат дошта бошад, ки моҷароҳоро ба осоиштагӣ ҳал намояд. Сессияи мазкур воситаҳои гуногунро пешниҳод намуд, ки бо ёрии онҳо метавонед моҳияти проблемаҳоро муайян намоед ва роҳҳои ҳалли онро дарёбед. Дар ҳалли моҷаро усулу воситаҳои гуногуне вуҷуд доранд: аз ақибнишинӣ ба созиш ва ҳамкорӣ. Ҳар як усул афзалият ва камбудии худро дорад. Бинобар ин, сарварон бояд чораҳои заруриро фувофиқ ба табиати моҷаро андешанд. Чи тавре ки Алберт Эйнштейн гуфтааст: «Сулҳ

бо роҳи зӯрӣ ба даст оварда намешавад. Онро метавон танҳо тавассути ҳамдигарфаҳмӣ соҳиб шуд.»

**Вазифаи хонагӣ.**
Чизҳои азхуднамуда ва таҷрибаи шахсиатонро дар эълоннома барои ҳалли моҷаро, ки дар он хонандаро тавассути воситаҳо дар идора намудани он пеш мебаред, истифода баред.

Шартҳои дастурикунанда:

- Эълонномаи Шумо бояд ба талаботҳои ахлоқӣ ҷавогӯ, рангкардашуда ва муфассал бошад.
- Эълонномаи Шумо тавонад ба касе барои пешгирӣ кардани моҷаро кӯмак расонад. Бинобар ин, дар он бештар ҷидду ҷаҳд намоед.
- Дарси дигар Шумо метавонед коратонро дар мубодила бо ҳамсинфон муҳокима намоед.

**Ҷамъбасти дарс**
Ба ҷавонон муҳимияти ҳалли проблема ва моҷароро бори дигар фаҳмонед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки оиди чизҳои омӯхтаашон дар рафти курс ба Шумо нақл намоянд. Ин метавонад қисме аз маълумот ё маҳорате, ки онҳо омӯханд, бошад. Ҳар иштирокчӣ бояд мисолҳои гуногун пешниҳод намояд.

| НАҚШАИ ДАРСӢ | |
|---|---|
| Мақсад:<br>- Ба иштирокчиён омузондани нозукихои санъати суханварӣ, маҳорати баромад кардан ва бурдани мубоҳисахо | Вазифаҳо:<br>- Ба чавонон омӯзондани чи тавр дар назди омма баромад кардан ва истифодаи асбобҳои мухталифи аёнӣ;<br>- Фаҳмондани чи тавр тайёр намудани баромади таъсирнок ва иброз намудани андеша;<br>- Дарки маҳорати баромад ва муҳимияти он дар ҳаёти ҳаррӯза;<br>- Дарки мубоҳиса ва раванди он. |
| Мафхумхои асоси: суханвари, мусоҳиба, мубоҳиса, хабар, баромад, суханронии умумӣ, маърӯзачӣ, мулоҳиза кардан. | |

| **Вақт** | **Фаъолият** | **Сарчашмаҳо** |
|---|---|---|
| **5 дақиқа** | Аз кайд гузаронидани иштирокчиён ва омодагири ба дарси нав. | Дафтари синф. Флипчарт ва маркерхои ранга. |
| **30 дақиқа** | Суханронии умумӣ<br>Маводҳои видеоии суханронии Мартин Лютер ё дигар суханварони хуби маҳаллиро тамошо кунед.<br>Муҳокимаронӣ | Проектор, слайдҳо, маводҳо барои тақсим намудан |
| **35 дақиқа** | Маҳорати баромад кардан<br>Муҳокимаронӣ | |
| **35 дақиқа** | Маҳорати мубоҳисавӣ<br>Машқи 1: Мактаби парлумон | |
| **10 дақиқа** | Хулосабарорӣ<br>Чамъбасти  дарс<br>Саволу чавоб<br>*Супориши амалӣ: тайёр кардани баромад оиди нақшаи амали шахсӣ t* | |
| **115 дақиқа** | **Вақти умумӣ** | |

**Мундариҷа**

Санъати суханварӣ яке аз талаботҳои пешсаф будан аст. ***Санъати суханварӣ раванди суханронӣ дар назди умум ва санъати мусоҳибаи таъсирнок бо шунавандагон мебошад.*** Мақсади суханронии умумӣ – ин хабардор намудан, таъсир расонидан, бовар кунонидан ва ё танҳо вақтхуш намудани шунавандагон мебошад, ки он бо ***баромад*** алоқаи зич дорад. Суханвари хуб на танҳо оиди чизе хабардор карда метавонанд, балки ба ҳиссиёти шунавандагон низ таъсир расонида ҳам метавонанд. Дар санъати суханварӣ, хамчун ин ё он намуди мусоҳиба, панҷ унсурҳои асосӣ вуҷуд доранд: ***КИ*** *гуфта истодааст* ***ЧИРО*** *ба* ***КИ*** *бо истифодаи* ***ЧИ МАЪНӢ ДОРАД*** *бо* ***ЧИ МАҚСАД****?*

**Таърихи пайдоиш**

Санъати суханвари бори аввал аз тарафи юнониёни қадим инкишоф дода шудааст. Ҳар нафаре, ки мехоҳад дар суд, сиёсат ё ҳаёти ҷамъиятӣ комёб шавад бояд аз нозукиҳои санъати суханварӣ бархурдор бошад. Бо пешрафти сиёсати Империя Рим, суханварони римӣ ба санъати суханварии Юнон шакли нав бахшиданд. Зери таъсири Империя Рим омӯзиши санъати суханварӣ (риторика) ба нақшаи таълим ворид карда шуд. Байни суханварони бузурги он давр Афлотун, Арасту ва Исократ буданд. Онҳо мактабҳои худро ташкил намуда, санъати суханвариро таълим медоданд. Дар даврони Империя Рим, санъати суханварӣ моҳияти худро дар қонуну корҳои идоракунии давлат гум накарда, ба шакли муҳими вақтхушӣ табдил ёфт. Бо ин роҳ, суханварони машҳур бойгариву обрӯи зиёде барои маҳораташон мегирифтанд.

Принсипҳои асосии санъати суханварӣ ҳоло ҳам бетаъғир мондаанд. Аз рӯи анъана, усулу воситаҳои мусоҳиба ба шунавандагон вобастагӣ дорад. Дастовардҳои нав ба суханварон имконият фароҳам оварданд, ки дар мусоҳибаҳои душвор комёб гарданд.

**Барои чи санъати суханварӣ муҳим аст?**

Санъати суханварӣ ҳоло ҳам дар ҳаёти мо муҳим аст. Президентҳо ва шахсони машҳур маҳз ба туфайли маҳорати суханвариашон ба комёбиҳои баланд ноил шудаанд. Санъати суханварӣ яке аз муҳимтарин маҳоратҳои инсон ба шумор меравад. Ин маҳоратро мумкин аст қариб дар ҳамаи кору фаъолияҳо истифода бурд.

Биёед ба сабабҳое, ки барои чи санъати суханварӣ дар ҳаёти мо муҳим аст нигарем:

- Санъати суханварӣ барои мусоҳиба кардан ва дар худ боварӣ ҳосил кардан кӯмак мерасонад
- Санъати суханврӣ барои ҷалб намудани диққати шунавандагон кӯмак мерасонад

Донистани санъати суханварӣ муҳим аст, зеро ки дар ягон ҳолати ҳаётӣ, кас ба ягон намуди суханронӣ рӯ ба рӯ шавад. Ин омилро зуд дарк намудани ҷавонон ва ба таври бояду шояд омода шудан, барои ба муфаққият ноил шудани онҳо дар хона, мактаб ва дар ҷамъият кӯмак мерасонад. Омӯхтани нозукиҳои санъати суханварӣ – ин воситаи бузургест барои дониҷӯён дар рафти таҳсил дар мактаб, коллеҷ ва донишгоҳ, аз ҷумла имконияти бузургест дар ҳаёти шахсии онҳо. Санъати суханварӣ аслиҳаи пурқудратест, ки тавассути он мо фикри худро баён менамоем.

Истифодаи санъати суханварӣ ба кас имконият медихад, ки дар мактаб, ҷои кор ва ҳатто дар ҷаҳон таъсири худро гузорад. Бо дигарон мубодилаи афкор намуда, ҷавонон имконият пайдо менамоянд, ки нуфузи орзую ормон, хоҳишу максадҳои худро дар ҳаёт, дар олами атрофии худ инкишоф диҳанд. Санъати суханварӣ барои ба дигарон таасуррот бахшидан, барои ноил шудан ба мақсадҳо воситаи пуриқтидорест. Санъати суханварӣ ба мо кӯмак мерасонад, ки худро дар байни дигарон қулай ҳис намоем.

**Суханронии пуртаъсир ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад:**

- Нотиқӣ
- Истифодаи имову ишораҳо
- Назорат аз болои овоз
- Фонди луғавӣ ва интихоби калима
- Истифодаи ҳазлу шӯхии бомаврид
- Инкишоф додани муносибатхои мусби бо шунавандагон.

**Маҳорати суханварии Шумо чи гуна бояд инкишоф дода шавад:**
Одатан дар назди одамони бисёр ва шахсони ношинос суханронӣ намудан бештари моро ба ҳарос меорад. Аммо ба туфайли омӯзиши муносибу пай дар пай ҷавонони пешсаф метавонанд ба ин маҳорати ҳаётан муҳим соҳиб шаванд.
Таҷрибаҳои зерин барои инкишоф додани қобилияти ҷавонон оиди дар ҷойҳои ҷамъиятӣ баромад карда ибрози ақида намудани онҳо пешниҳод шудаанд:

- **Аз беҳтаринҳо омӯхтан:** роҳи аз ҳама беҳтарини инкишоф додани маҳорати суханварӣ ин омӯхтан аз онҳое, ки дар ин ҷода бузург дониста шудаанд.
- **Машқ карданро давом додан:** роҳи беҳтарин барои суханронии хуб ё баромади ҷолиб ин машқ карданро давом додан аст. Чи қадаре, ки ҷавонон барои такмил додани маҳорати суханварӣ машқ мекунанд, ҳамонқадар иҷроиши супориш осон мегардад. Онҳо метавонанд дар танҳоӣ, дар назди оина машқ намоянд ва ё аз аъзоёни оилаашон хоҳиш намоянд, ки шунавандаи онҳо бошанд.
- **Оромиро риоя намудан:** чизи аз ҳама муҳим оромиро риоя намудан аст. Ҳатто агар шахси баромадкунанда ҷумлаеро фаромӯш кунад, набояд оромиро аз даст диҳад. Шарт нест, ки ӯ бояд аниқу дақиқ ҳамон калимаҳоро истифода барад. Ӯ метавонад калимаҳои дигарро истифода барад. Агар ӯ оромона ва боназоратона рафтор намояд, дар ҳақиқат худро ором ҳис менамояд.
- **Ба тарзи либоспӯшӣ аҳамият додан:** ҷавононро бояд хотирнишон кард, ки дар баромадҳои умумӣ ба сару либоси худ диққат диҳанд. Одамон аҳамият медиҳанд, ки кас чи пӯшидааст ва чи гуна пӯшидааст. Агар шахс нодуруст либос пӯшида бошад ё дар намуди зоҳирии ӯ камбудие бошад он метавонад диққати тамошобинонро ба худ ҷалб намояд ва шахси баромадкарда истодаро дар холати ногувор гузорад.
- **Ба чашми шунавандагон нигоҳ кардан:** пешсафон бояд дар хотир дошта бошанд, ки ҳангоми сухан рондан бояд ба чашми шунавандагон нигоҳ кунанд. Ба чашми шунавандагон нигоҳ кардан метавонад диққати онҳоро ҷалб намояд. Боварӣ ҳосил намоед, ки онҳо ба чашмони танҳо як ё ду нафар нанигаранд, балки ба чашмони

шумораи бештари шунавандагон нигаранд. Боз муҳим аст, ки нигаронидани чашм ба чашми каси дигар на он қадар дар муддати кӯтоҳ бошад ва на дар муддати дароз.

- **Донистани маводи худ:** вақте ҷавонон нияти баромад намуданро дар ҷамъомадҳои умумӣ ё вохӯриҳо доранд, хатогии калон дар он аст, ки онҳо мавод барои баромадро ба пуррагӣ баҳогузорӣ наменамоянд. Ҳамчун қоида, агар кас ба моҳияти мавзӯъ дуруст сарфаҳм наравад, ӯ набояд назди шунавандагон баромад кунад. Шунавандагон метавонанд дар охири баромад ҳамаи саволҳои лозимаашонро диҳанд. Агар шахси баромадкарда ҳатто ба як саволи шунавандагон ҷавоб дода натавонад, боварии онҳоро аз даст медиҳад.
- **Нигоҳ доштани суръат:** суръате, ки бо он кас сухан меронад дар рафти баромад нақши муҳимро мебозад. Ҷавононро мебояд ба суръати суханрониашон диққат диҳанд. Суръати суханронӣ барои ҷалб намудан ва нигоҳ доштани диққати шунавандагон бояд на бисёр суст ва на тез бошад.
- **Мухтасар баён намудан:** мухтасар баён намоед ва дар бораи моҳияти масъала гап занед.
- **Донистани шунавандагони худ:** яке аз муҳимтарин ҷиҳат дар санъати суханварӣ – ин донистани шунавандагони худ ва мувофиқ ба онҳо сухан кардан аст.

Ҳангоми суханронӣ дар ҷамъомадҳо, бояд худдорӣ намуд аз:

- **Худситоӣ:** Худситоӣ дар суханронӣ – ин ба мисли таҳқир намудани шунавандагон аст. Агар баромад хуб бошад, шахси баромадкрдаро таърифу таҳсин меунанд.
- **Тақлидкорӣ ба каси дигар:** Нисбати худ боадолатона будан муҳим аст, нисбат ба тақлидкорӣ кардан.

**Маҳорати баромад кардан**

**Баромад чист?**

Баромад – ин маҳорати пешкаш кардан ва фаҳмонидани моҳияти мавзӯъ ба шунавандагон ё хонандагон мебошад. Он бо «суханронии умумӣ» (дар боло зикр карда шудааст) алоқаи зич дошта, яке аз шаклҳои паҳншудаи нутқи шифоӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Баромадкуниҳо қариб дар ҳамаи лаҳзаҳои ҳаёт истифода бурда мешавад ва метавонад нақшадор, бадеҳатан (нотайёр), ба таври хаттӣ ва ё ба таври ёддошт бошад. Асосан, мақсади баромади шифоӣ ин:

- хабардор кардан ё инъикос намудан;
- бовар кунонидан;
- оғоз намудани муҳокима ё дар доираи мавзӯъ саволгузорӣ кардан;
- хозиринро вақтхуш намудан;
- ҳавасманд намудани гурӯҳ дар иҷроиши коре ё ноил шудан ба мақсадҳои пешгузошта.

Баромади шифоии хуб дорои сохтори хуб аст. Ин метавонад ба шунавандагон барои пайгирӣ намудан сабукӣ орад. Одатан баромад аз се қисм иборат аст: оғоз, мобайн ва анҷом

**Кай ва дар куҷо маҳорати баромад кардан зарур аст:**

- Ҳангоми дарс ва супоридани имтиҳони шифоӣ;
- Дар ҷамъомадҳо ё мусобиқаҳои мактабӣ;
- Дар лексияҳо ё ҳангоми пазироӣ;
- Намоишҳо, консертҳо, ҷорабиниҳои дилхушии мактабӣ, шабнишиниҳо.

**Баромадро чи гуна бояд гузаронид?**

Мо зуд-зуд бо одамоне вомехӯрем, ки қобилияти озодона ва таъсирнок ифода намудани фикрашонро надоранд. Сабаб дар он аст, ки онҳо маҳорати кофии баромад карданро соҳиб нестанд, ва аз боли худ дар ин раванд кор набурдаанд. Ба туфайли машқи доимӣ ва бо ҷидду ҷаҳд, кас метавонад маҳорати баромад карда тавонистани худро такмил диҳад.

**1. Дар аввал мақсади баромад карданро муайян намоед:**

- Ба одамон  ягон хабар/иттиллоъ додани хастед?
- Одамонро ба чизе бовар кунондани хастед?
- Табъи одамонро хуш карданиед?

**2. Шунавандагони худро таҳлил намоед:**

- Дараҷаи дониши онҳо оиди мавзӯъи баромади Шумо чи гуна аст?
- Онхо ба маълумоти Шумо омода карданиёзманди доранд?
- Хусусиятҳо (муносибати онҳо, таҷриба ва маълумот).

**3. Ба муҳимияти мавзӯи баромади худ боварӣ ҳосил намоед:**

- Мавзӯатонро тадқиқ намоед.
- Барои асоснок шудани баромадатон аз факту рақамҳо ва маълумотҳои оморӣ истифода баред.
- Аз таҷрибаҳои ҳаёти воқеӣ мисолҳо оред.

**4. Боварӣ ҳосил намед, ки моҳияти мавзӯъи баромад равшан аст:**

- Чанд хабарҳои калидиеро инкишоф диҳед, ки ба шунавандагон таассуроти амиқ гузошта тавонанд.
- Баромадатонро аз нигоҳи мантиқ дуруст омода намоед, мақсад барои ҳар як қисм ва хулоса дар охири он.

**5. Суханронии таъсирнокро истифода баред**

- Ибораҳои кӯтоҳу соддаро истифода баред.
- Аниқбаён бошед.
- Ғояи асосиро бори дигар тасдиқ намоед.
- Дар вакти баромад гоҳ-гохе табассум намоед.

**Маҳорати бурдани мубоҳисахо**

**Мубоҳиса чист?**

Мубоҳиса – ин баҳс намудан бо риояи қоидаҳо дар атрофии мавзуи муайян аст. Мубоҳиса қоидаҳои қатъии рафторро дорад. Шумо дар ҷое қарор мегиред ва бояд муқобили он чизе, ки боварӣ доред, тасдиқ намоед. Одатан дар мубоҳиса ду даста баромад намуда,

оиди қароре ё мавзӯе баҳс менамоянд. Ба ҳар як гурӯҳ вақти муайяне барои омода ва асоснок намудани далелҳои худ ҷудо карда мешавад. Дар мубоҳиса, агар як даста барои дастгирӣ намудани фикре ё мавзӯе баҳс намояд (Барои/Тарафдор), тарафи дигар бошад ҷиҳати муқобили фикр ё мавзӯро (Муқобил/Зид) дастгирӣ менамояд. Қоидаҳои мубоҳиса дар ҳар мавзӯи баҳсӣ метавонад иваз карда шавад. Чанд намуди мубоҳиса вуҷуд дорад. Мақсад – ин дарёфтани далели ҷоиз дар муддати кӯтоҳи вақт аст. Баъзан ҳар як аъзои даста сухан мекунад ва баъзан даста яке аз намояндагони худро барои аз номи кули даста баромад кардан интихоб менамояд. Довар дар асоси далелҳои пешниҳодгардида ва маҳорату дараҷаи касбии дастаҳо баҳо мегузорад. Одатан дар мубоҳиса, як даста ғолиб эълон карда шуда, ба давраи (раунд) дигар гузаронида мешавад.

**Мубоҳиса масъалахои зеринро фаро мегирад:**

- Иштирокчиён мавзӯро гӯш намуда, тарафи худро (тарафдор/зид) интихоб мекунанд.
- Дастаҳо мавзӯҳои худро муҳокима намуда, ба хулосае меоянд.
- Дастаҳо хулосаҳои худро баён намуда, нуктаҳои асосиро пешниҳод менамоянд.
- Иштирокчиён далелҳо ва назари мухолифро муҳокима намуда, ҷавобҳои худро барои инкор кардани онхо тайёр мекунанд
- Ҷавобҳо барои инкор баён карда мешаванд.
- Интиҳои хулосабарорӣ.

**Эзоҳ барои муаллимони курс.** Агар гурӯҳ омода бошад ва ихтиёр дошта бошед машки зеринро бо иштирокчиён амали гардонед. Агар ба назари Шумо гузаронидани ин машқ ба мақсад мувофиқ набошад, ягон машқи дигар ё бозии ба ин гурӯҳ дар ҳамин маврид муносибро пешкаш намоед.

**Машқи 1: Усулҳои машқҳои тайёрии ҷолиб**

Тақлид ба овози асп: иштирокчиён ҳаворо дар даҳонашон нигоҳ дошта, лабҳояшонро маҳкам мекунанд. Бо ин роҳ, ҳар ду лабҳо ба ларзиш медароянд ва садои овози аспро мебароранд. Дар ин ҳолат мушакҳои атрофии даҳон ором мегарданд.

Машқи суръат: иштирокчиён ягон чизро бо суръатҳои гуногун (суст, миёна, тез) ва бо овози баланд мехонанд. Ин имконият медиҳад, ки чашму забон якҷоя истифода бурда шаванд.

Кашиши рӯй: иштирокчиён кӯшиш намоянд, то ки даҳон, бинӣ ва абрӯвони худро ба ҳамдигар наздик ҷазб намуда, сипас то мумкин аст аз ҳам дур намоянд. Бо ин роҳ, мушакҳои рӯи онҳо ором меёбанд.

**Машқҳо барои инкишоф додани маҳорати мубоҳисавӣ**

**Машқи 2:** Парлумони мактаб. Машк аз кадамхои алохида иборат аст.

**Қадами 1** - Қоидаҳои таъсири мутақобилаи гурӯҳ, натиҷаҳои чашмдошт (нигоҳ доштани интизоми гурӯҳ ва диққати онхо, пешсаф ва объективона будан, назорати масъулиятнокии аъзоёни гурӯҳ) ва супоришро ба хонандагони худ шарҳ диҳед. Нақши омӯзгор аз он

иборат аст, ки мувофиқ гардонад, кӯмак расонад ва дараҷаи фаҳмиши ҳар як хонандаро оиди нақши худ ва мавзӯъ назорат намояд. Пас аз он, ки гурӯҳ пешсафи худро таъин намуд ва мавзӯҳҳои баррасишаванда зери муҳокимаи коллективӣ қарор дода шуда, ҳаллу фасл карда шуданд, муаллими маърифати шаҳрвандиро зарур аст, то иштирокчиёнро бо маълумотҳои муҳиму лозимӣ таъмин намояд.

**Намунаи мавзӯҳо барои мубоҳиса:**

- Тамошои оинаи нилгун беҳтар аз хондани китобҳо аст?
- Соатҳои таълими дар мактаб бояд аз 12:00, ба 16:00 иваз карда шаванд?
- Бояд аз хонандагон дар мактаб пӯшидани либосҳои якхелаи мактабӣ талаб карда шавад?
- Истифодаи телефонҳои мобилӣ дар мактаб бояд иҷозат дода шавад.

Гурӯҳро зарур аст, ки оиди чи гуна истифода бурда шудани маълумот ва ба аъзоён барои дастгирӣ намудани далелҳо қарор қабул намояд (маълумот барои қувват бахшидани далел муфид аст?). Ҳар як гурӯҳ хавасманд гардонида шаванд, ки барои тахмин намудани далелҳою ҷавобҳои гурӯҳи дигар кӯшиш намоянд.

**Қадами 2** – Хонадагонро ба се ё аз он бештар ҳизбҳои сиёсӣ ҷудо намоед. Агар онҳо хоҳанд, метавонанд ҳизбҳои худро номгузорӣ намоянд. Иҷозат диҳед, ки ҳизбҳо «лоиҳаи қонун» (пешниҳоди сиёсӣ – қонуни нав ё тағйироту иловаҳо ба қонуни мавҷуда)-ро тайёр намуда, пешниҳод намоянд. Рӯйхати ҳамаи лоиҳаҳои қонуни аз тарафи ҳизбҳо пешниҳодшударо ташкил диҳед. Ба аъзоёни ҳар як ҳизб иҷозат диҳед, ки ба лоиҳаҳои қонуни пешниҳод намудаи ҳизбҳои дигар назар андозанд. Онҳо бояд ҳадди ақал нисфи лоиҳахои қонунро барои зид баромадан, интихоб намоянд. Ба хонандагон даҳ дақиқа, барои омода шудан оиди қисматҳои зерин, пешниҳод намоед:

- чи тавр онҳо бояд лоиҳаи қонуни худро ҳимоя намоянд;
- ва чи гуна онҳо ба лоиҳаи қонуне, ки бояд зид бароянд, муқобилият нишон диҳанд.

**Қадами 3** – Бо ба охир расидани мӯҳлат барои омодагӣ, машварати парлумонӣ оғоз меёбад. Муаллим ҳамчун сухангӯи (спикер) Палата ба навбат баррасии ҳар як лоиҳаи қонунро даъват менамояд. Дар он қисме аз хонандагон барои ҳимояи лоиҳаи қонун сухан мекунанд, қисми дигарашон бошад бар зидди он. Вақте суханронӣ ба охир мерасад, ба ҳар як лоиҳаи қонун барои дастгирӣ намудан ё зид баромадан овоз дода мешавад. Вобаста ба қобилияту тавоноии хонандагон, Шумо метавонед корро дар парлумон идома диҳед (барои мисол, пешниҳод намудани маълумот, гузаронидани тағйироту иловаҳо ба лоиҳаҳои қонун ё пешниҳод намудан) ё ба ҳар як лоиҳаи қонун иҷозат диҳед, ки то пешниҳод шудан ба пуррагӣ муҳокима карда шаванд

**ҶАДВАЛИ МУБОҲИСА**

| Категория | Ҳизби 1 | Ҳизби 2 | Ҳизби 3 | Хол |
|---|---|---|---|---|
| **Пешниҳоди масъалаҳо** | Мавзӯи ҳамеша пешниҳодшаванда | Мавзӯи ҳамеша пешниҳодшаванда | Мавзӯи гоҳ-гоҳ пешниҳодшаванда | |
| **Бо факту рақамҳо асоснок намудан** | Истифода бурдани факту рақамҳои бештар барои асоснок намудани мавзӯъ | Истифода бурдани чанд факту рақам барои асоснок намудани мавзӯъ | Истифода бурдани миқдори ками факту рақам барои асоснок намудани мавзӯъ | |
| **Эътимоднокӣ** | Далелҳо равшан ва эътимоднок мебошанд | Далелҳо баъзан равшан ва эътимоднок мебошанд | Далелҳо гоҳ-гоҳ равшан ва эътимоднок мебошанд | |
| **Кор бо даста** | Аз тарафи аъзоёни даста босамар ва баробар истифода бурдани вақти ҷудошуда | 75%-и вақти ҷудошуда барои суханронии як нафар аз аъзои даста | Истифодаи 100%-и вақти ҷудошуда барои суханронии як аъзои гурӯҳ | |
| **Ташкилот** | Водор намудани шунавандагон барои кушодашавии баррасӣ | Ҷалб намудани диққат<br>Хотима бахшидани мубоҳиса | Шинос намудани мавзӯъ ва чанд манъкуниҳо дар мубоҳиса | |

**Супориши амалӣ:**

Муаллими маърифати шаҳрвандиро зарур аст, то хонандагонро дар рафти суханронии умумӣ ё баромад намудан, бо ибораҳои муфид, дастурамалҳо ё рӯйхати он чизҳое, ки онҳо ба он ниёз доранд, таъмин намояд.

Дар истифода бо ин дастурамалҳо ва сарчашмаҳои иловагӣ аз шабакаи интернет ва Иштирокчиён нақшаҳои амалии худро оиди **«Фаъолияти ҷамъиятӣ, иштирок ва ташаббус»** бояд дар шакли муаррифи бо истифодаи Power Point тайёр намоянд.
Барои иштирокчиён:

1. Нақшаи амали худро ташкил дода, муайян намоянд, ки барои чи он муҳим аст.
2. Баромади худро дар шакли хаттӣ тайёр намоянд. Он бояд аз сарсухан, қисми асосӣ ва хулоса иборат бошад.
3. Ба се гурӯҳ ҷудо шуда, барои омодагӣ дар рӯзи баромад тайёрӣ бинанд ва пешакӣ ба ҳамдигар тақризҳои эҷодкоронаи худро диҳанд.

| НАҚШАИ ДАРС | | |
|---|---|---|
| **Мақсад:** Баланд бардоштани маърифатноки ва рушди имконоти ҷавонон | **Вазифаҳо:**<br>-Ба ҷавонон омӯзонидани маҳорати аъзои фаъоли ҷамъият гардидани онҳо;<br>-Омӯзонидани ҷавонон оиди чи гуна муносибат намудани онҳо бо одамони калонсол; | |
| | | |
| **Вақт** | Фаъолият | Сарчашмаҳо |
| **5 дақиқа** | Аз қайд гузаронидани иштирокчиён | Дафтар барои қайд |
| **10 дақиқа** | | |
| **15 дақиқа** | Қисми 1: Рушди имконоти ҷавонон ва ҳуқуқҳои инсон | . |
| **20 дақиқа** | Бозии 1: Манифести ҳуқуқҳои ҷавонон<br>Мақсад: Баланд бардоштани сатхи иттилоотнокии ҷавонон оиди Созишнома оиди ҳуқуқҳои кӯдак. | Флипчарт, маркерҳои ранга |
| **20 дақиқа** | Қисми 2: Чи тавр имконоти худро васеъ намуд? | |
| **20 дақиқа** | Бозии 2: Хати рост<br>Мақсад: Ташкил намудани кори якҷоя ва боварӣ дар дохили гурӯҳ. Нишон додани он ки дастгирӣ чи тавр метавонад ба шахс барои дар ҳаёт ба «хати рост» рафтан кӯмак мерасонад. | Бандина барои бастани чашм |
| **15 дақиқа** | Қисми 3: Аъзои фаъоли ҷамъият гаштан | |
| **10 дақиқа** | Хулосабарорӣ | |
| **115 дақиқа** | **Вақти умумӣ** | |

**Мундариҷа**

*Барои муаллими курси маърифати шахрванди: Дар тахтаи синф (флипчарт) се калимаи заринро нависед: рушди имконот, фаъолнокии чавонон ва иштирок. Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки онҳо рӯйхати калимаю ибораҳои аз нигоҳи маънӣ ба ин се калима наздикро номбар кунанд. Ақидаҳои пешниҳод кардани иштирокчиёнро дар зери ин калимаҳои калиди нависед.*

**Рушди имконоти ҷавонон чист?**
Рушди имконоти ҷавонон – ин равандест, ки ба туфайли он ҷавонон ба **маҳорату имконот** соҳиб мешаванд ва ба ҳаёти шахсии худ ва ҷамъият таъсироти мусбӣ мерасонанд.

**Фаъолнокии ҷавонон чист?**
Фаъолнокии ҷавонон – ин иштироки фаъолу бевоситаи Шумо дар рушди махали зист ва умуман кишвар аст. Фаъолнокии чавононро дар халлу мухокимаи масъалахои гуногуни чомеа – дар муайян кардани проблемахо ва халли онхо, бехубд намудани шароити зисту-зиндагонии ахли чомеа, баланд бардоштани сатхи маърифатнокии наврасону-духтарон, сафарбар намудани чавонон барои нигох доштани мухити зист ва экологияи махал, мубориза алайхи нашъаманди ва гайра дидан мумкин аст.

**Иштироки ҷавонон чист?**
Иштироки ҷавонон – ин ширкат варзидани онҳо дар ҳамаи корҳои ҷамъиятӣ мебошад. Иштироки ҷавонон дар рушди шаҳрвандии фаъол хеле муҳим аст, зеро ки он ҳуқуқҳои иҷтимоии онҳоро бо масъулиятнокиашон ба мувозинат медарорад.

**Ҷавонон ояндаи мо мебошанд!**
Дар ҷаҳон се миллиард ҷавонони то сини 25-сола умр ба сар мебаранд. Ҷавонон 40% аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Чавонони имруза дорои идеяҳои навтарин, кӯшишҳо ва имконотхои зиёд мебошанд. Боби 6 қонун дар бораи «Худидоракунии маҳаллӣ» ба ҷавонон имконият фароҳам меорад, ки онҳо қувваи пешбарандаи ҳаёти ҷамъиятӣ бошанд ва иштироки фаъолонаи худро дар рушди чомеахо ба рох монанд. Ин дарси маърифати шахрванди низ ба ҷавонон шароит фароҳам меорад, ки онҳо барои амалӣ гардонидани имконоти худ маҳорату малакаҳои заруриро соҳиб шаванд.

*Муаллими маърифати шаҳрвандӣ метавонад аз хонандагон пурсад, ки оё онҳо худро дар ҷамъият фаъол ҳис менамоянд? Барои боз хам фаъолтар гардидан онхо чи бояд кунанд?*

**Қисми 1: Рушди имконоти ҷавонон ва ҳуқуқҳои инсон**

Имконоти ҷавонон дар як қатор созишномаҳои байналмиллалӣ дарҷ гардидаанд. Муҳимтарини онҳо «Созишнома оиди ҳуқуқи кӯдак», ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро дар соли 1993 ба имзо расонидааст, мебошад.

«Созишнома оиди ҳуқуқ кӯдак» яке аз аввалин ҳуҷҷати ҳуқуқии байналмиллалӣ мебошад, ки доираи пурраи ҳуқуқҳои инсонро дар бар мегирад: шаҳрвандӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ.

Дар соли 1989, сарварони ҷаҳонӣ ба қароре омаданд, ки кӯдакон ба созишномаи махсус ниёз доранд, зеро ки ҷавонони то сини 18-сола нисбат ба калонсолон бештар ба ғамхорӣ ва ҳимояи махсус эҳтиёҷ доранд. Сарварон низ хоҳиш доштаанд, то боварӣ ҳосил намоянд, ки ҳуқуқҳои кӯдакон дар тамоми ҷаҳон шинохта шаванд. Дар Созишнома ба назар гирифта шудааст, ки ҷавонони то сини 18-сола ҳуқуқи иштирок дар кабули карорро доранд. Ин доштани ҳуқуқи онҳоро барои ибрози назар намудан, баёни фикру андешаҳои худ дар рафти кабули карор ва пешниҳод намудани маълумоту идеяҳоро тасдиқ менамояд.

Дар поён чанде аз бобҳои ин созишномаи байналмиллалӣ, ки дар онҳо масъалаҳои ҳуқуқ ва рушди имконоти ҷавонон баррасӣ карда шудаанд:

**Моддаи 12**
1. Давлатҳои иштироккунанда ба кӯдак, ки ба андешаҳои шахсии худро ифода намудан кодир аст, ҳуқуқ барои озодона ифода намудани он андешаҳо дар ҳалли масъалаҳои ба кӯдак дахлдошта, диҳанд. Фикру андешаҳои кӯдак дар асоси синну сол ва балоғатрасии ӯ ба назар гирифта мешаванд.

2. Бо ин мақсад, кӯдак бояд бо имконоти махсус барои шунида шудан дар рафти ҳамаи тафтишоту музокироти судӣ ё маъмурӣ, ки ба кӯдак бевосита ё ба воситаи намоянда ва ё идораҳои дахлдор дахл доранд, дар асоси меъёрҳои қонунгузории миллӣ таъмин карда шавад.

**Моддаи 15**
1. Давлатҳои иштироккунанда ҳуқуқҳои кӯдакро ба озодии ҷамъиятҳо ва озодии ҷамъомадҳои осоишта эътироф менамоянд.

2. Ҳеҷ ягон монеа дар тадбиқи ин ҳуқуқҳо набояд ҷой дошта бошад, бо истиснои онҳое, ки дар қонун муайян карда шудаанд ва барои ҷомеаи демократӣ зарур мебошанд, ба манфиати амнияти миллӣ ва ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи тандурустӣ ё ахлоқӣ ва ё ҳимояи ҳуқуқу озодии дигарон.

**Моддаи 31**
1. Давлатҳои иштироккунанда ҳуқуқи кӯдакро ба истироҳат ва фароғат, бозӣ ва иштирок дар чорабиниҳои вақтхушкунанда, дар мувофиқа бо синну сол ва иштироки озод дар ҳаёти фарҳангӣ ва санъат эътироф менамоянд.

2. Давлатҳои иштироккунанда ба хуқуқҳои кӯдак эҳтиром зоҳир намуда, барои иштироки пурра дар ҳаёти фарҳангию эҷодӣ дастгирӣ менамоянд ва барои пешниҳод намудани имконот барои фаъолиятҳои фарҳангӣ, эҷодӣ, истироҳат ва фароғат мусоидат менамоянд.

*Бо иштирокчиён хар як моддаи Созишномаро дар алохидаги мухокима наоед ва бовари хосил намоед,ки чавонон мохияти ин моддахои Созишномаро хуб фахмиданд.*
*Як маротибаи дигар кайд намоед,ки ин «Созишнома оиди ҳуқуқи кӯдак» дар рушди имконоти чавонон накши мухимро мебозад.*

**Бозии 1:** «Манифести ҳуқуқҳои ҷавонон»
Дар охири боб муфассалан ба замима нигаред.

**Қисми 2:** Чи тавр имконоти худро васеъ намуд?
Рушди имконот консепсияи гуногунҷабҳа ва серамал буда наметавонад аз тарафи ягон фаъолияти махсус маҳдуд карда шавад. Он ҳавасмандии ҷавононро барои баёни назар намудан, дар сатххои мухталиф ҷалб шудан ва иштирок намудан дар раванди қабули карор тақозо менамояд. Чандин зинаҳои гуногун мавҷуданд, ки ҷавонон тавассути онхо ба ҷамъият ҷалб карда шаванд:

- Ташкил намудани чорабиниҳои варзишӣ;
- Иштирок кардан дар чорабиниҳои ғайримактабӣ;
- Ҳамроҳ шудан ба ҷамъомаду шӯроҳои ҷамоат;
- Ҷалб шудан ба воситаҳои ахбори омма;
- Хамкори бо созмонхои чамъиятии махали ба сифати шахси ихтиёрӣ ё таҷрибаомӯз;
- Иштирок варзидан дар амали гардидани лоиҳаҳо ва хаёти ҷамъиятӣ;
- Мубодилаи афкору таҷриба намудан барои кӯмак ба ҷамъият, ҳамсолон ва калонсолоне, ки хоҳиши шуморо гӯш кардан доранд;
- Иштирок намудан дар равандҳои гуногуни қабули карор.

Барои ҷавононе, ки мехоҳанд имконоташонро рушд диҳанд ва дар корҳои ҷамъиятӣ иштироки фаъолона дошта бошанд, чанд усулу воситаҳое вуҷуд доранд, ки бо ёрии ин усулу воситаҳо онҳо метавонанд ба мақсадҳои пешгузошта ноил гарданд:

**Иттилоот**. Барои он ки масъала ҳаллу фасл карда шавад, шахси ҷавонро зарур аст, то ки дар бораи он дониш дошта бошад. Ӯро зарур аст, ки мақолаҳои газетаро хонад, аз интернет ҷустуҷӯ намояд ва аз дигар мутахассисон иттиллоъ гирад. Вақте ҳис менамоед, ки иттилооти кофӣ доред, кушиш намоед, ки онро иброз намоед: бо рафиқон, аъзоёни оила ва ҷамъият мубодилаи назар намоед. Дар ин холат, вакте, ки онхо дар бораи масъалахои ба Шумо мухим огох хастанд, метавонанд дастгирикунандагони бузурги Шумо гарданд.

**Ҳимоя**. Шахси ҳимоятгар ба манфиат ё ҳимояи масъала ё шахс сухан мекунад. Ба туфайли ҳимоя, ҷавонон метавонанд ба ҷиҳатҳои махсусе, ки ҷамъият ба он ниёз дорад, диққат диҳанд. Ба нишон гирифтани амалдорони маҳаллӣ ва сарварони ҷамъияти тавассути муколама ошкоро ва шаффоф оиди воситаҳо ва имкониятҳо метавонад ба

ҷавонон барои дастгирӣ ёфтан аз тарафи шахсони асосӣ ва таъғиротҳое, ки онҳо дар ҷамъияти худ дидан мехоҳанд, кӯмак расонад. Принсипҳои ба ин монанд дар масъалаҳо, ки ҷавонон бо онҳо дар арсаи миллӣ рӯ ба рӯ мешаванд, тадбиқ карда мешаванд. Ба туфайли ҳимоя, ҷавонон метавонанд овози худро дошта бошанд ва ба нишон расонанд.

**Зиёд намудани маблағгузорӣ.** Барои бевосита ҳал намудани проблемаҳои ҷавонон, маблағгузорӣ лозим аст. Барои ба даст овардани маблағгузорӣ, ҷавонон метавонанд ба ҳукумат, донорҳои инфиродӣ, соҳибкорони маҳаллӣ, ҳатто ташкилотҳои чамъиятии маҳаллӣ дархостхо пешниҳод намоянд. Новобаста аз шакли ҷамъоварии маблағ ҷавонон дар раванди рушд нақши муҳим мебозанд ва ҳисси рушд намудани имконоти худро васеъ менамоянд

*Бо иштирокчиён дар бораи истифодаи ин усулхои дар боло оварда шуда дар сатхи гуногун – дар фаъолияти чамоатхо, дар сатхи миллию байналмилали сухбат гузаронед. Кушиш намоед, ки чавонон дар бораи имкониятхои мавчуда, инчунин бартарию камбудии ин усулхо бештар сухан ронанд.*

**Бозии 2:** «Хати рост»
Дар охири боб муфассалан ба замима нигаред.

**Ҳамкориҳои байни ҷавонон ва калонсолон**

Барои он, ки «овози» ҷавонон шунида шавад ва дар корҳои ҷамъиятӣ иштироки онхо самаранок шавад, бояд бо одамони калонсол дар алоқаи зич бошанд, аз онхо бештар маслихатхо пурсанд ва табодули афкор кунанд.

**Ҳамкориҳои байни ҷавонон ва калонсолон** – ин муносибатҳои байнинаслӣ аст ва онхо ба принсипҳои баробарӣ асос ёфтаанд. Хамаи ин муносибатҳо аз ҳамдигар омӯхтан ва ба ҳамдигар гӯш карданро дар бар мегирад.

Ҳамкориҳои байни ҷавонон ва калонсолон ба ҷавонон имконият медиҳанд, ки:

- ошкоро фикру андешаҳои худро ифода намоянд;
- ба калонсолон эҳтиром зоҳир намоянд;
- ба корҳои хайр даст зананд;
- роҳҳои ифодаи имкониятҳои эҷодии худро дарёбанд;
- бештар мунаққидона фикр намоянд;
- шахси арзишманди лоиҳа ва ҷамъият бошанд.

*Муаллими курси маърифати шахрвандиро зарур аст, ки бо чавонон оиди то, чи андоза мусби будани муносибатхои худ бо калонсолон мухокимарони кунад. Оё чавонон хис менамоянд,ки овози калонсолон шунида шуда, эхтиром карда мешаванд? Чавонон барои боз хам мустахкам намудани муносибатхои худ бо калонсолон боз чи корхоро бояд анчом диханд?*

**Хулосабарорӣ**

Ҷавонон идеяҳо ва қувваҳои заруриро барои инкишоф додан ва пеш бурдани ҳаёти ҷамъиятӣ доро хастанд. Қонунҳои амалкунандаи Чумҳурии Тоҷикистон ва «Созишнома оиди ҳуқуқи кӯдак» ба ҷавонон шароит фароҳам меоранд, ки дар раванди қабули карор ва ҳаёти ҷамъиятӣ иштироки фаъолона намоянд. Ҷавонони тоҷикро мебояд ин имкониятҳоро ҳаматарафа истифода баранд ва бо ҳукуматҳои маҳаллӣ барои беҳбуд сохтани ояндаашон кор баранд. Чи тавре, ки собиқ президенти ИМА Теодор Рузвелт гуфтааст: «Даврони пирӣ ба мисли ҳамаи чизҳои дигар аст. Барои ба муваффақият ноил шудан, шумо бояд фаъолиятро аз овони ҷавонӣ оғоз кунед.»

**Вазифаи хонагӣ**
Ҷавононро зарур аст, ки нақшаи амали шахсии устувор намоянд. Дар нақша бояд қисмати нав оиди рушди имконот ҷой дода шавад. Дар ин қисми нақша, ҷавонон бояд мисолҳои мушаххасро оиди истифода бурдани мавзӯи рушди имконот муайян намоянд. Бо ин роҳ, онҳо ба мақсадҳои дар нақша пешниҳод гардида, муяссар мешаванд. Мисолҳо бояд кисматхои зеринро дар бар гиранд:

- Нақшаҳо барои ташкил намудани мухокимахо бо намояндагони макомотхои маҳаллӣ дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо гурӯҳ;
- Ҷустучуи дастгирӣ аз тарафи волидайн, дӯстон ё хешовандон, бо дар назардошти фаъолияти шахсӣ.
- Дархост намудани маблағгузориҳо аз ташкилотҳои маҳаллӣ ё шахсони алоҳида барои дастгирӣ намудани ташаббуси ҷавонон.

**Замима**

**Бозии 1: «**Манифести ҳуқуқҳои ҷавонон**»**

**Мақсад:** Ба чавонон кумак расонидан барои хубтар фахмидани хукукхое, ки аз тарафи «Созишнома оиди хукуки кудак» химоя карда мешаванд.

Пас аз мутолиа намудани бобҳои 12, 15 ва 31 «Созишнома оиди ҳуқуқи кӯдак», хонандагон ба чаҳор гурӯҳ тақсим карда мешаванд. Ин маълумотро истифода бурда, ба ҷавонон имконият дода мешавад, ки онҳо лоиҳаи «Манифести ҳуқуқҳои ҷавонон»-ро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб диҳанд. Бо назардошти он, ки Созишнома ба ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи кӯдакон: шаҳрвандӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дахл дорад, аз ҳар як гурӯҳ хоҳиш карда мешавад, то онҳо оиди соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи кӯдак мақола (дар маҷмӯъ 5 мақола) нависанд. Хонандагон мақолаҳои худро муқоиса намуда, оиди фарқият ва монандии онҳо муҳокима ташкил медиҳанд.

Сонияи, мақолаҳо иваз карда мешаванд (агар онҳо ба ҳамдигар бисёр монанд бошанд) ва ба лоиҳаи умумӣ бо мақсади истифодаи якҷои ҳуҷҷатҳо бо сарварони ҷамъиятии маҳаллӣ, омӯзгорон ва волидайн барои дастгирӣ ёфтани ҷавонони маҳаллӣ дар соҳаи маълумотгирӣ ва имкониятҳои бо кор таъмин шудани онҳо, ҳамроҳ карда мешаванд.

**Бозии 2:** «Хати рост»

**Мақсад:** Ташкил намудани кори якҷоя ва фарохам оварадни фазои боварӣ дар дохили гурӯҳ, нишон додани он ки дастгирӣ чи гуна метавонад ба шахс барои дар ҳаёт ба «хати рост» рафтан кӯмак мерасонад.

Шахсони ихтиёриро даъват намоед, ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки оҳиста-оҳиста дар хати рост дар майдони таҷрибавӣ роҳ гарданд. Пеш аз бо хати рост роҳ рафтан, ба чашми онҳо бандинае бандед ва онҳоро чанд маротиба гардиш (тоб) диҳед. Бо ин усул онҳо бояд то нуқтаи дигари тарафи муқобил расида раванд. Аз аъзоёни дигари гурӯҳ хоҳиш намоед, ки хомӯш бошанд ва ба иштирокчиёни бозӣ бо ин ё он дастуре кӯмак нарасонанд. Илова бар ин, онҳо на бояд ба иштирокчиёни бозӣ даст расонанд ва рохнамои кунанд. Вақте шахси бозикунанда ба нуқтаи муқобил мерасад, аз ӯ хоҳиш намоед, ки бандинаро аз чашмаш кушояд.

Муқоиса намоед, ки то чи андоза ӯ ба мақсади пешгузошта ноил шуд. Аз ӯ пурсед, ки ҳангоми аз тарафи дигарон дастуру кӯмак нагирифтан, худро чи гуна ҳис кард. Аз ӯ хоҳиш намоед, ки бандинаро иваз кунад ва машқро такрор намояд. Дар ин вақт ба дигар иштирокчиён иҷозат дода мешавад, ки ба ӯ ба таври шифоӣ маслиҳат диҳанд. Дар ин ҳолат низ дигарон на бояд ба шахси бозикунанда даст расонанд.

Сониян, дар охир, аз шахсони ихтиёрӣ хоҳиш намоед, ки машқро бо доштани дастони дигарон ҳамчун роҳбалад, такрор намояд.
Дар вакти муҳокимаи бози ба саволҳои зерин махсус истода гузаред:

- хангоми иҷро намудани машқ дар ҳолатҳои гуногун худро чи гуна ҳис намуданд?
- Оё дар хама холат худро эмин хис менамуданд?
- Чи тавр ин бози ба ҳаёти воқеӣ наздикӣ дорад?
- Шумо боре каси дигарро барои бо «хати рост» рафтан кӯмак расонида будед? Кай? Чи гуна кӯмак расонидаед?

  Муаллим метавонад, инчунин дигар саволхои дар натиҷаи бози ба миён омадаро низ муҳокима намояд ва хулосаҳо барорад.

| ФАЪОЛИЯТИ ГУРУҲҲОИ ТАШАББУСКОР ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ. ПЕШКАШ НАМУДАНИ НАҚШАИ АМАЛИИ ШАХСӢ | БОБИ 10 |
|---|---|

| НАҚШАИ ДАРСӢ | |
|---|---|
| **Мақсадҳо:**<br>- Омода намудани иштирокчиён ба фаъолияти мустакили пешсафи;<br>- Муфассал шарҳ додани маводҳои дар давоми даҳ ҳафта гузаронидашуда; | **Вазифаҳо:**<br>- Ба иштирокчиён дастрас намудани иттилоот дар бораи фаъолияти гурухxои ташаббускор ва ташкилотҳои ҷамъияти;<br>- Инкишоф додани қобилияти ҷавонон барои пешниҳод намудани идеяҳои аслӣ ва нав дар корҳои ҷамъиятӣ;<br>- Баланд бардоштани огоҳии ҷавонон оиди иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти ҷомеа |

| **Вақт** | **Фаъолият** | **Сарчашмаҳо** |
|---|---|---|
| **10 дақиқа** | Аз қайд гузаронидани иштирокчиён.<br>Такрори мухтасари дарси гузашта ва омодаги ба дарси нави хотимави. | Дафтари синф |
| **20 дакика** | Асосхои фаъолияти гуруххои ташаббускор ва созмонхои чамъияти. | Флипчартхо, маркерхои ранга |
| **15 дакика** | Фаъолияти созмонхои чамъиятии байналмилали. Лоихахо ва амалиётхо барои рушди чомеахо, сахми фаъолиятхои ихтиёри. | |
| **30 дақиқа** | Такрори мухтасари курс ва хулосаҳо дар гуруххои хурд. | Филипчартҳо, маркерҳо, қоғазҳои рангаи часпак |
| **100 дақиқа** | Пешниҳод намудани нақшаҳои амали шахсӣ: | Флипчартҳо |
| **20 дақиқа** | Баҳогузорӣ кардан ва ҷамъбаст намудани курси маърифати шахрванди | Варақаи баҳогузорӣ |
| **5** | Супоридани сертификатҳо | Сертификатҳо |

| | | |
|---|---|---|
| **дақиқа** | Ҷашн гирифтани ба охиррасидани курс<br>Хотимаи курс | |
| **150 дақиқа** | **Вақти умумӣ** | |
| | | |

**Мундаричаи дарс.**
Пеш аз огоз намудани дарси охирини курси маърифати шаҳрвандӣ ба иштирокчиён маълумоти мухтасар оиди мавзуъҳои дарси охирин пешкаш намоед.
Дарсро аз додани иттиллоот дар бораи фаъолияти гуруҳҳои ташаббускори маҳалҳо огоз кунед. Дар вакти муаррифии худ метавонед саволхои кушодро истифода кунед ва чавононро ба мубоҳиса чалб намоед.

Гуруҳҳои ташаббускори маҳаллӣ дар натиҷаи амалӣ гаштани лоиҳаҳои гуногуни ташкилотҳои маҳаллӣ ва байналмилали «тавлид» шудаанд. Гуруҳҳои аввалини ташаббускор солҳои 1995-2000 дар ноҳияҳои мақсадноки лоиҳаҳо созмон дода шуда барои амали кардани лоиҳаҳои хурди маҳал чалб карда шудаанд. Доираи фаъолияти гуруҳҳои ташаббускор хеле васеъ буда аз таъмир намудани роҳу-купрукҳо, мактабҳо, тоза намудану барқарор кардани қубурҳои обгузар, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии модарони ҷавон ва паст кардани сатҳи касалиҳои сирояткунанда ва ғайраҳо иборат аст. Гурӯҳҳои ташаббускор одатан аз шахсони ихтиёрии фаъоли ҷомеаҳо иборат буда барои фаъолияти онҳо дар қайди мақомотҳои адлия номнавис шуданашон шарт нест. Аъзоёни гурӯҳҳои ташаббускори маҳалҳо синну-соли гуногун ва равиши фаъолияти гуногун дошта метавонанд.

Махсус қайд кардан лозим аст, ки қисми зиёди аъзоёни гурӯҳҳои ташаббускорро занону духтарон ташкил менамоянд ва то имруз фаъолияти худро давом дода истодаанд. Бо ташаббуси ин гуна гурӯҳҳои ташаббускор бисёр масъалаҳои ҳалталаб дар сатхи деҳа ва ҷамоатҳо роҳи ҳалли худро ёфтаанд.

Инчунин қисми зиёди ин гурӯҳҳо солҳои охир ҳамчун созмонҳои ҷамъияти аз қайди мақомотҳои адлия гузашта мустақилона фаъолияти худро пеш бурда истодаанд.

Созмонхо/ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон қисми муҳим ва ҷудонопазири равандҳои демократии кишвар мебошанд. Имруз шумораи созмонҳои ҷамъиятии Тоҷикистон аз 2 500 зиёд буда онҳо дар асоси Оинномаи худ дар чорчӯбаи конунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон мустакилона фаъолият бурда истодаанд.
Равиши фаъолияти созмонҳои ҷамъияти гуногун буда накшаҳои пешгузоштаи худро бо дастгирии грантии ташкилотхои байналмиллали пеш мебаранд. Хангоми амали намудани фаъолияти худ бевосита бо макомотхои махаллии давлатии гуногун хамкори менамоянд. Дар ин созмонҳои ҷамъияти дар катори кормандони асоси ихтиёриён низ фаъолият мебаранд. Ин имконияти хеле хуб барои чавонони имруза буда, барои фаъолияти мустакилонаи худро ҳамчун пешсаф ба роҳ мондан мусоидат мекунад.

оло дар Тоҷикистон дар қатори созмонхои ҷамъиятии махали ташкилотхои гуногуни байналмиллаи низ фаъолият мебаранд. Ҷавонон имруз метавонанд аз фаъолияти онхо аз тарики сомонахо ва чорабинихои ин созмонхо бохабар бошанд ва аз он имкониятҳо истифода баранд. Қобили қайд аст,ки имрузҳо барномаҳои зиёд барои ташаббускории ҷавонону духтарон дар кишвари мо амали шуда истодаанд ва ҷавонон бояд аз ин барномаҳо огоҳи дошта бошанд.

Дар анҷоми муаррифии худ оид ба фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ, ба муҳим будани

курси маърифати шаҳрванди, фаъолияти ихтиёри ва имкониятҳои иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа қайд карда гузаред.

Ба саволҳои иштирокчиён ҷавоб диҳед ва ба қисмати дигари дарс гузаред.
Дар ин қисмат бо иштирокчиён такрори мухтасари курсро дар гурӯҳҳои хурд муҳокима карда бояд хулосаҳо бароред.

Иштирокчиёнро ба 4 ё 5 гурӯҳи хурд таксим намуда ба онҳо вазифаро фаҳмонед. Вазифа: Ҳар як гурӯҳ бояд ба хотир оварад, ки, аз курс чи омӯхтанд ва он донишу малакахои гирифтаи худро бо кадом роҳҳо дар ҳаёти худ истифода мекунанд фикру ақидаашонро баён намоянд.
Барои ҳар як гурӯҳ варақҳои ватман ва маркерҳои ранга пешкаш намуда барои иҷрои вазифа вақти муайян ҷудо кунед.
Баъди ба анҷом расидани кор дар гурӯҳҳои хурд муаррифии гурӯҳҳоро гузаронед, ба онҳо имконият диҳед, ки ба саволҳои худ ҷавоб гиранд ва хулосаҳо бароранд. (Қоидаҳои кор дар гуруҳҳои хурдро ба хотир биёред ва истифода кунед).

*Ба хулосаҳои гурӯҳҳои хурд оиди истифодаи донишу-малакаҳои дар курс гирифтаашон такя карда, қайд намоед,ки барои иштироки фаъолонаи ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ба онхо зарур меояд,ки нақшаи амали худро тартиб диҳанд.*

***Нақшаи амалии шахсӣ.***
***Эзоҳ. С****упоришро ба иштирокчиён фаҳмонида, маводҳои 1 А ва Б-ро тақсим намоед. Агар вакти ичроиш барои хамаи иштирокчиён кифоя набошад, ин машгулиятро метавонед, хангоми дарси тачрибави давом дода ба анчом расонед. Аз руи накша ба хар як иштирокчи то 5 дакика вакт бояд чудо карда шавад.*

**БА НАҚША ГИРИФТАНИ АМАЛ ЧИСТ?**

Ба нақша гирифтани амал – ин равандест, ки ба Шумо барои мутамарказ кардани фикру андешаҳо кӯмак мерасонад. Он имконият медиҳад, ки Шумо кадом иқдомҳор барои ноил шудан ба мақсадҳои мушаххаси пешгузошта, меандешед. Он ифодаест, ки Шумо чиро дар давоми муддати додашуда, ба даст меоред.

Тайёр намудани нақшаи амал – ин роҳи хубест, ки барои муяссар шудан ба мақсадҳои дар ҳаёт гузошташуда: аз оянда натарс, барои ба нақша гирифтани он шуруъ намо, кӯмак мерасонад.

**Банақшагирии амал қадамҳои зеринро дарбар мегирад:**

- муайян намудани мақсаду маромҳои Шумо;
- гузоштани мақсадҳо, ки онҳо амалишаванда ва ченшаванда бошанд;
- муайян кардани иқдомҳои зарурӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошта;
- пешниҳод намудани мухлати муайян барои ба даст овардани натиҷа;
- доштани нақшаи Б;

## НАМУНАИ БАНАҚШАГИРИИ АМАЛ

Банақшагирӣ – ин раванди силсилавӣ мебошад ва вақте ки Шумо як давраро гузаштед, метавонед онро бори дигар ва аз аввал оғоз намоед. Ин ҷо чанд саволҳо, ки ҳангоми тартиб додани нақшаи амал бояд ба инобат гирифта шаванд:

- **Ҳоло ман дар куҷо қарор дорам?** Ин ҷо Шумо метавонед натиҷаҳо ва пешравиҳоро дида бароед ва худбаҳогузорӣ кунед.
- **Ман ба чи ноил шудан мехохам?дар куҷо будан мехоҳам?** Ин ҷо Шумо метавонед мақсадҳои худро муайян намоед.
- **Чи тавр ман метавонам ба мақсади худ ноил шавам?** Ин ҷо Шумо метавонед усулу воситаҳоеро, ки барои расидан ба мақсад заруранд, истифода баред ва мақсадҳои худро ба қисмҳои хурдтар (вазифахо) барои зудтар ба он ноил шудан тақсим намоед.
- **Бояд кадом чораҳоро андешам?**
- **Ҳоло ман ба кучо расидам?**

Қадамҳои асосӣ дар тайёр намудани нақшаи амал:

- мақсади равшан доштан («Ман дар куҷо будан мехоҳам?»);
- ба чи ноил шуданро аниқ донистан;
- тартиб додани рӯйхати натиҷаҳо;.
- ба он чизе, ки ҳоло иҷро менамоед, оғоз кардан;
- набудани зарурат ба ташкил додани нақшаи амал, ки пас аз шаш моҳ оғоз меёбад;
- аниқ муайян кардани иқдомҳое, ки меандешед («Ман ба максадхои худ чи тавр бояд расам? Бо кадом рох?»). Фикр намудани ҳамаи он чизҳое, ки Шуморо барои ба мақсад расидан наздик мекунанд, муҳим нест, ки он хурд аст ё калон. Икдомҳои калонро ба қисмҳои хурд тақсим намоед, то ки онҳо барои шумо душвор дастрасшаванда нанамоянд.
- Барои ба максад ноил шудан монеаи бузургтарин чи мебошад?
- Чи метавонад ғайричашмдошт таъғир ёбад?

*Як нуктаи интиҳоиро пеш аз омода шудани ҷавонон кайд намоед: ҳар шахс бояд мақсаде гузорад ва дар бораи он ва роҳҳои ба он ноил шудан нависад. Мақсад чи гунае набошад, муҳим он аст, ки онро ҷавонон пеш гузоштаанд. Ин нишон медиҳад, ки онҳо ба чи кӯшиш менамоянд ва оиди чи менависанд. Агар ҷавонон ба мақсади гузошта ноил шаванд, аз онҳо хоҳиш намоед, ки мақсади дигарро пеш гузоранд ва дар бораи он нависанд.*

Маводҳо барои тақсим намудан 1 Б: Колаби пешкаш намудани нақшаи амали шахсӣ

*Марҳамат шарҳ диҳед, ки Шумо дар бораи баромадҳо ҳангоми «Суханронии умумӣ, маҳорати мубоҳисакунӣ ва баромадкунӣ» чиро омӯхтед. Маҳорати худро бо тайёр намудани баромад оиди нақшаи амали шахсӣ намоиш диҳед:*

Номи пурра:
Сана:

| | |
|---|---|
| МАҚСАДИ МАН: | |
| БАРОИ ЧИ ИН БА МАН МУҲИМ АСТ: | |
| БАРОИ БА ИН НОИЛ ШУДАН МАРО ЗАРУР АСТ, КИ:<br>*Рӯйхати иқдомҳое, ки Шумо меандешед, тартиб диҳед. Муфассал ва мушаххсабаён бошед!* | |
| Ман нақшаи амали худро оғоз менамоям, дар санаи: | Санае, ки ман онро ба итмом мерасонам, ба воситаи: |
| Қадами 1 | |
| Қадами 2 | |
| Қадами 3 | |
| Қадами 4 | |
| Қадами 5 | |
| Бо кадом намуди проблемаҳо ё мушкилот ман бештар рӯ ба рӯ мешавам?<br><br>Барои паси сар намудани проблемаҳо ман чи бояд кунам? | |
| Дар охир, ман интизорам: | А.<br>Б.<br>В. |

Баъди ба анҷом расидани фаъолияти ҷавонон аз болои нақшаҳои амалии шахси шароит фароҳам биёред, ки бо тантана анҷоми курси маърифати шаҳрвандиро дар якчояги бо иштирокчиён кайд намоед.

Аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки варақаи баҳогузориро пур намоянд (якеашро барои намуна худатон пур намоед).

Ба иштирокчиён имконият диҳед, ки оиди корҳои дар давоми курс кардаи дигарон миннатдорӣ баён намоянд. Дар ин маврид имконияти дар атрофии мизи мудаввар нишаста сӯҳбат карданро фароҳам намоед.

Ба иштирокчиён миннатдори баён намоед ва онҳоро бо муносибати бо муваффақият ба анҷом расонидани курси маърифати шаҳрвандӣ табрик намуда, сертификатҳоро ботантана супоред.

## Замимаҳо

### Замимаи А. Воситаҳои фаъолгардонӣ ва ҳамкорӣ дар таълими инъикоскунандаи хусусиятҳои гендерӣ

Таҳқиқот тасдиқ кардааст, ки таҷрибаи таълимӣ ё фаъолияти занону мардон дар ҷараёни омӯзиш аз ҳамдигар фарқи калон дорад; ҳатто хонандагоне, ки дар як синф бари ҳам нишаста таълим мегиранд, ба масъалаи таълимӣ назару таҷрибаи мухталиф доранд. Омилҳои беруна, аз ҷумла муошират бо тренер ё хонандагони дигар метавонанд ба азхудкунии маводи таълим ва иштироки хонандагон дар ҷараёни таълим ёрӣ расонанд. Дастурҳои мазкур ба мақсади расонидани ёрии методӣ ба тренерон барои дуруст ба роҳ мондани муошират тарафайн, ки ба фаъолгардонии хонандагон ва самаранок гардонидаи ҷараёни таълим, пешниҳод мешаванд. Усулу воситаҳои мазкур ба омӯзгорон барои баланд бардоштани самаранокии таълим пешниҳод шуда, ҳамчун адабиёти/сарчашмаи таълимию методӣ тавсия мешаванд.

***Ақидаҳо оид ба хусусиятҳои гендерӣ***

Дар хотир дошта бошед: дастурҳои мазкур ба ҳамаи омӯзгорон мувофиқанд; ҳам занон ва ҳам мардон аз таъсири воситаҳои таълими ба масъалаҳои гендерӣ ҳасос рӯ ба рӯ мешаванд.

Муошират нигоҳӣ

Оё шумо бо нигоҳ бо ҳамаи иштирокчиёни машғулият муошират мекунед (нигоҳ мекунед)? Ҳарчанд муошират нигоҳӣ хусусиятҳои маданӣ дошта бошад ҳам, он яке аз воситаҳои хуби водорнамоӣ ва ҳавасмандгардонии иштирокчиён ба ҷараёни таълим мебошад, зеро ба ин васила шумо ба онҳо мефаҳмонед, ки онҳоро гӯш карда истодаед, иштирок ва ақидаҳои онҳоро қадр мекунед. Ҳамеша мушоҳида кунед, ки оё шумо бо як қисми иштирокчиёни машғулият муошират нигоҳӣ доред ё танҳо бо гурӯҳи хурд, кӯшиш намоед, то дар давоми машғулият ба аксари иштирокчиён аҳамият диҳед. Махсусан ба иштирокчиён ҳангоми баромад нигоҳ кунед ва ба суханони онҳо аҳамият диҳед.

Забони имову ишора

Кадом имову ишораро истифода мебаред? Ҳангоми суханронии иштирокчиён ба имову ишораи ғайринутқии худ аҳамият диҳед. Эҳтиёт кунед, то ҳангоми суханронии иштирокчиён варақҳоро ҷобаҷо кунед ё нигоҳатонро ба тарафи дигар равона кунед, ин маънои онро дорад, ки шумо ба суханон аҳамият намедиҳед. Таввасути имову ишора ба иштирокчиён фаҳмонда метавонед, ки ба онҳо диққат дода истодаед ва ақидаҳои онҳоро дасгирӣ мекунед ва саҳми онҳоро дар муҳокимаронӣ қадр менамоед. Ба тамоми ҷавобҳои иштирокчиён якхел диққат диҳед, танҳо дар ҳолати паст кардани дараҷаи иштироки аз ҳад зиёди иштирокчиёни алоҳидаи гурӯҳ, тренер метавонад диққаташро ба самти дигар равона кунед. Дар хотир дошта бошед, ки дар ҷараёни машғулият шумо аз воситҳои ғайринутқии эҳтиромона истифода бурда, ба ҳар як аъзои гурӯҳ новобаста аз ҷинс, синну сол ва дигар махсусиятҳо баробар диққат медиҳед.

Қоидаҳои синф

Қоидаҳои ҳамкорӣ/муошират дар гурӯҳ кадомҳоянд? Ҳамкорӣ дур гурӯҳ тавассути қоидаҳои самаранок ва ғайрисамаранок идора карда мешаванд. Масалан, агар дар оғози машғулиятҳо қоидаи «дасти боло» ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо қабул карда нашавад, он гоҳ аксари иштирокчиён мағал карда якҷоя ба саволҳо ҷавоб мегардонанд. Дар ин ҳолат қоидаҳои ғайрисамаранок ба миён меоянд, ки ҷараёни муоширатро дағал ва ҳасос мегардонанд. Чунин вазъият ба мардони боэътимод мақбул аст. Шумо барои таъсиси қоидаҳои самаранок ва мураттаби ҷараёни омӯзиш масъулед. Бо таъсиси қоидаҳои мусбат ва фарогир, шумо воситаҳои гуногуни идоракунии ҷараёни таълимро ба роҳ монда метавонед.

Ба роҳ мондани тартиби ба саволҳо ҷавоб додан

Агар гурӯҳе фаъол ва барои ба савол ҷавоб додан ихтиёран хоҳиш дошта бошад, боз қисми гурӯҳи дигаре, ки одатан хомӯш буда, аз мадди назар дур мемонанд. Барои чунин гурӯҳ роҳу воситаҳои дигари ба муҳокимаронӣ ва ҷавоб додан даъват карданро бояд истифода бурд. Масалан, писарон аслан ихтиёрона ва зуд ба саволҳо ҷавоб мегардонанд ё сухан меронанд, духтарон бошанд одатан дасташонро боло карда, интизор мешаванд, ки онҳоро ба ҷавоб додан даъват кунанд. Ин фарқият метавонад ба паст кардани саҳми занон дар муколама оварда, имконияти онҳоро барои савол додан маҳдуд намояд. Тартиби муоширатро дар машғулиятҳо мушоҳида карда, батадриҷ шахсоне, ки хомӯшанд ва ихтиёрона дар муҳокимаронихо иштирок намекунанд, ҷалб намоед. Шумо метавонед духтаронро ба ҷавоб додан даъват намоед, на танҳо шахсоне, ки аввал даст боло мекунанд ё ғалоғула мекунанд. Инчунин шумо воситаҳои гуногуни ба саволҳо ҷавоб доданро истифода бурда метавонед, масалан, тартиби ба саволҳо ҷавоб доданро таҳия намоед ва ба ҳар иштирокчӣ навбати ҷавоб доданро муайян намоед, ҳамзамон аз иштирокчиён хоҳиш карда метавонед, ки ҷавобро дар варақаҳои алоҳида нависанд, эссеи кӯтоҳ нависанд ё дар гурӯҳҳо саволро баррасӣ карда ҷавоб пешниҳод намоянд.

Ба ҷавоб додан даъват кардани иштирочиён

Диққат диҳед, ки киро ба ҷавоб додан даъват кардаед. Боварӣ ҳосил намоед, ки занону мардонро баробар ба ҷавоб додан даъват мекунед, ин ҷараёнро тарзе ба роҳ мондан лозим аст, то иштирокчиёнро нороҳат ё онҳоро ба ҷавоб додан маҷбур насозед.

Пешниҳоди вақт барои ҷавоб додан

Вақт барои ҷавоб додан фосилаест, ки шумо ба иштирокчиён барои фикр кардану сипас ҷавоб додан, пешниҳод менамоед. Ба иштирокчиёни зан одатан барои ҷавоб додан вақти бештар лозим аст. Вақти кӯтоҳ барои фикр кардани ҷавоб метавонад дараҷаи имкониятҳои занонро маҳдуд сохта, ақидаеро, ки занон дар аз худ кардани маводи таълим назар ба мардон қобилияти камтар дорандро тақвият дода метавонад. Барои ҷавоб додан ба иштирокчиён ҷудо кардани вақти муайянро фаромӯш накунед; ба онҳо вақти кофӣ таъин намоед (4-5 сония); агар интизор шудан бароятон мушкил бошад, он гоҳ пеш аз пурсидани касе то шумораи панҷ ҳисоб кунед.

Ташкил намудани корҳои гурӯҳӣ

Кор дар гурӯҳҳо воситаи хуби ба фаъолияти якҷоя ва ҳамкорӣ даъват кардани иштирокчиён аст. Ҳангоми ба кори гурӯҳӣ даъват кардани иштирокчиён мувозинати аъзоёни гурӯҳҳоро ба эътибор гиред. Баъзан занонро дар гурӯҳ ба таври «ихтиёрӣ» ҳамчун бақайдгиранда ё вазифаи ёвариро таъин менамоянд (хоҳ инро хоҳиш дошта бошанд, хоҳ не), ки ин дар навбати имконияти пешсафӣ ва иштироки фаъолонаи онҳоро дар баррасии масъалаи гузошташуда маҳдуд месозад. Дар гурӯҳ инчунин ташкил ёфтани йерархия мумкин аст. Барои шикастани йерархия ва ба ҳамаи аъзоёни гурӯҳ додани имкониятҳои баробари иштирок дар иҷрои вазифаҳои таълим, шумо метавонед ба аъзоёни гурӯҳҳо нақш ё вазифаҳои гуногун таъин намоед ва мунтазам ин нақш ва вазифаҳоро байни аъзоёни гурӯҳ иваз намоед. Таркиби гендерии кори гурӯҳиро арзёбӣ кунед ва дараҷаи иштирок ва фаъолияти аъзоёни гурӯҳро мушоҳида намуда, боварӣ ҳосил намоед, ки рафтори йерархӣ ва аз фаъолият берун мондани баъзе аъзоёни гурӯҳ аз байн рафтаанд.

Ҳавасмандкунӣ

Киро таъриф мекунед ва барои чӣ таъриф ё танқид менамоед? Дар муқоиса бо мардон фаъолияти занон камтар таърифу тавсиф ё қадр карда мешавад. Одатан ба занон танҳо «уҳ-ҳу»-ҳои кӯтоҳ ё сарҷунбонӣ раво дониста шуда, ба мардон таърифи шифоҳӣ ва ба кори бештар ҳидояткунанда гуфта мешавад; муносибати гуногун ба камфаъол шудан оварда мерасонад. Ба ин монанд дар баъзе ҳолатҳо ба духтарон талаботи баландтар пешниҳод шуда, барои ғалатҳои ночиз танбеҳ дода мешаванд, баръакс ба писарон имконияти зиёди ғалат кардан дода мешавад. Таърифи мунтазами писарон барои дониш ва духтарон барои зебоӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо барои нишонаҳои гуногун арзёбӣ карда мешаванд. Ба шарҳу эзоҳи худро нисбат ба саволҳо, ҷавобҳо, кори иштирокчиён ва ғайра диққат диҳед. Ба ҳама якхел муносибат ва ёрӣ расонед.

Назорати ҳолатҳои халалрасонӣ

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба занон назар ба мардон ҳангоми суханронӣ бештар халал расонида мешавад. Вақте ки суханони иштирочиён бурида мешавад, одатан ин маънои нодуруст будани ақида ё муҳим набудани онро дорад. Агар буридани суханони якдигар ва халал расонидан иҷозат дода шавад, аксари иштирокчиён хомӯш нишастанро аз сухан гуфтан авлотар медонанд ва аз пурсидани савол худдорӣ менамоянд. Ҷараёни муҳокимарониро назорат карда, аз буридани суханон ва халалрасонӣ огаҳ бошед. Дар оғози машғулият тарзи ҷавоб доданро ба иштирокчиён фаҳмонед, то онҳо дар ҳолати буридани сухан ва халал расонидани дигарон чӣ кор карданашонро донанд.

Баланд бардоштани эътимоднокӣ

Ҳатто дар ҳолати бо мардон баробар будани салоҳиятнокии занон (дар баъзе ҳолатҳо баландтар) онҳо ба қобилияти худ ва муаррифии дастовардҳояшон эътимоди кофӣ надоранд. Одатан занон дар муқоиса бо мардон фаъолияти худро интиқодона арзёбӣ мекунанд. Аммо дараҷаи эътимоднокӣ ва салоҳиятнокии занонро тавассути дастурҳои ҳидояткунандаи омӯзгор баланд кардан мумкин аст. Аз вазифаи худ истифода бурда, ба иштирокчиён робитаи мутақобилаи мусбат ва танқиди ҳидояткунанда пешниҳод

намоед. Иштирокчиёнро таъриф ва танқид кунед ин ба онҳо имконият медиҳад, ки дастовард ва камбудиҳояшонро дарк кунанд.

<u>Даст кашидан аз ақидаҳои шахшуда (стереотипҳо)</u>

Баъзан ба занон ҳамчун яке аз намояндаи гурӯҳи гендерии худ муносибат мекунанд, на ҳамчун шахсият. Масалан, «Духтарон метавонанд ҳидоятгари хуби сулҳ бошанд, зеро онҳо ҳалиму меҳрубонанд» ё «Духтарон пешсафи хуб шуда наметавонанд, зеро онҳо хеле эҳсосотианд». Баъзан занон ҳис мекунанд, ки фаъолияти онҳо ҳамчун меъёр барои ҳамаи занон истифода мешавад ва ин вазъият метавонад ба фишори зиёд, нобоварӣ ва маъюсӣ мусоидат намояд.  Инчунин хатари чунин умумикунонии мардон ва гурӯҳҳои дигар мавҷуд аст. Боварӣ ҳосил намоед, ки дастоварди ҳар иштирокчиро дар алоҳидагӣ арзёбӣ мекунед, новобаста аз ҷинс, нажод, синну сол ва ғайра. Аз иштирокчиён хоҳиш накунед, ки доир ба ақидаи дигарон, ки ба ақидаашон мувофиқ аст, сухан гӯянд ё ҷавоб гардонанд. Эзоҳҳо ва ақидаҳои шахшударо (стереотипҳо) истифода набаред, танҳо агар шумо ин умумикунонии номувофиқро ҳамчун намунаи ғалат баррасӣ кардан хоҳед метавонед ҳамчун мисол истифода баред.

<u>Мушоҳидаи ҳамкории иштирокчиён</u>

Ҳамкорӣ байни иштирочиён дар такмили маҳорати якҷоя кор кардан ва омӯхтани иштирокчиён нақши калон дорад. Вақте ки иштирокчиён рафтори ноҷо мекунанд, аз ҷумла аз ақидаҳои шахшуда истифода мебаранд, шухиҳои ноҷо ва масхара мекунанд фазои таълим вайрон мегардад. Шумо имконияти назорати ҳамаи иштирокчиёнро надоред, аз ин лиҳоз қоидаҳои эҳтироми ҳамдигарро қабул карда, намоишкорона таъкид кардани рафтори ноҷо, эзоҳи бемаврид ва шухии таҳқиромезро ба роҳ монед. Дар хотир дошта бошед, ки «Ман танҳо шӯхӣ кардам» сабаб ё бахшиш буда наметавонад; шӯхиҳо одатан усули баёни ақидаҳое, ки кушоду равшан гуфта намешаванд буда, таъсири сахт дошта, фазои нобовариро ба миён меоранд.  Шумо метавонед фазои таълимиеро ба миён оваред, ки дар он шухиҳои таҳқиромези хусусияти гендеридошта дастгирӣ наёбанд ва тамоман роҳ дода нашаванд.

<u>Тартиби ягонаи муроҷиат</u>

Баъзан тренерон роҳҳои гуногуни ба иштирокчиён аз ҷиҳати гурӯҳи гендер муроҷиат карданро истифода мебаранд, масалан, мардонро бо насаб ва занонро бо номашон даъват мекунанд. Қолаби ягонаи муроҷиатро бо ҳамаи иштирочиён истифода баред, то сатҳи якхела доштани онҳо таъкид шавад.

<u>Луқмапартоӣ оид ба симо ва сару либос</u>

Ба занон назар ба мардон оид ба симо ва сару либосашон зиёдтар луқма мепартоянд. Ин луқмаҳо аслан хушгӯӣ буда, баъзан чунин ба назар мерасад, ки ин гуфтаҳо симо ва сару либоси занонро нисбат ба дастовардҳояшон авлотар мегузоранд. Ба ҳамаи иштирокчиён баробар хушгӯӣ кунед ва ба дастовардҳояшон диққат диҳед на ба сару либосашон.  Агар шумо ягон навгониро дар симо ва сару либоси иштирокчиён мушоҳида карда бошед, шумо метавонед ҳам занон ва ҳам мардонро қайд намоед ва ба хушгӯиатонро ба мавзӯъ алоқаманд кунед. Масалан, «Шумо имрӯз либоси расмӣ пушидаед. Шумо мусоҳиба доред?» ва сипас ба масъалаи мусоҳиба гузаред, на ба сару либос.

Истифодаи муайянкунандаҳо

Занон мунтазам ҳангоми пешниҳоди ақида ё ба саволҳо ҷавоб додан «муайянкунандаро» истифода мебаранд ё ақидаро ба шакли савол пешниҳод мекунанд. Бо истифодаи чунин услуби баён ба назар чунин менамояд, ки занон шарм медоранд ё боварӣ надоранд, вале ин чунин нест. Масалан, ҳангоми баёни фикр занон чунин илова карданашон мумкин аст «Чӣ мешавад, ки агар ...» ё «Шояд мо метавонем ...», ҳатто «Ин ақида на он қадар оқилона аст, аммо ...» Инчунин баъзан занон охири калима ё ибораро нобоварона талаффуз мекунанд. Ин хусусият метавонад ақидаи устуворро нобоварона ё саволомез гардонад ва шояд шунаванда ин ақидаро ночиз шуморида, ба он диққати махсус надиҳад. Сараввал боварӣ ҳосил намоед, ки шумо ақидаи боэътимодро, ки бо забони нобоварона пешниҳод шудааст, дарк кунед. Диққат диҳед, то ягон иштирокчӣ бо сабаби услуби баён шарм доронда нашавад ё дилхунук нагардад. Иштирокчиёнеро, ки нобоварона сухан мегӯянд водор намоед, то ақидаашонро шарҳ диҳад. Фикр накунед, ки ӯ ақидаи равшан пешниҳод карда наметавонад (зеро ӯ ақидаашро ба таври савол ё «муайянкунанда» пешниҳод кардааст. Иштирокчиёнро водор намоед, ки ақидаашонро боваринок пешниҳод кунанд ва ба онҳо фаҳмонед, ки ақидаи онҳо оид ба масъала зарур аст; ҳарчанд ҳама навъҳои услуби муошират мувофиқанд, баъзеи воситаҳои муошират дар вазъияти мушаххас самараноктар мебошанд.

## Замимаи Б. Луғатномаи гендерӣ

| Истилоҳ | Шарҳ |
|---|---|
| Аҳдномаи аз байн бурдани ҳама шаклҳои ҷудоиандозӣ нисбат ба занон (CEDAW) | Аҳдномаи аз байн бурдани ҳама шаклҳои хушунат нисбат ба занон аз тарафи Ассамблеяи генералии Созмони миллали муттаҳид соли 1979 қабул шудааст. Мақсади аҳдномаи мазкур таъмини баробарӣ байни занону мардон тавассути ба роҳ мондани дастрасӣ ва имкониятҳои баробар дар ҳаёти иҷтимоӣ, таҳсилот, тандурустӣ ва меҳнат. |
| Ҷудоиандозӣ | Ҳама гуна ҷудоиандозӣ дар асоси ҷинс, гендер ё узвият дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ (ба монанди гурӯҳҳои этникӣ ё динӣ), ки ба паст задан, маҳдуд кардан ё манъ кардани имкониятҳои шахсияти алоҳидаи гурӯҳ барои истифодаи пурраи ҳуқуқҳо. |
| Хушунати хонаводагӣ | Хушунати хонаводагӣ – озори ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, ҳиссиётӣ иқтисодӣ ё фаъолияти равониест, ки ба шахси дигар таъсири манфӣ мерасонад. |
| Қувватбахшӣ | Қувватбахшӣ маънои ба одамон пешниҳод кардани мавод/маълумот дорад, то онҳо қобилияту имконияти хешро барои иштирок дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ такмил диҳанд. |
| Феминизм | Ҳаракати иҷтимоие, ки масъалаҳои нобаробарии гендериро баррасӣ карда, онҳоро дар сатҳҳои ифиродӣ, муносибатӣ ва иҷтимоӣ матраҳ месозад. |
| Гендер | Гендер маҷмӯи нақш, ҳуқуқ, масъулият ва уҳдадориҳои иҷтимоии занону мардони ҷомеа аст. Гендер нишонаи азхудшудаест, ки вобаста ба мансубияти иҷтимоӣ, мавқеи оилавӣ, этникӣ ва динӣ омӯхта ва таҳқиқ карда мешавад. Гендер хусусияти муносибатӣ дошта, на ба масъалаҳои алоҳидаи мардон ва занон рабт дорад, балки муносибати иҷтимоии байни онҳоро баррасӣ мекунад. |
| Таҳлили/Арзёбии гендерӣ | Усули ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба гендер. Таҳлил маълумоти аз ҷиҳати ҷинс ва фаҳмидани сохтори иҷтимоии нақш ва уҳдадориҳои гендерӣ гурӯҳбандишударо пешниҳод мекунад. Таҳлили гендерӣ ё арзёбии гендерӣ ҷараёни муайян кардани талабот, бартариҳо, проблемаҳо ва имкониятҳои гуногуни мардон, занон, писарон ва духтарон аст. |
| Огаҳии гендерӣ | Дарки фарқияти иҷтимоӣ байни занон ва мардон дар асоси рафтори таҳқиқшуда. |
| Хушунати гендерӣ | Ҳама гуна амалиёте, ки ба шахс вобаста ба мансубияти гендерӣ азияти ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, равонӣ ё иқтисодӣ мерасонад. Одатан чунин азият на танҳо нисбат ба занон ва |

| | |
|---|---|
| | духтарон, балки нисбат ба ҳамҷинсгароён ва амсоли он раво дида мешавад. |
| Нодидабинии масъалаҳои гендерӣ | Напазируфтани гендер ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми иҷтимоӣ, ки ба лоиҳаҳо ва қоидаҳо таъсир мерасонад. Муносибати нодидабинии масъалаҳои гендерӣ маънои нашинохтани чунин масъалаҳо ҳамчун омилҳои таъсиррасони ҷараёни татбиқи барномаҳо, лоиҳаҳо ё тартибу қоидаҳоро дорад. |
| Гендер ва инкишоф | Муносибате, ки масъалаҳои гендериро дар ҳамаи марҳалаҳои банақшагирӣ, таҳияи қонунҳо ва татбиқи лоиҳаҳо ба эътибор гирифта, онро ҳангоми муайян кардани нақши мардону занон дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, муносибати гуногуни онҳо нисбат ба дастрасӣ ва назорати захираҳо ва таъсири гуногуни занону мардон ба ҷараёни рушд ҳамчун маҳаки асосӣ мешиносанд. |
| Баробарии гендерӣ | Ин маънои онро дорад, ки занон ва мардон бояд ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар дар ҳама соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, захираҳо ва хизматрасониҳо дошта бошанд. |
| Баробаршавии гендерӣ | Ҷараёни ноил гаштан ба баробарии гендерӣ. Баробаршавии гендерӣ муносибати боадолатона ва баробарро дар тақсимоти фоида ва уҳдадориҳо байни занону мардон, талаб мекунад. |
| Норасоии гендерӣ | Номувофиқатии назаррас байни занон ва мардон аз лиҳози арзишҳо, муносибат ва масъалаҳои гуногун, аз ҷумла тартиби овоздиҳӣ, дастрасӣ ба ҳокимият ва гирифтани вазифаҳо. |
| Нишонаи гендерӣ | Нишонаи гендерӣ ин ҳиссиёти дохилишахсии фардиест, ки ба шахс имконияти муайян кардани зан ва ё мард буданашро фароҳам меорад. |
| Арзёбии таъсири гендерӣ | Арзёбии сатҳи таъсири гуногуни фаъолиятҳо ва қоидаву қонунҳо ба мардон ва занон. |
| Татбиқи муносибатҳои гендерӣ (ё ҳамгироии гендерӣ) | Аз байн бурдани нобаробарии гендерӣ тавассути фарогирии пурраи барнома ё муассиса. Инчунин ҳамгироии масъалаҳои гендерӣ дар ҷараёни тарҳрезии стратегия ва лоиҳаҳо, татбиқ, назорат ва арзёбии онҳо. |
| Муносибати бетарафӣ ба масъалаҳои гендерӣ | Яъне барнома ё маҷмӯи қоидаҳое, ки ба муносибатҳои гендерӣ ё баробарӣ байни занону мардон ягон таъсир намерасонад (хоҳ таъсири манфӣ бошад хоҳ таъсири мусбат). |

| | |
|---|---|
| Банақшагирии гендерӣ | Истифодаи маълумоти вобаста ба ҷинс гурӯҳбандишуда ё таҳлили гендерӣ барои инъикоси масъалаҳои гендерӣ дар фаъолиятҳо ва стратегияҳо тавассути банақшагирии самараноки усулҳо ва мавод. |
| Нақшҳои гендерӣ | Усуле, ки тавассути он ба мардон ва занон мувофиқи стандартҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа саҳм, нақш ва уҳдадориҳои гуногун дода мешавад. Ин нақшҳо баёнгари қудрати муносибатҳое, ки ба синф, қабати иҷтимоӣ, ҳалқият ва нажод вобастаанд, мебошанд. |
| Инъикоскунандаи масъалаҳои гендерӣ | Қобилияти шинохтан ва баёни фарқият, масъала ва нобаробарии гендерӣ. |
| Нишондиҳандаҳои инъикоскунии гендерӣ | Ҳадаф, мақсад ва натиҷаҳое, ки барои санҷидани тағйирот дар мардон ва занон дар алоҳидагӣ таҳия шудаанд. (Миқдорӣ: ҳисоб кардани миқдор ё фоиз. Сифатӣ: чен кардани тағйирот дар муносибат ва ақидаҳо). |
| “Нодидабинии» занон | Ба таври кофӣ қадр накардани натиҷаи кори занон. Дар баъзе ҷомеаҳо, чун ин кор ҳамчун уҳдадории табиӣ шинохта мешавад. Он «мушоҳиданашаванда» аст, зеро онро мисли «корҳои ҳақиқӣ», ки ба сатҳи иқтисодии оила саҳм мегузорад, дида ё қадр карда намешавад. Инчунин барои ин корҳо занон ҷуброни молиявӣ намегиранд, зеро корҳои онҳо ҳамчун қисми таркибии нақши аслии занон шинохта мешавад. Масалан, ақидаи корҳои хона (тоза кардану, пухту паз), нигоҳубини фарзандон, аъзои калонсоли оила ва ҳайвоноти хонагӣ ҳамчун нақши аслии занон шинохта мешавад. |
| Мардонагӣ / Маданияти бартарии мардон | Боварӣ ба ҳукумаронии мардон нисбат ба занон ва мард бояд ҳамчун сарвар рафтор карда, ҳукумронии худро намоиш диҳад ва таъмин намояд. |
| Ҷудоиандозии мусбат | Бартари додан ба аъзоёни гурӯҳҳои ақалият нисбат ба аксарият ба мақсади фароҳам овардани имконияти баробар. |
| Худбаҳо / Худшиносӣ | Яъне арзёбии умумии ҳиссиётии шахс ба қадри хеш. Ин ба худ баҳо додан ва муноситаб ба худро инъикос мекунад. Худшиносӣ яке аз нишондиҳандаи ба қобилиятҳои худ эътимод дошта аст. |
| Ҷинс | Ҷинс гурӯҳбандии одамон ба мардон ва занон аст. Ҳангоми таваллуд ба кӯдак мувофиқи вуҷуд доштани хусусиятҳои ҷисмонӣ, аз ҷумла хромосомаҳо, ҳормонҳо, узвҳои дохилӣ ва берунии таносул ҷинси мушаххас аниқ карда мешавад. |

| | |
|---|---|
| Маълумоти мувофиқи ҷинс гурӯҳбандишуда | Маълумоти микдорӣ ва сифатие, ки мувофиқи ҷинс (на мувофиқи гендер) ҷудо шудааст. Яъне, мардон, занон писарон ё духтарон. |
| Хушунати шаҳвонӣ | Амали маҷбурии хусусияти шахвонидоштае, ки ғайрихоҳиш ё диққати номуносиби шаҳвонӣ, ё ваъдаи номувофиқи бар ивази қонеъ кардани хоҳиши шаҳвонии касе. Хушунати шаҳвонӣ метавонад аз луқмапартоии номувофиқ ё падидаи ҷисмонии хусусияти шаҳвонидошта, талаби алоқаи шаҳвони кардан ва дигар навъи хушунати шифоҳӣ ва ҷисмонии марбут, бошад. Ҳам айбдоршаванда (хушунаткор) ва ҷабрдида метавонад мард ё зан ё ҳамҷинс бошад. Хушунаткор роҳбари ҷабрдида, корманди соҳаи дигар, ҳамкор ё касе, ки корфармо ё коргари ӯ набошад ба монанди муштарӣ ё харидор буда метавонад. |
| Завқи шаҳвонӣ | Яъне ҷалб шудани диққати шахс ба намояндаи ҷинсе, ки шавқу рағбати шаҳвонии ӯро бедор мекунад. |
| Радди ҷомеа | Ҷараёне, ки гурӯҳи муайян бо сабаби дигар будани дин, синф, табақаи иҷтимоӣ, нажод ва ғайра аз доираи ҷамъият берун карда шуда, дар ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ пурра роҳ дода намешавад |
| Стереотип (ақидаи шахшуда) | Ақидаи шахшудаи умумие, ки ба гурӯҳ ё синфи алоҳидаи одамон нисбат дода мешавад. Тавассути умумикунонӣ мо ба шахс хусусият ва имкониятҳое, ки ба фикрамон тамоми аъзоёни он гурӯҳ доранд, нисбат медиҳем. *Умумикунонии гендерӣ* яъне мо бовари дорем, ки шахс ба монанди намояндагони гурӯҳи ҷинсии худ рафтор мекунад (масалан, «Ҳамаи занон ҳалиму меҳрубонанд ва аз онҳо ҳамшираҳои хуби шафқат мебарояд» ҳамзамон «ҳамаи мардон малакаи пешбарӣ доранд ва аз онҳо пешсафони хуб мебарояд»). Чунин ақидаҳо инкишофи қобилиятҳои табиӣ ва имкониятҳои писарону духтарон, занону мардонро маҳдуд сохта, ба гирифтани таҳсилот ва имкониятҳои ҳаётӣ монеа мешаванд. |
| Чорабиниҳои намоишӣ | Тадбирҳо ё амалҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳо ё татбиқи ҳадафҳо бо истифодаи кӯшиш ва хоҳиши маҳдуд, махсусан нисбат ба гурӯҳҳои ақалият ва занон, бо усуле, ки роҳбарӣ ва фаъолии мардонро дар тақсимоти ҳокимият ва вазифаҳои ташкилот тағйир намедиҳад. |
| Фаъолгардонии занон | Фаъолгардонии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии занон тавассути додан ва устувор гардонидани ҳуқуқҳо, имкониятҳо ва дастрасӣ ба таҷҳизот ва захираҳо, иштироки баробар дар ҷараёнҳое, ки пештар манъ ё маҳдуд буданд. Мардону занон |

| | |
|---|---|
| | ба қудрат/ҳокимият ва захираҳо дастрасии мухталиф ва нобаробар доранд ва ин хусусияти асосиест, ки тақсимоти гендерии фаъолияти меҳнатиро муайян мекунад. |
| Нақши сесамтаи занон | Нақши сесамтаи занон яъне нақши репродуктивӣ, истеҳсолӣ ва идоракунии ҷамъиятии занон мебошад. |

## Замимаи B. Луғатнома оид ба ҳуқуқи инсон

| Истилоҳ | Шарҳ |
|---|---|
| Амали мушаххас | Амалиёти мушаххас аз тарафи муассисаҳои давлатӣ ё хусусӣ ба мақсади аз байн бурдани маҳдудкунӣ дар таҳсилот, кор ё пешравӣ дар асоси хусусиятҳои гендерӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ё маъюбӣ ба сомон расонида мешавад. |
| Ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ | Ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодӣ ва баробарӣ; одатан ба гурӯҳи насли якуми ҳуқуқҳо мансубанд. Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ озодии виҷдон, фикр ва баёни ақида, овоздиҳӣ, иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва дастрасӣ ба иттилоотро фаро мегиранд. |
| Эътироф, эътирофкунӣ | Ҷараёни эътирофи хаттии қонунҳои байналмилалӣ. |
| Ҳуқуқҳои коллективона/дастаҷамъона | Ҳуқуқҳои гурӯҳ барои муҳофизати талабот ва нишонаҳо. |
| Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон | Ташкилоте, ки аз тарафи Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) ба мақсади назорати ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст; яке аз аввалин ва муҳимтарин созмони байналхалқии ҳуқуқи инсон. |
| Аҳднома (Конвенсия) | Созишнома байни давлатҳо: Аҳднома назар ба Эъломия қавитар аст, зеро он давлатҳои имзокунандаро ба таври ҳуқуқӣ ӯҳдадор мегардонад. Вақте ки Созмони миллали муттаҳид аҳдномаеро тасдиқ мекунад, он стандартҳо ва қоидаҳои байналхалқиро эҷод мекунад. Вақте ки аҳднома аз тарафи Ассамблеяи генералии Созмони миллали муттаҳид тасдиқ карда мешавад, давлатҳои аъзо онро эътироф карда, ваъда медиҳанд, ки талаботи онро риоя кунанд. Давлатҳое, ки талаботи Аҳдномаро риоя намекунанд аз тарафи СММ огоҳонида мешаванд. |
| Аҳднома оид ба аз байн бурдани ҳама навъи хушунат нисбат ба занон | Аҳднома оид ба аз байн бурдани ҳама навъи хушунат нисбат ба занон соли 1979 аз тарафи Ассамблеяи генералии СММ қабул шудааст. Мақсади Аҳдномаи мазкур таъмини баробарӣ байни занону мардон тавассути фароҳам овардани дастрасии баробар ва имкониятҳои баробар дар ҳаёти иҷтимоӣ, таҳсилот, тандурустӣ ва меҳнат. |
| Аҳдномаи ҳуқуқи кӯдак | Аҳднома ҳуқуқҳои кӯдакро дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ, маданӣ, иқтисодӣ, шаҳрвандӣ ва сиёсӣ |

| | |
|---|---|
| | муайян мекунад. Аҳдномаи мазкур соли 1989 қабул шуда, соли 1990 ба амал бароварда шудааст. |
| Созишнома | Қарордод байни давлатҳо. Созишномаҳои асосии байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон соли 1966 қабул шудаанд. Онҳо Созишномаи байналхалқии Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Созишнома оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ. |
| Ҳуқуқҳои асосии байналхалқӣ | Ҳуқуқҳое, ки новобаста аз интишорашон барои давлат ҳатми мешаванд ва он аз тартиби маълуми қабули қонунҳо берун аст; вақте ки аксари давлатҳо ягон масъаларо ҳамчун қонун қабул карда, аз рӯйи он фаъолият мекунанд он «қонуни амалишаванда» мегардад; ин яке аз сарчашмаҳои асосии қонунҳои байналхалқӣ ба шумор меравад. |
| Эъломия | Ҳуҷҷате, ки дар асоси стандартҳо қабул шуда, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ надорад. Конфронсҳое, ки аз тарафи СММ гузаронида мешаванд ба монанди Конфронс оид ба ҳуқуқи инсон, ки соли 1993 дар Вена гузаронида шуда буд ва Конфронси умумихалқӣ барои занон, ки соли 1995 дар Пекин гузаронида щуда буд ду маҷмӯи эъломияҳоро қабул карданд: яке аз тарафи намояндагони давлатҳо ва яке аз тарафи намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ таҳия шуда буданд. Ассамблеяи генералии СММ одатан эъломияҳои таъсиррасон ва бе уҳдадориҳои ҳуқуқӣ таҳия мекунад. |
| Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ | Шӯрои СММ, ки аз 54 аъзо иборат буда, асосан ба масъалаҳои аҳолӣ, рушди иқтисодӣ, ҳуқуқи инсон ва адолати ҷиноӣ сару кор дорад. Ин ташкилоти бонуфуз асосан ҳисоботҳои оид ба масъалаҳои гуногун қабул карда, нашр менамояд. |
| Ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ | Ҳуқуқҳое, ки масъалаҳои истеҳсолот, рушд ва идоракунии маводи ба ҳаёт зарурро баррасӣ мекунанд. Ҳуқуқ ба муҳофизат ва рушди нишонаҳои маданӣ. Ҳуқуқе, ки ба одамон бехатарии иҷтимоӣ ва иқтисодиро таъмин намуда, баъзан онҳоро ҳамчун ҳуқуқҳои ба бехатарӣ нигаронидашуда ё ҳуқуқҳои насли дуюм ном мегиранд. Намунаҳо чунинанд: ҳуқуқ ба ғизо, ҳуқуқ ба манзил/паноҳгоҳ ва ҳуқуқ ба нигоҳубини тиббӣ/табобат. |
| Ҳуқуқҳо оид ба муҳити зист, фарҳанг ва инкишоф | Баъзан ҳамчун ҳуқуқҳои насли сеюм шинохта шуда, барои танзими ҳуқуқҳои инсон оид ба зиндагӣ дар муҳити бехатар ва солим ва ҳуқуқи гурӯҳи одамон ба |

| | |
|---|---|
| | инкишофи фарҳанг, сиёсат ва иқтисодиёт равона шудаанд. |
| Геносид | Ба таври системавӣ ба ҳалокат расонидани одамон вобаста ба нажод ё миллат/халқият. |
| Ҳуқуқҳои инсон | Ҳуқуқҳое, ки ба одамон танҳо барои он ки инсонанд новобаста аз ҳолати шаҳрвандӣ, миллат, нажод, халқият, забон, гендер, завқи шаҳвонӣ ё имкониятҳо дода мешаванд. Ҳуқуқҳои инсон дар ҳолате қурби ҳуқуқӣ пайдо мекунанд, ки агар эътироф шуда бошанд, ҳамчун созишнома ё аҳднома қабул шуда бошанд ё ҳамчун ҳуқуқҳои асосии байналхалқӣ шинохта шуда бошанд. |
| Ҷомеаи ҳуқуқи инсон | Ҷомеае, ки дар асоси ҳуқуқҳои инсон таъсис дода шуда, дар он ҳуқуқҳои заминавии ҳар як шахсият ҳамчун асос барои фаъолият ва рушди ҷамъият шинохта мешаванд. Ҷомеае, ки ҳар як моддаи Эъломияи ҳуқуқи инсонро риоя мекунад. |
| Ҷудонашванда/Таркибӣ | Ҳуқуқҳое, ки ба ҳар як шахс таалуқ дошта, дар ягон сурат ин ҳуқуқҳоро аз ӯ маҳрум карда наметавонанд. |
| Мардуми муқимӣ | Мардуме, ки аслан ё табиӣ муқими мамлакате мебошанд. Масалан, Амрикоиҳои маҳаллӣ мардуми муқимии ИМА мебошанд. |
| Ҷудонопазир | Маънои баробарии зарурати ҳар як қонун оид ба ҳуқуқи инсонро дорад. Дар асоси ақидае шахсе, ки ҳуқуқро «нолозим» ё «камаҳмият» мешуморад, ҳуқуқи шахс маҳдуд карда намешавад, |
| Баҳампайванд | Қолаби умумии қонунҳои ҳуқуқи инсонро мефаҳмонад. Масалан, қобилияти шумо барои иштирок дар идораи ҳукумат бевосита ба ҳуқуқҳои шумо оид ба баёни ақида, таҳсил гирифтан ва ҳатто дастрасӣ ба маводи ба ҳаёт зарур алоқаманд мебошад. |
| Ташкилотҳои байниҳукуматӣ | Ташкилотҳое, ки аз тарафи якчанд мамлакат/ҳукумат маблағгузорӣ шуда, ба мақсади ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои якҷояи онҳо таъсис дода мешаванд; баъзеи чунин ташкилотҳо минтақавӣ мебошанд (масалан, Шӯрои Аврупо, Ташкилоти ваҳдати Африқо), баъзеашон аллианс мебошанд (масалан, Ташкилоти аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ, НАТО); |

| | |
|---|---|
| | баъзеашон барои татбиқи мақсади муайян таъсис дода мешаванд (масалан, Маркази СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва Ташкилоти СММ оид ба маориф, илм ва фарҳанг, ЮНЕСКО). |
| Қарордоди байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон | Маҷмӯи Эъломияи байналхалқии ҳуқуқи инсон, Созишномаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Протоколи алтернативии он ва Аҳдномаи байналхалқии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. |
| Созишномаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ | Соли 1966 қабул шуда, аз соли 1976 амалӣ гардонида мешавад. Созишномаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ эълон менамояд, ки ҳамаи одамон силсилаи васеи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ доранд. Яке аз унсури Қарордоди байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. |
| Аҳдномаи байналхалқии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ | Соли 1966 қабул шуда, аз соли 1976 амалӣ гардонида мешавад. Аҳдномаи байналхалқии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ эълон медорад, ки ҳамаи одамон силсилаи васеи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ доранд.<br>Яке аз унсури Қарордоди байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. |
| Ташкилоти байналхалқии меҳнат | Ҳамчун қисми таркибии Аҳдномаи сулҳи Версал соли 1919 ба мақсади баланд бардоштани шароити меҳнат ва рушди адолати иҷтимоӣ таъсис дода шудааст; Ташкилоти байналхалқии меҳнат аз соли 1946 инҷониб ҳамчун Хадамоти махсуси СММ фаъолият мекунад. |
| Ҳуқуқҳои қонунӣ | Ҳуқуқҳое, ки дар қонунҳо дарҷ шуда, хифз шуда, дар додгоҳ баррасӣ карда мешаванд. |
| Давлатҳои аъзо | Давлатҳое, ки узви СММ мебошанд. |
| Ҳуқуқҳои маънавӣ | Ҳуқуқҳое, ки аз принсипҳои асосии адолат бармеоянд; онҳо аслан, вале на ҳамеша дар асоси эътиқоди динӣ ба миён меоянд. Одамон ҳарчанд ҳуқуқи қонунӣ надошта бошанд ҳам, ҳуқуқҳои маънавии худро мешиносанд. Масалан, дар ҷараёни ҳаракати ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ дар ИМА эътирозгарон бар зидди қонуне, ки таҳсилоти сиёҳпӯстон ва сафедпӯстонро дар як мактаб манъ мекард баромад карда, тасдиқ намуданд, ки ин қонун ҳуқуқҳои маънавии онҳоро поймол менамоянд. |
| Ҳуқуқҳои табиӣ | Ҳуқуқҳое, ки ба мардум барои инсон буданашон дода мешаванд. |
| Ғайриҳатмӣ | Ҳуҷҷате, ки уҳдадории расмии ҳуқуқиро фаро намегирад, ба монанди Эъломия. Вале он метавонад |

| | |
|---|---|
| | ухдадориҳои маънавиро фаро гирад ё дар қонун ҳамчун ҳуқуқҳои асосии байналхалқӣ шинохта шавад. |
| Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ | Ташкилотҳое, ки аз тарафи одамон берун аз ҳукумат ташкил дода мешаванд. Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ҷараёни риояи ҳуқуқҳои инсонро назорат мекунанд, ба монанди Коммиссия оид ба ҳуқуқи инсон ва «назоратчиёне», ки масъалаи ҳуқуқи инсон ба вазифаномаи онҳо дохил мешавад. Баъзе ташкилотҳо калон ва байналхалқианд (масалан, Ҳилоли аҳмар, Амнести Интернешнл ва ғайра); баъзеи онҳо хурд ва маҳаллӣ буда метавонанд (масалан, ташкилоте, ки хоҳиши одамони маъюбро дар шаҳр пешбарӣ мекунад; созмоне, ки ҳуқуқҳои занонро дар бошишгоҳи гурезаҳо дастгирӣ мекунад ва ғайра). Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар татбиқи сиёсати СММ нақши муҳим дошта, аксари онҳо мавқеи хоси машваратиро дар СММ соҳиб гаштаанд. |
| Ҳуқуқҳои сиёсӣ | Ҳуқуқи одамон ба иштирок дар ҳаёти сиёсии маҳалла ва ҷамоати хеш. Масалан, ҳуқуқ ба интихоби ҳукумат ва роҳбари корхона. Нигаред ба қисми Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. |
| Ҷудоиандозии мусбат | Муносибати алоҳида ва махсус ба намояндагони гурӯҳи аққалият нисбат ба гурӯҳи аксарият ба мақсади таъмини баробарии иҷтимоӣ. |
| Протокол | Қароре, ки қарори дигарро шарҳ медиҳад (масалан, илова кардани ҷараёнҳои иловагӣ ё маводи ёрирасон) |
| Эътироф кардан | Ҷараёне, ки дар он сохтори ҳуқуқии давлат амалиёти ҳукуматиро бо имзо кардани қарор тасдиқ мекунад. Тартиботи расмие, ки дар натиҷа давлат бо қабули қарор талаботи созишномаеро ба ухда мегирад. |
| Эътироф накардан | Яъне эътироф нашудани созишнома аз тарафи давлатҳо (яъне риоя накардан ва розӣ нашудан ба талаботи созишнома). Эътироф накардан ба маъно ва вазифаи асосии созишнома/қарорро маҳдуд намекунад. |
| Худмуайянкунӣ | Худмуайянкунии ҷараёни сиёсатиояндаи мамлакат аз тарафи мардум бе таъсири берунаи мамлакатҳои минтақа. |
| Ба имзо расондан, имзо кардан | Дар соҳаи ҳуқуқи инсон қадами аввали эътироф кардани созишнома аст; ба имзо расонидани Эъломия, Созишнома ё тарафҳо принсипҳои ҳуҷҷатро қабул карда, дар маҷмӯъ онро қабул доранд. |

| | |
|---|---|
| Давлат | Одатан бо калимаи «мамлакат» ҳаммаъно истифода мешавад; гурӯҳи одамоне, ки ҳудуди муайянро ишғол карда, қонунҳо ва ҳукумати ягона дошта, имконияти ба роҳ мондани корҳои байналхалқиро доранд, мебошад. |
| Давлатҳои шомил | Мамлакатҳое, ки Созишнома ё Аҳдномаеро эътироф карда, минбаъд талаботи онро риоя ва таъмин менамоянд. |
| Қарордод | Созишномаи расмии байни мамлакатҳое, ки ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои худро муайян ё мутобиқ месозанд; ҳамчун калимаи ҳаммаъно бо Аҳднома ва Созишнома истифода мешавад. Вақте ки қарордодҳо аз тарафи Ассамблеяи генералии СММ қабул мешаванд, ҳамзамон уҳдадориҳои он барои мамлакатҳои аъзое, ки қарордодро имзо кардаанд, ҳатми мешаванд. Вақте ки ҳукумат ин қарордоро эътироф мекунад, талабот он ҳамчун қисми уҳдадориҳои ҳуқуқии маҳаллӣ шинохта мешавад. |
| Низомномаи СММ | Ҳуҷҷати асосие, ки ҳадаф, вазифа ва уҳдадориҳои СММ муайян мекунад. Он соли 1945 дар Сан Франсиско қабул шудааст. |
| Ассамблеяи генералии СММ | Яке аз дастгоҳи асосии/роҳбарикунандаи СММ, ки аз намояндагони ҳамаи мамлакатҳои аъзо ташкил дода шудааст. Ассамблеяи генералии СММ Эъломияҳо таҳия карда, оид ба ҳуқуқи инсон аҳдномаҳо қабул мекунад, масъалаҳои марбутро баррасӣ мекунад, мамлакатҳое, ки ҳуқуқи инсон дар он поймол карда мешавад, пайгирӣ мекунад. Фаъолияти Ассамблеяи генералӣ аз тарафи Низомномаи СММ муайян карда мешавад. |
| Эъломияи умумибашарии ҳуқуқи инсон | Аз тарафи ассамблеяи генералии СММ 10 декабри соли 1948 қабул шудааст. Ҳуҷҷати асосии СММ, ки стандарт ва қоидаҳои ҳуқуқи инсонромуайян мекунад. Ҳамаи мамлакатҳои аъзо ба риояи талабот Эъломияро розигӣ додаанд. Ҳарчанд Эъломия ҳамчун ҳуҷҷати ғайриҳатмӣ таҳия шуда бошад ҳам, аксари талабот он аз тарафи давлатҳои мухталиф қабул шудаанд, айни замон мо гуфта метавонем, ки он ҳамчун Ҳуқуқҳои асосии байналхалқӣ шинохта шудааст. |

## Замимаи Г. Машғулиятҳои иловагӣ барои таълими Ҳуқуқи инсон

### Машғулияти 1 – Харитакашии ҳуқуқи инсон дар маҳаллаи мо

Шарҳ: иштирокчиён якҷоя кор карда, харитаи маҳаллашонро тартиб дода, хуқуқҳоро мувофиқи муассисаҳои асосии маҳал муайян мекунанд.

Вақт: 1 соат (аммо ин машғулиятро дар давоми чанд рӯз гузаронидан мумкин аст)

Мавод: маводи рассомӣ, варақи калон, нусхаҳои эъломияи ҳуқуқи башар (шакли пурра ва ё содакардашуда)

Машғулият

1. Иштирокчиёнро ба гурӯҳҳои хурд муттаҳид намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки харитаи шаҳрашонро (ё деҳа, маҳаллашон) кашанд. Онҳо бояд дар харита хонаҳояшон, муассисаҳои асосии ҷамъиятӣ (боғҳо, почта, бинои ҳукумати шарҳ, мактабҳо, ибодатхона) ва муассисаҳои хизматрасонии ҷамъиятӣ (беморхонаҳо, шӯъбаи оташнишонӣ, шӯъбаи милиса) ва дигар мавзеъҳое, ки барои ҷомеа муҳимманд (мағозаи хӯрокворӣ, қабристон, кинотеатр, нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ), ҷо диҳанд.

2. Вақте ки иштирокчиён кашидани харитаро ба охир мерасонанд, аз онҳо хоҳиш намоед, ки харитаи омоддакардаашонро аз ҷиҳати ҳуқуқи инсон таҳлил намоянд. Кадом ҳуқуқи инсонро онҳо бо мавзеъҳои гуногуни харита мувофиқ гузошта метавонанд? Масалан, ибодатхонаро онҳо метавонанд бо озодии баён, виҷдон ва дин мувофиқ гузоранд; мактабро бо ҳуқуқ ба таҳсил; поҷтаро ҳуқуқ ба муошират, хуқуқ ба маҳрамият ва худмуаррифӣ. Вақте ки иштирокчиён ин ҳуқуқҳоро муайян мекунанд аз онҳо хоҳиш намоед, ки аз Эъломияи ҳуқуқи башар моддаи мувофиқро ёфта, рақами онро дар бари мавзеъи дар харита омада нависанд.

3. Аз ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки харитаи омоддакардаашонро ба аҳли синф муаррифӣ карда, таҷрибаи риояи ҳуқуқҳои инсонро дар маҳаллаашон таҳлилу ҷамъбаст кунанд.

- Оё дар ягон қисми харитаи шумо маҷмӯи бештари ҳуқуқҳо пайдо шуд? Шумо инро чӣ гуна шарҳ медиҳед?
- Оё дар ягон мавзеи харитаи шумо шумораи ками ҳуқуқҳо ё тамоман мувофиқ наомадани онҳо вуҷуд дорад? Шумо инро чӣ гуна шарҳ медиҳед?
- Кадом моддаи Эъломияи ҳуқуқи башар махсусан дар маҳаллаи шумо дастгирӣ мешавад? Шумо инро чӣ гуна шарҳ медиҳед?
- Ягон боби Эъломияи ҳуқуқи башар, ки ягон гурӯҳ онро илова накарда бошад ҳаст? Шумо инро чӣ гуна шарҳ медиҳед?

- Кадом ҳуқуқҳо ҳамчун ҳуқуқи иҷтимоӣ ва сиёсӣ муайян шудаанд? Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ кадомҳоянд?

- Ба луғатномаи ҳуқуқи инсон, ки дар Замимаи В оварда шудааст, назар кунед. Оё як навъи ҳуқуқ дар харита зиёд ба қайд гирифта шудааст? Оё як навъи ҳуқуқ дар мавзеи мушаххас бартарӣ дорад (Масалан, ҳуқуқҳои зиёди иҷтимоӣ ва сиёсӣ атрофи бинои додгоҳ, бинои ҳукумати шаҳр ё шӯъбаи милиса ба қайд гирифта шудаанд)?

- Бори дигар ба харитаатон назар карда, гӯед, ки оё ягон ҳуқуқро ба он илова карданиед, махсусан ҳамон ҳуқуқҳое, ки дар гунаи аввали харитаатон дарҷ нашуда буд?

4. Муҳокима:

- Оё дар маҳалла ягон мавзее вуҷуд дорад, ки дар он ҷо ҳуқуқи инсон поймол гардад?

- Оё дар маҳалла ягон нафаре ҳаст, ки ҳуқуқаш поймол шуда бошад?

- Агар ҳуқуқи нафаре поймол шавад, он гоҳ дар ин маҳалла чӣ ҳодиса рух медиҳад?

- Оё дар ин маҳалла ягон ҷойе ҳаст, ки одамон барои ҳифзи ҳуқуқи инсон тадбире андешанд ё поймолшавии ҳуқуқҳоро пешгирӣ намоянд?

5. Дароз кардани машғулият – ҳар як қадами машғулиятро дар рӯзҳои гуногун гузаронидан мумкин аст. Ин ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки барои кашидани харита ва муайян кардани ҳуқуқҳо вобаста ба мавзеъҳои гуногун вақти кофӣ дошта бошанд.

6. Меҳмон – қадами чорум имконияти медиҳад, ки ҳуқуқшинос ё ҳомии ҳуқуқи инсонро барои бо гурӯҳ суҳбат кардан даъват шавад.

7. Ба ҳуқуқи кӯдакон диққат додан – Дар мактаб ба ҷойи Эъломияи ҳуқуқи инсон Аҳдномаи ҳуқуқҳои кӯдак истифода бурда метавонед. Дар ин ҳолат намояндаи маркази ҳифзи кӯдак ё гурӯҳҳои ташабускори ҳифзи кӯдакон барои бо иштирокчиён суҳбат кардан даъват мешавад.

**Машғулияти 2 – Ҳуқуқи инсон дар барномаи ахбор**

Шарҳ: дар ҷараёни машғулияти мазкур ахбори тозатарини рӯзномаву барномаҳои телевизионӣ ба мақсади баланд бардоштани сатҳи огаҳӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон дар ҳаёти ҳамарӯза ва на танҳо нишон додани ҳодисаҳои поймолшавии ҳуқуқҳо, балки воситаҳои муҳофизат ва татбиқи ин ҳуқуқҳо истифода мешавад.

Вақт: 30-45 дақиқа

Мавод: саҳифаи рӯзнома, варақи калон, ширеш ё скотч, қайчӣ, нусхаҳои эъломияи ҳуқуқи башар (шакли пурра ва ё содакардашуда)

*Эзоҳ: Роҳбаладони маърифати шаҳрвандӣ метавонанд аз иштирокчиён хоҳиш намоянд, ки ба машғулият бо худ рӯзнома ё мақола оранд.*

Машғулият

1. Иштирокчиёнро ба гурӯҳҳои хурд муттаҳид намоед. Ба ҳар гурӯҳ як рӯзнома ё саҳифаи рӯзнома, қайчӣ, скотч ё ширеш ва варақи калон диҳед.

2. Ҳар гурӯҳ аз маводи рӯзнома истифода бурда, овезае (плакате)-ро мувофиқи категорияҳои зерин таҳия мекунанд:

a. Ҳуқуққое, ки самаранок истифода мешаванд

b. Ҳуқуққое, ки рад (поймол) мешаванд

c. Ҳуқуққое, ки ҳифз мешаванд

d. Ҳуқуққое, ки муҳокима мешаванд (дар низоъ қарор доранд)

Иштирочиёнро водор намоед, ки на танҳо ба мақолаҳо ва ахбор диққат диҳанд, балки ба дигар қисмҳои рӯзнома, ба монанди эълону рекламаҳо (забони рӯзнома низ ҳуқуқ ба забон ва маданиятро инъикос мекунад, реклама шояд ҳуқуқро ба моликияти шахсӣ, ҳисоботи чорабиниҳои иҷтимоӣ ҳуқуқи маданиро ва саҳифаи ба шахсӣ метавонад аксари ҳуқуққоро инъикос кунанд).

3. Вақте ки иштирокчиён барои ҳар категория маълумотро дарёфт мекунанд онҳо бояд барои ҳар категория як матнро интихоб карда, онро таҳлил намоянд:

- Кадом ҳуқуқи мушаххас дар ин ҳикоя/матн дарҷ шудааст? Онро дар бари мақола нависед.
- Аз Эъломияи ҳуқуқи инсон моддаи мувофиқе, ки ҳар ҳуқуқро фаро мегирад муайян кунед ва рақами онро дар рӯйихат ҷо диҳед.

Намунаи алтернативӣ – ҳамаи гурӯҳҳо дар якҷоягӣ чор овезаро омода мекунанд, онҳо мақолаҳои муайянкардаашонро ба ҳам оварда овезаҳои синфиро таҳия мекунанд.

4. Аз муаррификунандагони ҳар гурӯҳ хоҳиш намоед, ки интихоби гурӯҳро ҷамъбаст намоянд.

5. Аз овезаҳои ҳар гурӯҳ як ё ду мақоларо интихоб карда, аз гурӯҳ хоҳиш намоед, ки онро дар асоси Эъломияи ҳуқуқи инсон таҳлил кунанд:

- Кадом ҳуқуқи мушаххас дар мақолаҳои гуногун тасвир ёфтаанд?
- Кадом моддаи Эъломияи мувофиқ омад?
- Оид ба кадом соҳаи ҳуқуқ мақолаҳои зиёд оварда шудаанд: ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ? Барои шарҳи истилоҳҳо ба луғатномаи ҳуқуқи инсон, ки дар Замимаи В оварда шудааст, муроҷиат намоед. Ба фикри шумо чаро як навъи ҳуқуқ зиёд ба назар мерасад?

6. Муҳокима:

- Барои кадом навъи ҳуқуқ ёфтани мақола/матн осонтар ё мушкилтар буд? Чаро?
- Оё баъзе моддаҳои Эъломия назар ба дигар моддаҳо зиёдтар истифода шуданд? Оё баъзеи моддаҳои Эъломия тамоман истифода нашуданд? Инро чӣ гуна шарҳ медиҳед?
- Чанд мақола пурра ба ҳуқуқҳои инсон бахшида шудааст? Дар чанд мақола бо вуҷуди истифода нашудани мафҳумҳои мушаххас масъалаи ҳуқуқи инсон баррасӣ мешаванд? Ба фикри шумо чаро ҳуқуқи инсон дарҷ нашудааст?
- Ба фикри шумо (пас аз таҳлили мақолаҳои мазкур) ҳолати ҳуқуқи инсон дар ҷаҳон чӣ гуна аст? Дар Тоҷикистон чӣ? Дар маҳаллаи шумо чӣ?
- Кадом тадбирҳо ва фаъолиятҳои мусбат барои ҳифз ва иҷрои ҳуқуқҳои инсон дар мақолаҳо тасвир шудаанд?

Мустаҳкамкунӣ

1. Ҷустуҷӯро идома диҳед – овезаҳоро дар деворҳои синфхона ба муддати зиёдтар овезед. Дар ин ҷараён иштирокчиён ба овезаҳо мақолаҳои нав илова мекунанд. Бори дигар овезаҳоро арзёбӣ кунед ва муҳокимаи ҷамъбастӣ гузаронед.

2. Муқоисаи фарогириии масъалаи ҳуқуқи инсонро тавассути воситаҳои ахбори омма – аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки фарогирии як масъалаи ҳуқуқи инсонро дар рӯзномаҳои гуногун ва/ё воситаҳои ахбори оммаи гуногун (аз ҷумла, радио, маҷалла, телефизор) муқоиса намоянд. Кадом фарқиятро дар баррасии масъалаи мазкур онҳо мушоҳида карданд? Тавассути услуби баёни мақола? Оё тафсироти гуногуни ҳамон як масъала дида мешавад? Оё ягон гунаи мақолаҳо пурра ба масъалаи ҳуқуқи инсон бахшида шудаанд?

3. Таҳқиқи фарогирии масъалаи ҳуқуқи инсон тавассути телевизион – аз иштирокчиён хоҳиш намоед, ки барномаҳои ахборотии телефизиониро тамошо карда, мавзӯъҳои ба ҳуқуқи инсон бахшидашударо нависанд. Инчунин вақти ба ҳар мавзӯи ҳуқуқи инсон ҷудошударо муайян намоянд.

**Машғулияти 3 – Ба ҳуқуқи инсон додани симои инсонӣ**
Шарҳ: иштирокчиён тавассути фаъолияти шавқовар яке аз моддаҳои Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон баррассӣ мекунанд. Машғулияти мазкурро тағйир дода, бозии мувофиқгузорӣ, муаррифии иҷтимоӣ ё ҷашнгирии 10-уми декабр Рӯзи ҳуқуқҳои инсон гузарондан мумкин аст. Иштирокчиён инчунин метавонанд оид ба ҳуқуқи инсон овезаҳо таҳия карда, ҳамчун нишонаи ташкил намудани фазои ҳуқуқи инсон истифода баранд.

Вақт: вобаста ба фаъляияти интихобкардаатон вақтро муайян карда метавонед.

Мавод: воситаҳои рассомӣ, нусхаи Эъломияи ҳуқуқи инсон (пуррс ё шакли кӯтоҳшуда)

Машғулият

1. Иштирокчиён дар алоҳидагӣ ё гурӯҳҳои хурд машғул шуда, як боби Эъломияро, ки барояшон хеле муҳим аст, интихоб мекунанд. Онҳо метавонанд оид ба масъалаи истифода ҳуқуқ, маҳдуд шудани ҳуқуқҳо, ҳифзи ҳуқуқҳо ё ҳар се масъаларо баррасӣ кунанд.

2. Яке аз фаъолиятҳоро интихоб мекунанд.
Таҳияи:

- Саҳнача ё имову ишора
- Тасвири графикӣ ё нақша
- Суруд, рақс, зарбулмасал ё бозӣ (дар ин ҷо масъалаи мувофиқат ба анъанаҳои маҳал ба миён меояд)
- Шеър ё ҳикоя
- Эълону реклама
- Парчам

Эзоҳ: Лоиҳа набояд миқдори моддаҳоро маҳдуд созад.

3. Вақте ки иштирокчиён корҳои лоиҳавиашонро омодда мекунанд, аз ҳар гурӯҳ ё хонандаи алоҳида хоҳиш намоед, ки натиҷаи корашонро ба маърази намоиш гузоранд. Иштирокчиёни боқимонда бояд муайян кунанд, ки кадом моддаи Эъломия тасвир ёфтааст. Вақте ки моддаи Эъломия дуруст муайян карда мешавад, гурӯҳ ё иштирокчие, ки

ҷавоби дурустро муайян кардааст, моддаро пурра бо овози баланд мехонад. Муаррифии мазкурро ба таври гурӯҳи пешкаш кардан мумкин аст.

Мустаҳкамкунӣ

1. Намоиш – мусаввараҳои графикиро дар китобхона, осорхонаи кӯдакона ё идораи ҷамоат овезед ё аз онҳо тақвим таҳия намоед.

2. Муаррифӣ – саҳнача, имову ишора, суруд, рақс ё иншоҳоро иштирокчиён метавонанд ба ҳамгурӯҳон, волидайн ё гурӯҳҳои дигари маҳалла намоиш диҳанд.

3. Ҷашнгирӣ – шумо метавонед Рӯзи ҳуқуқи инсонро тавассути банақшагирии намоиши маводи мазкур рӯзи 10-уми декабр гузаронед. Ба ҷашни мазкур шумо метавонед намояндагони рӯзномаҳои маҳаллӣ, студияи телевизион ва намояндагони ҳукумати маҳаллиро даъват намоед.

Мутобиқсозӣ

1. Овезаҳо барои ҷойҳои ҷамъиятӣ – барои хотиррасон намудани қисми таркибии ҳаёти ҳар шахс будани ҳуқуқи инсон шумо мусаввара ё овезаҳо омодда карда метавонед. Масалан, шумо овезаро оид ба ҳушдор сохтани он ки ҷой кор ва мактаб «ҷомеаи ҳуқуқи инсон» аст, таҳия карда метавонед. Дар мавзее, ки проблемаҳои махсус ҷо доранд, овезаҳои мазкурро ҳамчун асос/мавод барои андешидани чорабиниҳо истифода бурда метавонед. Ба мақсади қадр кардан ва ба ҷо овардани ҳуқуқҳои инсон дар маҳаллаатон нақшаи стратегӣ таҳия намоед.

## Замимаи Д. Гузаронидани арзёбии масъалаҳои гендерӣ

Барои гузаронидани арзёбии масъалаҳои гендерӣ восита ва қолабҳои гуногуни самаранок истифода мешаванд. Баъзеи онҳо фарогир буда, масъалаҳои гендериро дар соҳаҳои мушаххас таҳлил мекунанд (кишоварзӣ, тандурустӣ, иштироки сиёсӣ ва ғайра) ё тамоми мамлакатро фаро мегиранд. Воситаҳои арзёбии масъалаҳои гендерӣ чунинанд:

- Қолаби арзёбии таҳлилии масъалаҳои гендерии Ҳавард (Havard)
- Матритсаи таҳлили гендерӣ
- Қолаби Мозер (Moser)
- Қолаби фаъолгардонии занон

Арзёбии масъалаҳои гендерӣ тавассути коркарди маълумот оид ба ҷомеаи мушаххас ба роҳ монда мешавад. Банақшагирандагони барномаҳо ва роҳбарон бояд шумораи мувофиқи занон, мардон, писарону духтаронро дар ҷараёни мусоҳиба, муҳокимаи гурӯҳӣ ва мушоҳидаҳо фаро гиранд, то ақидаҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор ёфта, ҷавобҳо дуруст ба қайд гирифта шаванд (агар ҷамъоварии маълумот дар сатҳи хонавода сурат гирад, он гоҳ бояд дар хотир дошт, ки на танҳо мард - сарвари хонавода пурсида шавад, балки аъзоёни зани хонавода ба таҳқиқот шомил шуда, оид ба талабот, таҷриба ва бартариҳои онҳо маълумоти дақиқ ҷамъ оварда шавад).
Ба мақсади татбиқи барномаи маърифати шаҳрвандӣ дар сатҳи маҳалла арзёбии хурди масъалаҳои гендерӣ мувофиқтар аст. Таҳиягарон ва роҳбарони барнома метавонанд аз воситаи **Маълумотнома оид ба фаъолияти ҳаррӯза** истифода баранд. Воситаи мазкур фаъолияти ҳаррӯзаи занон, мардон, писарону духтаронро дар давоми 24 соат тасвир мекунад. Мақсади воситаи мазкур таҳлили нақши занон, мардон, писарону духтарон буда, ҳангоми банақшагирӣ ва татбиқи барномаву лоиҳаҳо ҳамчун асос истифода мешавад.

**Маълумотнома оид ба фаъолияти ҳаррӯза**

| Духтарон | | Писарон | |
|---|---|---|---|
| Вақт | Фаъолият | Вақт | Фаъолият |
| | | | |

*Эзоҳ: ҳангоми зарурат фарқи байни фаъолияти занону духтаронро муайян намоед, зеро шояд онҳо дар давоми вақт ва бо андозаи муайян нақш ва уҳдадориҳои гуногунро иҷро намоянд. Ҳамин фаъолиятро нисбат ба мардону писарон истифода баред.*

Воситаи самараноки дигар **Ҷадвали фаъолиятҳо** аст. Воситаи мазкур барои ҷамъоварии маълумоти пурра ва дарки тақсимоти меҳнат аз рӯйи хусусиятҳои гендерӣ ёрӣ мерасонад. Воситаи мазкур барои гурӯҳбандии фаъолиятҳо ба истеҳсолӣ, репродуктивӣ ё ҷамъиятӣ истифода мешавад. Он маълумотро оид ба кӣ, кай ва дар куҷо ин фаъолиятҳоро иҷро мекунад, фароҳам меорад.

Фаъолиятҳои истеҳсолӣ – фаъолиятҳое, ки ба даромад/фоида ва беҳдошти иқтисодии хонавода ё ҷомеа саҳм мегузоранд, фаҳмида мешаванд. Ҳам занону ҳам мардон як қатор фаъолиятҳои истеҳсолиро ба сомон меравонанд. Нақши истеҳсолии занон метавонад дарёфт кардани пули нақд ва фаъолияти хоҷагидорӣ (хоҳ аз ин фаъолият маблағ ба даст оранд хоҳ не), нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ, коркарди маводи хӯрока барои фурӯш, истеҳсолоти хоҷагидорӣ ё кори хонагӣ ва кор дар муассисаҳои расмиро фаро гирад.

Фаъолиятҳои репродуктивӣ – фаъолиятҳои репродуктивӣ ва нигоҳубинӣ хонавода мебошад. Уҳдадории пешгирии ҳамл ва қабули қарор оид ба таваллуд вобаста ба тартиботи анъанавӣ метавонад ба души мард ё зан бошад. Таваллуди кӯдак нақши репродуктивӣ буда, аслан ба уҳдаи зан вогузор карда мешавад, аммо дар ин ҷараён нақши мардон дар аксари фарҳангҳо муҳим шинохта мешавад. Нақши дигари репродуктивии занон ҳомиладорӣ, таваллуди кӯдак ва синамаконӣ мебошад. Фаъолиятҳои репродуктивӣ инчунин хизматрасонии асосие, ки бояд барои қонеъ грдонидани оила ва ҷомеа ҳамарӯза ба сомон расонида шавад ба монанди дастрас кардани сӯзишворӣ ва об, фароҳам овардани хобгоҳ ва либосворӣ, тоза кардан, таҳсилот, тандурустӣ, нигоҳубини одамони калонсол ва коркард ва омода намудани хӯрок.

Идоракунии корҳои ҷамъиятӣ - фаъолиятҳое, ки идоракунӣ ва ҷамъоварии захираҳо барои истифодаи коллективонаи ҷамъиятӣ (ба монанди сӯзишворӣ, ҷангал ва об), инчунин иштирок дар чорабиниҳои маданӣ ва динӣ, чорабиниҳои расмӣ ва ғайрирасмии сиёсӣ ва иштирок дар рушди ташкилотро фаро мегиранд.

**Ҷадвали фаъолиятҳо**

| **Навъи фаъолият** | **Кӣ (гендер/ҷинс) Сину сол** | **Дар куҷо** | **Чӣ кадар** | **Кай** | **Чӣ тарз** | **Барои чӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Истеҳсолӣ** | | | | | | |
| **Репродуктивӣ** | | | | | | |
| **Идоракунии корҳои ҷамъиятӣ** | | | | | | |

Барои ҷамъ овардан ва дарки фарқияти гендерӣ дар муносибати қувваҳо ва завқ роҳбарони лоиҳаҳо аз воситаи **Маълумотнома оид ба дастрасӣ ва назорат** истифода бурда метавонанд. Воситаи мазкур ба мақсади ҷамъ овардан ва таҳлили дастрасии захираҳо ва фоидаҳое, ки одамон соҳиб мегарданд, истифода мешавад.

Инчунин дар асоси воситаи мазкур сатҳи дастрасӣ ба захираҳо ва қабули қарори ниҳоиро аз тарафи ҷинси мухталиф таҳлил карда метавонед.

Вобаста хусусияти ё соҳаи барнома номгӯйи захираҳо/маводро тағйир дода метавонед.

**Маълумотнома оид ба дастрасӣ ва назорат**

| Захираҳо | Дастрасӣ | | | | Назорат | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Духтар | Зан | Писар | Мард | Духтар | Зан | Писар | Мард |
| Мавод Мол | | | | | | | | |
| Иттилоот | | | | | | | | |
| Қарз | | | | | | | | |
| Тандурустӣ | | | | | | | | |
| Таҳсилот | | | | | | | | |
| Замин | | | | | | | | |
| Таҷҳизот | | | | | | | | |
| Ҳайвоноти хонагӣ | | | | | | | | |
| Саҳм дар хоҷагӣ | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

**Адабиёт**


- Some guidelines were adapted from *Guidelines for Gender Sensitive Training* (ICIMOD, 2009).
- Human rights activities were adapted from Flowers, N., ed., *Human Rights Here and Now: Celebrating the Universal Declaration of Human Rights* (Human Rights Educators' Network,1998). http://www1.umn.edu/humanrts/edumat/hreduseries/hereandnow/Default.htm
- Techniques were adapted from Henes, R. *Creating Gender Equity in Your Teaching* (Center for Women in Engineering, 1994).
- Human rights glossary was adapted from Flowers, N., ed., *Human Rights Here and Now: Celebrating the Universal Declaration of Human Rights* (Human Rights Educators' Network,1998). http://www1.umn.edu/humanrts/edumat/hreduseries/hereandnow/Default.htm
- Mario d'Agostino, Jochen Butt-Pośnik, Milena Butt-Pośnik, Pascal Chaumette, Ülly Enn, Heike Hornig, Nerijus Kriauciunas, "Coaching youth initiatives, Guide for Supporting Youth Participation", (http://www.salto-youth.net/downloads/4-17-938/coaching_guide_www.pdf), May 2006.